АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

**Шамсиддин КАРИМОВ**

# ТОҶИКИСТОН
# ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ
# АВРУПО ВА АМРИКО

**ДУШАНБЕ-2023**

*Ба истиқболи 35 солагии*
*Истиқлолияти давлатии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ТДУ 327(375,3+7/8+4)
ТКБ 66.4 (2тоҷик +7+4)
К-33

**Шамсиддин Каримов. Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Аврупо ва Амрико (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2023. –169 саҳ. (Таджикистан в орбите внешнеполитических интересов Европы и Америки.- Душанбе, 2023. – 169 стр.)**

МУҚАРРИЗОН:

Зокиров Г.Н., доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Воҳидова С., доктори илмҳои таърих, профессор

Маҷмӯаи мазкур масъалаҳои марбут ба ҳаёти сиёсию иҷтимоии замони муосирро дар робита бо Тоҷикистон ва сиёсати Иттиҳоди Аврупо ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар минтақаи Осиёи Миёна дар бар мегирад ва натиҷаи тадқиқот ва нигоштаҳои илмии чанд соли ахири муаллиф ва мулоҳизаву мушоҳидаҳояш дар доираи фаъолияти шуъбаи Аврупо ва Амрикои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (солҳои 2018-2023) мебошад.

Маҷмӯа ба доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

ISBN978-99985-0-415-8

© Каримов Шамсиддин, 2023

## МУНДАРИҶА

1. Ҷасорати сиёсии Пешвои миллат дар истиқрор ва таҳкими сулҳу субот дар минтақа ........................................................................................5
2. Стратегияи нави Штатҳои Муттаҳидаи Америка оид ба Осиёи Марказӣ: ҳалли мушкилиҳо кадом аст? ................................................................ 17
3. Ташаккул ва дурнамои робитаҳои Тоҷикистон ва ШМА дар замони Истиқлолият ............................................................................................22
4. ШМА ва СҲШ: мушкилиҳо ва дурнамои инкишофи муносибатҳо ..... 33
5. НАТО дар Осиёи Марказӣ: самтҳои асосии ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа ..................................................................................................... 45
6. Стратегияи нави амнияти миллии ШМА (2022) ...................................61
7. Дипломатияи ҷамъиятӣ ҳамчун воситаи пурсамари “нерӯи нарм” ва истифодаи НАТО аз он дар Осиёи Марказӣ .................................... 68
8. Идоракунии пурсамар ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ........................77
9. Созмонҳои байналмилалӣ ва ҳамкории онҳо бо созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон ....................................................................87
10. Андеша ва мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ афкори иҷтимоии Мавълоно Румӣ ......................................................................................... 96
11. Интихоботи ШМА – 2020 ....................................................................103
12. Он ҷо, ки ярок ҳаст, тирпарронӣ ҳам мешавад ..................................112
13. Ҳодисаҳои ахири Қирғизистон: боз як инқилоби нав? ......................117
14. Амрико ва Чин ба чӣ мувофиқа расиданд? ....................................... 122
15. Макрон дар Амрико чӣ меҷӯяд? ......................................................124
16. Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад .......................................................126
17. Импичменти Трамп: дурӯғ фурӯғ надорад ........................................129
18. Оё бозгашти Трамп ба қудрати сиёсӣ имконпазир аст? .....................132
19. Оё пирӯзии Толибон оғози ҷанги сард аст? .......................................135
20. Сафари Байден ба Аврупо: паёмҳо ва паёмадҳо ...............................139

21. Паёми сулҳу субот ва осоиши саросарӣ ............................................144
22. Сафаре, ки сулҳу суботро дар минтақа таҳким мебахшад .................148
23. Хушбинии эҳтиёткорона ё Назаре ба мулоқоти маҷозии Путин
ва Байден ...............................................................................................150
24. Ҳамоиш барои демократия: мақсад чӣ буд? .......................................153
25. Суханронии Ҷо Байден дар Варшава ................................................ 156
26. Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд? ...............................159
27. Таваллуди ҷаҳони нав .........................................................................161

АДАБИЁТ ............................................................................................ 164

## Ҷасорати сиёсии Пешвои миллат дар истиқрор ва таҳкими сулҳу субот дар минтақа

Дар ҷаҳони муосир ҳаракат ба сӯи ҷаҳони озод, ки дар он арзишҳои аслии инсонӣ мақоми махсус доранд ва инсон дар маркази таваҷҷуҳи он аст, хусусияти ҷаҳонӣ ба худ касб кардааст. Ва ин табиист. Дар тули таърих инсоният ҳамеша дар орзуи зиндагии осоишта ва шоиста будааст ва ин орзу ҳамчун маяк ва шуълаи умед онҳоро ба муборизаҳо ва талошҳои бардавом водор сохтааст. Аммо ин роҳ ва ин мубориза ҳаргиз якранг ва осон набудааст. Воқеияти ҷаҳони муосир аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯз аз дирӯз дар ин замина чандон тафовуте надорад. Аз ҷумла, ҳодисаҳои ахири Афғонистон ҷомеаи ҷаҳониро хеле нигарон кардааст. Бояд гуфт, ки масъалаҳои марбут ба ҷангу сулҳ, ҳалли моҷароҳои сиёсӣ ва дар заминаи онҳо таҳияи равандҳои ташкили низом ва субот, ташаккул ва инкишофи ваҳдати миллӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ дар асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баррасии васеъ ва ҳамаҷониба қарор гирифтаанд[1]. Ба ақидаи муҳаққиқи афғон Шарофуддин Шарафёр[2], мушкилот дар Афғонистон монанди захми ибтидоие аст, ки дар оғоз мешуд бо амали ҷарроҳии дақиқ аз пайкараи ҷомеа бартараф сохта шавад, вале инак, мутаассифона, бар асари бетаваҷҷуҳии масъулин ба марази саратон табдил гардидааст, ки умед ба дармон ва беҳбудии он душвор ба назар мерасад. Зеро ин бемории на танҳо дар пайкараи ҷомеа ва сиёсати давлат амиқ реша гирифтааст, балки бо вусъати доманадор ба бахшҳои мухталифи дигар низ сироят кардааст.

[1] Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Маҳдум Шоҳ Маҳмуд Қурейшӣ. 25 августи соли 2021. http://president.tj/node/26366

[2] Шарафёр, Шарофуддин. Хусусиятҳои моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва даҳолати кишварҳои хориҷӣ ба онҳо. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.06. - Низоъшиносӣ. Душанбе, 2021. - 49с.

Аслан ба сари қудрат омадани Толибон ин худ як шикасти бузург дар парвариш ва рушди арзишҳои аслии инсонист, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар давоми солҳои зиёд барои он мубориза бурдааст. Эътирофи Толибон рӯй гардондан аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва хок пошидан ба он дастовардҳо дар роҳи таҳкими бештари ҳуқуқи башар ва эъмори як ҷомеаи мардумсолор аст. Дар ин замина изҳороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пурарзиш ва баҷост: “Далелҳо возеҳан нишон медиҳанд, ки Толибон аз ваъдаҳои қаблии худ ҷиҳати ташкил додани ҳукумати муваққатии интиқолӣ бо иштироки васеи дигар нерӯҳои сиёсии кишвар даст кашида, ба бунёди аморати исломӣ омодагӣ мебинанд. Тоҷикистон ҳамагуна намуди беқонунӣ, зуҳуроти куштор, ғоратгарӣ ва таъқибу зулмро алайҳи мардуми Афғонистон, махсусан тоҷикон, узбекон ва дигар ақаллиятҳои миллӣ қатъиян маҳкум менамояд”[3].

Пешвои миллат на фақат  садои худро барои истиқрори сулҳу субот, адолати иҷтимоӣ, дифоъ аз арзишҳои аслии инсонӣ баланд кард, балки ҷасорати сиёсӣ ва фаҳмиши дурусти қазияи Афғонистонро ба ҳайси як марди сиёсат иброз намуд, ки шоистаи таҳсин ва дастгирист: “Тоҷикистон ҳеҷ гуна ҳукумати дигарро, ки дар ин кишвар бо роҳи зулму таъқиб, бе дарназардошти мавқеъи кулли мардуми Афгонистон, бахусус тамоми ақаллиятҳои миллии он таъсис дода мешавад эътироф нахоҳад кард. Тоҷикистон аз ҷомеъаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меорад, ки барои таъмини сулҳу субот дар Афгонистон ва ҳарчӣ тезтар муътадил гардонидани вазъияти мушкили сиёсиву амниятии он бо роҳи гуфтушунидҳо чораҳои фавриро бинад. Беэътиноии ҷомеъаи ҷаҳонӣ ба вазъияти имрузаи Афгонистон метавонад ба ҷанги давомнокӣ шаҳрвандӣ ба ин кишвар оварда расонад”[4].

---

[3] Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Маҳдум Шоҳ Маҳмуд Қурейшӣ. 25 августи соли 2021. http://president.tj/node/26366
[4] Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Маҳдум Шоҳ Маҳмуд Қурейшӣ. 25 августи соли 2021. http://president.tj/node/26366

Дар ҳамин замина сафари навбатии Пешвои миллат ба Аврупо, ки рӯзҳои 14-16 октябри соли равон сурат гирифт, сафари оддӣ набуд. Он дар фазои норавшани сиёсӣ ва мушкили марбут ба ҳодисаҳои ахири Афғонистон, ғасби қудрати сиёсии ин кишвар аз тарафи Толибон сурат гирифт. Хушбахтона, мавқеи Президенти Фаронса дар ин бобат равшан ва ҳамсадо бо изҳороти расмии Тоҷикистон аст. Аммо дигар кишварҳои Аврупо чӣ? Оё Иттиҳоди Аврупо низ дар маҷмӯъ аз чунин мавқеъ ва бархурд пуштибонӣ хоҳад кард? Агар ҳа, дар кадом шакл ва агар не, чӣ бояд кард? Роҳи ҳалли ин қазия ва ин падидаи номатлуб кадом аст?

Сафари Пешвои миллат ба Аврупо ва дар сатҳи олӣ пазируфта шудани ӯ ҳам дар Брюссел ва ҳам дар Фаронса аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ мавқеъ ва изҳороти таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дуруст меҳисобад ва аз чунин мавқеъгирииии шоиста ҷонибдорӣ мекунад[5]. Аз тарафи дигар, ин як паёми равшан ва мушаххас на фақат ба худи Толибон, балки ба тамоми инсонияти тараққипарвар аст, ки қазияи Афғонистон ва муносибат бо Толибон дар кадом шакл ва мазмун бояд арзёбӣ гардад. Натиҷаи мулоқоти сарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил[6] ва нишасти ахири Маскав перомуни мавзӯи Толибон[7] низ аз чунин мавқеи сиёсӣ ва ҳалли мушкилот далолат мекунад. Изҳороти мазкур дар бобати низоми сиёсии Толибон мавқеъ ва нуфузу эътибори Пешвои миллатро на фақат ба ҳайси лидери шинохтаи миллӣ, балки ҳамчун ходими барҷастаи сиёсӣ ва лидери минтақа низ дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд. Суханони Президенти Фаронса Эмануэл Макрон дар ин бобат гувоҳи равшананд, чун Макрон мавқеи принсипиалии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими субoти минтақавӣ ҳамчун сарвари

[5] Вохидова С. Обеспокоенность глав государств Таджикистана, Франции и Евросоюза за мир в Афганистане // www.osiyoavrupo/tj от 12.10.2021 .
[6] Заседание Совета глав государств СНГ. Москва, 15 октября 2021 // http://kremlin.ru/events/president/news/66937
[7] Началось третье заседание "московского формата" по Афганистану. 20.10.2021 // https://ria.ru/20211020/zasedanie-1755358106.html

оштинопазири давлати Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва ҳифзи ҳуқуқи занон махсус қайд кард: “Ман мехостам аз нақш ва талаботи шумо, ки барои ба эътидол овардани вазъи тағйирёфтаи минтақа хидмат мекунад, истиқбол кунам. Ва инчунин аз мавқеи кишваратон, ки нисбат ба гурӯҳҳои террористӣ ягон созишро қабул надорад ва дар ҳифзи арзишҳои мо, бахусус ҳуқуқҳои занон мебошад»[8].

Албатта, мавзӯи Афғонистон масъалаи ягона дар ин сафари Пешвои миллат ба Аврупо набуд. Ин сафар ҳамчунон баёнгари сиёсати хориҷии пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати идома ва тавсеаи сиёсати “дарҳои боз” ва гуногунсамт (многовекторная политика) низ мебошад. Рушду такомул ва таҳкими бештари муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо//Иттиҳоди Аврупо аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвари мо на фақат ба таъмини сулҳу субот дар минтақа, балки ба масъалаҳои рушду такомули баъдии равандҳои демократӣ, ҳуқуқи инсон, озодии сухан, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳравндӣ ҳамчун замонати рушди устувор ва зиндагии осоиштаи мардумон таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Моҳияти чунин стратегия дар он зоҳир мегардад, ки Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ на фақат бо шарикони анъанавии худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар бобати таъмини сулҳу суботи бардавом (Федератсияи Россия) ва рушду инкишофи иқтисод ва инфрасохторҳо (Ҷумҳурии Мардумии Чин) бомуваффақият давом хоҳад дод, балки ҳамкориҳои дуҷонибаро бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар самти таҳкими равандҳои созандаи демократӣ дар кишвар низ тақвият хоҳад бахшид.

Хулоса, изҳороти таърихии Президенти Тоҷикистон дар бобати низоми сиёсии Толибон ва мавқеи Чумҳурии Тоҷикистон дар ин бобат на фақат боҷуръатона, балки гувоҳи равшани ҷасорати сиёсии Пешвои миллат ҳамчун

---

[8] Вохидова С. Президент Франции Эманнуэл Макрон поприветствовал позицию Таджикистана по Афганистану // www.osiyoavrupo.tj от 16.10.2021

идомаи сиёсати дурбинона ва хирадмандонаи ӯст, ки аз истиқрори сулҳи тоҷикон ва таъмини ваҳдати миллӣ оғоз гардида, имрӯз шуҳрат ва эътибори ҷаҳонӣ касб намудааст ва Президент Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун сиёсатмадор ва лидери шоиста дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардааст.

## Политическое мужество Лидера нации в установлении и укреплении мира и стабильности в регионе


### Аннотация

Эта статья посвящена политическому мужеству Президента Эмомали Рахмона как Лидера нации и политического лидера Республики Таджикистан. С точки зрения автора, такой сильный характер и политическая воля позволили ему получить признание и уважение не только на национальном, но и на региональном и международном уровнях как настоящего политического деятеля.



**Ключевые слова**: политическое мужество, Эмомали Рахмон, мир и стабильность, региональная безопасность, Афганистан, ЕС.


## Political courage of the Leader of the Nation in establishing and strengthening peace and stability in the region


### Annotation

This article is dedicated to the political courage of President Emomali Rahmon as the Leader of the Nation and the political leader of the Republic of Tajikistan. From the author's point of view, such a strong character and political will allowed him to gain recognition and respect not only at the national, but also at the regional and international levels as a real political figure.



**Key words**: political courage, Emomali Rahmon, peace and stability, regional security, Afghanistan, EU.

# Стратегияи нави ШМА оид ба Осиёи Марказӣ: ҳалли мушкилиҳо кадом аст?

Осиёи Марказӣ ҳамчун манбаи муҳими муносибатҳои геополитикӣ ҳамеша дар мадди назари раҳбарони кишварҳои абарқудрат, аз ҷумла Штатҳои Муттаҳидаи Америка (ШМА) мебошад. Мавзӯи мазкур, махсусан, баъди барҳам хӯрдани Иттифоқи Советӣ мазмун ва моҳияти хосаеро касб кардааст. Коршиносон омилҳо ва сабабҳои зиёдеро дар мавриди таваҷҷуҳи махсуси ШМА ба минтақаи Осиёи Марказӣ ном мебаранд, Онҳо, аз ҷумла, чор ҳолати зеринро ҳамчун самтҳои асосии чунин рӯовариҳо донистаанд:

- мавқеи ҷуғрофии Осиёи Марказӣ аз нигоҳи стратегияи геополитикаи муосир, ҷойгиршавии он дар чорроҳаи бузургтарини бархӯрди манфиатҳои давлатҳои тавонманд ва аз нигоҳи иқтисодӣ муҳимтарин шоҳроҳҳои нақлиётӣ ва интиқоли сӯзишворӣ;
- захираҳои фаровони табиӣ ва инсонии минтақа;
- қаробати наздик доштан аз нигоҳи марзу бум, таъриху фарҳанг ва нуфуси аҳолӣ ба марказҳои низоъ, ихтилоф ва ташаннуҷ дар ҷаҳони ислом;
- тамаркузи назарраси мушкилиҳо ва таҳдидҳои глобалӣ дар минтақа (сарҳадӣ, қавмӣ, мазҳабӣ, муҳити зист ва ғайра)[9].

ШМА дар чанд соли ахир бори дуввум аст, ки ҳуҷҷати муҳимеро таҳти унвони «Стратегияи ШМА оид ба Осиёи Марказӣ» таҳия ва қабул мекунад. Ҳуҷҷати аввал соли 2015 қабул ва мавриди истифода қарор гирифта буд. Ва инак, стратегияи нави ШМА оид ба Осиёи Марказӣ барои солҳои 2019-2025 бо таваҷҷӯҳи махсус барои инкишоф ва такомули соҳибихтиёрӣ ва рушди иқтисодии минтақа қабул гардид[10]. Стратегияҳои мазкур дар асл идомаи

[9] Гули Юлдашева. Стратегия США в Центральной Азии: проблемы и достижения // Центральная Азия и Кавказ. Том 14. Выпуск 2, 2011. – Стр. 167-177.

[10] United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-prosperity/#.XlD0fhJRq2M.email

консепсияи маъмули «Осиёи Марказии Бузург» ва дигар лоиҳаҳои маъруф аст, ки солҳои 90-уми қарни гузашта тарҳрезӣ шуда, мақсадашон таъмини ҳузури воқеӣ ва тавонмандии ШМА на фақат дар Осиёи Миёна, балки дар тамоми ҷаҳони Шарқ аз тариқи заиф сохтани нуфузи дигар кишварҳои абарқудрат дар ин минтақа, махсусан, кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия мебошад. Тибқи ин нақша бояд ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои осиёии ба ШМА содиқ бояд бештар муташаккил шаванд ва оқибат аз Россия камтар вобаста гарданд. Бо ин мақсад танҳо дар давоми солҳои 1998-2005 аз тарафи Ҳукумати ШМА ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ба андозаи 1 млрд доллари амрикоӣ барои кӯмак маблағ ҷудо карда шуд[11]. Дар маҷмӯъ, Штатҳои Муттаҳида беш аз 9 миллиард долларро мустақиман барои дастгирии сулҳ ва амният, ислоҳоти демократӣ ва рушди иқтисодӣ ва инчунин барои қонеъ сохтани ниёзҳои башардӯстона дар Осиёи Марказӣ пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, сектори хусусии ШМА низ беш аз 31 миллиард долларро ба корхонаҳои тиҷоратии минтақа сармоягузорӣ кардааст[12].

Сиёсати ШМА дар мавриди Осиёи Марказӣ ҳамеша некбинона арзёбӣ шудааст, ки барои таъмини сулҳу субот, пешгирӣ аз низоъҳои номатлуб, рушди устувори иқтисодӣ, идоракунии самараноки давлатӣ, таъмини озодиҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ нигаронида шудааст. Барномаҳои мухталифи илмию фарҳангӣ ва маърифатӣ низ қисмати умдаи ин сиёсатро ташкил медиҳанд. Чунин муносибатҳо дар доираи консепсияи «ҳимояи манфиатҳои миллии ШМА» амалӣ мегарданд. ШМА ҳамеша кӯшидааст, ки амнияти миллии кишвар, тавонмандии иқтисодӣ ва ҳокимияти муқтадири сиёсии он дар саросари минтақа мавқеи асосӣ дошта бошанд.

---

[11] Стратегия США в Центральной Азии // http://eurasian-defence.ru/?q=node/6529
[12] United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity

Сиёсати ШМА дар Осиёи Марказӣ ҳамеша устувор ва муваффақ набудааст. Маълумоти мукаммал надоштан дар бораи авзои этникӣ, рӯҳию идеологӣ, қавмию мазҳабӣ ва ғайраи минтақа, пурра дарк накардани махсусиятҳои кишварҳои минтақа дар ибтидо, сиёсати сарфи назар кардани манфиатҳои кишварҳои дигар ба хотири қудратмандии танҳо худ, дуруст муайян ва мушаххас карда натавонистани афзалиятҳо, «забон» наёфтан бо дигар шарикони рушди минтақа (махсусан, Чин ва Россия) ва ғайра аз ҷумлаи он камбудиҳоеанд, ки ШМА дар таъйини сиёсати хеш роҳ додааст. Аммо чашмандоз ва манзараи сиёсии минтақа ҳам бетағйир намондааст. Аз як тараф, сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣ таи солҳои ахир оҳанги дигар касб кардааст, роҳбарони сиёсии ин кишварҳо камолоти сиёсӣ ёфтаанд, аз тарафи дигар, ШМА низ мавқеъгирии худро дигар сохтааст. Ба арсаи вуҷуд қадам гузоштани Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, ҳодисаҳои Афғонистону Шарқи Наздик, Эрон, Иттиҳоди Аврупо ва, албатта, фоҷиаи 11 сентябри соли 2001 боиси чунин мавқеъгириҳо ва таҷдиди назар ба вазъи куллии минтақа гардидаанд.

Дар давоми ин солҳо таваҷҷӯҳи ШМА ба Қазоқистон (масалан, ШМА дар соли 2018 ба ин кишвар ба андозаи 5,4 млрд доллар маблағгузорӣ кардааст)[13] ва Ӯзбекистон бештар ҳис мегардад. Яке ба сабаби қудрати иқтисодӣ ва захираҳои табиии он бошад (Қазоқистон), дигаре ба нисбати мақом ва ҳашамати сиёсии он дар таъмини сулҳу суботи минтақа аст (Ӯзбекистон)[14]. Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон дар ин бобат чандон мавриди таваҷҷуҳи хосаи ШМА қарор нагирифтаанд.

Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки мақсади асосии ШМА дар минтақа, пеш аз ҳама, манфиатҳои иқтисодӣ мебошад. Таъмини амният ва пешгирӣ аз

[13] Ирина Джорбанадзе. США придумали как «присвоить» Центральную Азию // https://www.rosbalt.ru/world/2019/12/23/1819852.html
[14] Белый Дом вскоре опубликует Стратегию США по Центальной Азии //https://www.swissinfo.ch/rus/белый-дом-вскоре-опубликует-стратегию-сша-по-центральной-азии---госдепартамен/45465250

низоъҳои сиёсии қавмию этникӣ, ҳудудӣ ва ғайра дар навбати дуюм қарор мегиранд. Маҳз аз тариқи муваффақона амалӣ сохтани барномаву лоиҳаҳои иқтисодӣ ШМА метавонист мавқеи худро дар минтақа мустаҳкам намояд, нуфузи афзояндаи Чинро дар бахши иқтисод, экспансияи маданию фарҳангӣ ва Россияро дар бахши низомӣ пешгирӣ намояд. Аммо нотавонбинии сиёсӣ ва сарфи назар кардани эътибор ва манфиатҳои дигарон ба иҷрои ин мақсадҳои стратегии ШМА монеъ шудаанд.

Инак, стратегияи нави ШМА дар мавриди Осиёи Марказӣ барои солҳои 2019-2025 тасдиқ шудааст. Муаллифони санади мазкур дар пешгуфтори он овардаанд, ки Штатҳои Муттаҳида дар тӯли се даҳсолаи охир барои таъмини амният, рушд ва шукуфоии ҳар яке аз ин кишварҳои минтақа пайваста кор кардаст. Манфиати аввалини стратегии Штатҳои Муттаҳида дар бунёди як минтақаи дорои инкишофи мутаносиб ва устувору тараққикардаи Осиёи Марказист, ки озодона манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятиро бо шарикони гуногун ва бо шартҳои худ татбиқ кунад; ба бозорҳои ҷаҳонӣ пайваст шавад ва барои сармоягузории байналмилалӣ кушода бошад; мавҷудияти ниҳодҳои қавии демократӣ, волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқи инсон таъмин гардад. Аз тарафи дигар,  Осиёи Марказии устувор ва бехатар ба нақши мустақими ШМА дар мубориза алайҳи терроризм, дастгирии суботи минтақавӣ, мусоидат ба амнияти энергетикӣ ва густариши шукуфоии иқтисодии минтақа саҳм мегузорад[15].

Албатта, ақидаҳо дар бораи заррати чунин санад, мақсад ва вазифаҳо мухталифанд. Масалан, зарурати қабул шудани чунин як санади стратегиро яке аз намояндагони Департаменти давлатии ШМА ба таври зайл ташреҳ кардааст: «Чин ва Россия барои дастёбӣ ба нуфузи бештар дар ин минтақаи аз нигоҳи захираҳои табиӣ сарватманд мубориза мебаранд, силоҳбадастони

[15] Стратегия США в Центральной Азии в противодействии России и Китаю // https://www.fondsk.ru/news/2019/12/20/strategia-us-dlja-centralnoj-azii-v-protivodejstvii-rossii-i-kitaju-49732.html

Афғонистон бошанд, ба субот ва амнияти он таҳдид мекунанд[16]». Ба ҳамин сабаб иддае аз коршиносон таъкид кардаанд, ки ин стратегия маҳз барои кам кардани нуфузи кишварҳои Чин, Россия ва Эрон дар минтақа равона шудааст. Аз тарафи дигар, ҳузури ШМА дар минтақа метавонад замонати таъмини истиқлолияти сиёсӣ ва амнияти ин кишварҳо бошад. Ин маънӣ дар стратегияи нав ҳам мушаххасан ифода ёфтааст, чун ба масъалаи рушди соҳибихтиёрӣ ва шукуфоии иқтисодӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир шудааст.

Оё ин стратегия воқеан ҳам як бархӯрди нав ба ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба рушду суботи минтақа аст? Аз назари мо, афзалиятҳо дар ин бобат бетағйир мондаанд. Мавзӯи рушди иқтисодӣ ва таъмини амнияти минтақа чун самтҳои афзалиятноки сиёсати ШМА дар Осиёи Марказӣ боқӣ мондааст. Дар ҳуҷҷат махсус қайд шудани масъалаи рушди соҳибихтиёрӣ ба он далолат мекунад, ки барои ШМА амнияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷӯҳи махсус қарор гирифтааст. Албатта, ин масъалаи ҳассос аст ва метавонад баъзе носуботӣ ва низоъҳои номатлубро ба бор оварад, чун дар ниҳояти кор сухан дар бобати маҳдуд сохтани нуфузи Россия ва Чин дар Осиёи Марказӣ меравад. Гумон меравад, ки ҳалли мушкилиҳои мавҷуда ва давраи инкишофи минтақа бидуни иштироки фаъолонаи Россия ғайриимкон хоҳад буд. Аз ин рӯ, хуб мебуд, агар ШМА ва дигар шарикони рушд ҳамкориҳоро бо Россия ва Чин дар бобати таъмини рушди устувор ва амнияти Осиёи Марказӣ таҷдиди назар мекарданд.

Нигаронии дигар, албатта, дохил кардани Афғонистон ба стратегияи Осиёи Марказӣ аст. Ҷиҳати мусбии чунин бархӯрд ин аст, ки пайвастшавии Афғонистон ба оилаи кишварҳои Осиёи Марказӣ иҷозат медиҳад, то Афғонистон аз дастоварду имкониятҳо ва таҷрибаи неки кишварҳои минтақа истифода барад, раванди сулҳ ва инкишофи бардавоми хешро таъмин намояд. Аз тарафи дигар, «афғоникунонии» Осиёи Марказӣ метавонад ба

[16] Стратегия США в Центральной Азии в противодействии России и Китаю // https://www.fondsk.ru/news/2019/12/20/strategia-us-dlja-centralnoj-azii-v-protivodejstvii-rossii-i-kitaju-49732.html

амният ва оромии минтақа халал ворид созад, чун гурӯҳҳои мухталифи иртиҷоӣ ва ифротгаро метавонанд аз ин имконият барои ғаразҳои нопоки худ истифода кунанд. Аҳамияти мавзӯъ ҳамчунин аз он иборат аст, ки Афғонистон як кишвари сермиллат аст - шумораи зиёди тоҷикон, ӯзбекҳо ва туркманҳо дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд, ки ин барои давлатҳои Осиёи Марказӣ ташвишовар буда, метавонад мушкилиҳои нав ба бор оварад. Аз тарафи дигар, бuҳрони Афғонистон метавонад ба буҳрони минтақавӣ ва тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ мубаддал гардад. Дар ин ҷо суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро, ки аз минбари Созмони Милали Муттаҳид садо додаанд, қайд кардан бамаврид аст, ки "мунокишаи Афғонистон тамоюли хатарнокро барои пайдоиши воҳидҳои ҷуғрофии анархистӣ ба вуҷуд меорад, ки метавонад ба пойгоҳи дастгирии ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, терроризми байналмилалӣ, экстремизм, радикализми динӣ ва инчунин паҳншавии силоҳ ва маводи мухаддир» [17].

Дар санади нави стратегӣ ҳалли монеаҳои инкишоф ва мушкилиҳоро аз тариқи амалӣ сохтани шаш нуктаи асосӣ пешниҳод кардаанд:

1. Дастгирӣ ва таҳкими соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ ҳамчун минтақа.
2. Коҳиши таҳдидҳои террористӣ дар Осиёи Марказӣ.
3. Тавсеа ва таҳкими дастгирии субот дар Афғонистон.
4. Мусоидат ба пайвастшавии Афғонистон ба Осиёи Марказӣ.
5. Ривоҷи ислоҳоти волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқи инсон.
6. Мусоидат ба сармоягузориҳои Иёлоти Муттаҳида дар раванди рушд ва шукуфоии Осиёи Марказӣ[18].

Муаллифони ин барнома бар андешаеанд, ки татбиқи самарабахши санади мазкур имкон медиҳад, то Осиёи Марказӣ як минтақаи устувор ва

[17] Мирзоев С.Т. Афганский кризис и его влияние на трансформацию региональной безопасности в Центральной Азии: геополитический аспект. Автореферат на соискание ученой степени доктора политичсеких наук. Душанбе, 2020. – с.4.
[18] United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity.

бехатаре бошад ва тавонад ҳамкориҳои худро бо Иёлоти Муттаҳида амиқтар созад. Кишварҳои минтақа вазифадоранд, ки барои бозсозиҳои мавриди назар ислоҳот анҷом диҳанд, минтақаро барои сармоягузории байналмилалӣ омода созанд ва институтҳои демократиро таҳким бахшанд. Стратегияи нав инчунин ба он мусоидат мекунад, ки кишварҳои минтақа тавассути Кавказ бо Аврупо, бо Афғонистон ва Осиёи Ҷанубӣ ва инчунин бо бозорҳои ҷаҳонӣ бештар робита дошта бошанд.

Ҳангоми тавсиф ва таҳлили муносибатҳои давлатҳои миллии минтақа таваҷҷӯҳи хосаеро муносибатҳои ШМА бо Ҷумҳурии Тоҷикистон касб менамоянд. Имрӯз миёни ШМА ва Тоҷикистон муносибатҳои дуҷонибаи мустаҳкам густариш ёфтаанд[19]. Ҳар ду давлат ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон,  таъмини сулҳу суботи бардавоми минтақа, ислоҳоти васеи демократӣ ва иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра ҳамкорӣ менамоянд. Моҳи феврали соли равон 28 солагии муносибатҳои дуҷонибаи ҳарду кишвар таҷлил мегардад. Қобили зикр аст, ки дар давоми ин солҳо Иёлоти Муттаҳида беш аз 1,8 миллиард доллари ШМА-ро ҳамчун кӯмак барои рушд тавассути барномаҳои дастгирии бахши хусусӣ, соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, ниҳодҳои демократӣ ва таъмини амният дар Тоҷикистон равона намудаст. Аз тарафи дигар, дар давоми ин солҳо мазмун ва моҳияти муносибатҳо мазмуни навро касб кардаанд.

Агар солҳои аввал матлаб фақат фароҳам овардани кӯмакҳои башардӯстона буд, ҳоло сатҳи муносибатҳо то ба дараҷаи ҳамкорӣ барои рушди устувори иқтисодӣ боло рафтааст. Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун шарики ҳамкориҳо барои рушди устувор мақоми махсус пайдо кардааст. Дар ҳамин қарина танҳо дар соли 2018 ҳукумати ШМА тавассути барномаҳои USAID барои рушди Тоҷикистон тақрибан 35 миллион доллари ШМА маблағгузорӣ намудааст.

[19] Воҳидова С., Ширинҷонова М.И. Инкишофи муносибатҳои ШМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият//Осиё ва Аврупо. №2, 2019. – С.44-50.

Чуноне ки сафири нави ШМА дар Тоҷикистон Ҷон Марк Поммершайм чанде пеш дар нишасти матбуотӣ бо рӯзноманигорони тоҷик қайд намуд[20], ҳамкориҳои миёни ду кишвар рӯ ба инкишоф ва такомул буда, имрӯз бештар ба ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба афзалиятҳои зерин нигаронида шудаанд: Якум, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва таъмини амнияти марзҳои Тоҷикистон; Дуюм, афзоиши робитаҳои иқтисодии минтақа; Сеюм, пешбурди ниҳодҳои идоракунии давлатии пурмасъулу самаранок дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвар. Чуноне ки сафир хотиррасон намуд, дар ҳамаи ин кӯшишҳо Сафорат барои таҳкими ҳамдигарфаҳмии мардумони ин ду кишвар талош хоҳад кард. Масалан, ба иртибот ба таъмини амнияти минтақа моҳи январи соли равон аз тарафи Ҳукумати ШМА ба маблағи 3,8 миллион доллар таҷҳизоти амниятӣ ба Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон дода шуданд. Таҷҳизоти мазкур ҳамчун таҷҳизоти сенсории назорати заминӣ барои тақвияти иқтидори Қӯшунҳои сарҳадӣ барои назорати доимии қисмҳои марзие, ки тавассути посдории маъмулӣ имконнопазиранд, мусоидат хоҳад намуд. Чунин тарзи ҳамкорӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ШМА ва Тоҷикистон доираи ҳамкориҳои дуҷонибаро барои таъмини рушди устувор беш аз пеш таҳким бахшида, фарохтар сохтаанд.

Моҳи ноябри соли 2015 Котиби Давлатии ШМА ва панҷ вазири корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ш. Самарқанд во хӯрданд. Дар натиҷаи ин вохурӣ платформаи нави С5+1 ташкил дода шуд ва ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки диққати махсус ба рушди шабакаи минтақавӣ равона карда шавад. Соли 2016 дар Самарқанд Вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои С5+1 инчунин барои ҳамкории якҷоя дар мубориза бар зидди ифротгароии хушунатомез ба мувофиқат омаданд. Ин, бешубҳа, боз як ҷанбаи муҳими ҳамкориҳои амниятии ШМА ва Тоҷикистон мебошад. Терроризми ҷаҳонӣ, ки як шакли бадтарие ва манфуртарини ифротгароии

---

[20] Дипломатические отношения США и Таджикистана//https://tj.usembassy.gov/ru/our-relationship-ru/policy-history-ru/embassy-fact-sheets-ru

сиёсист, яке аз навъҳои бузургтарин таҳдидҳои олами муосир ба ҳисоб меравад, Чунин мушкилиро танҳо тавассути ҳамкориҳои мақсаднок ва муассир метавон бартараф кард.

Дар баробари лоиҳаҳои сершумори USAID, ки бо ҳадафи рушди тиҷорати минтақавӣ фаъолият мекунанд, Ҳукумати ШМА инчунин лоиҳаи CASA-1000-ро дастгирӣ менамояд. Лоиҳаи CASA-1000 ба Тоҷикистон ва Қирғизистон имконият медиҳад, ки неруи барқи изофии худро ба Афғонистону Покистон фурӯшанд. Ба наздикӣ ШМА омодагии худро барои дастгирии фаъолиятҳои сохтмонии неругоҳи барқи обии Себзор ҳамроҳ бо шарикони сармоягузори худ бо мақсади дастгирии ҷамоатҳои Бадахшон изҳор намуд. Мисоли дигари чунин ҳамкориҳои судманд барномаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аст, ки барои таҳкими волоияти қонун ва пурзӯр кардани робитаи байни мақомоти корҳои дохилӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣ пешбинӣ шудааст. Ин барномаҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷавонон, унсурони мазҳабӣ, мақомоти низомию қудратӣ ва мақомоти ҳокимияти расмиро ба сифати ҷамоати ягона барои бартараф кардани мушкилиҳо бо ҳам гирд меоварад. Дар асл чунин барномаҳо воситаи муассир дар ҳаллу фасли мушкилиҳои марбут ба амнияти дохилии на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Сафорати ШМА дар Тоҷикистон инчунин барномаҳои гуногуни илмиву фарҳангиро амалӣ менамояд. Як намунаи чунин барнома, ки дорои шабакаи ҷаҳонии беш аз 400 маркази машваратӣ дар саросари ҷаҳон буда, бо дастгирии Шуъбаи барномаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангии Департаменти давлатии ШМА фаъолият мекунад, - Education USA ба шумор меравад. Ин маркази омӯзишӣ дар Душанбе соли 1992 кушода шуда, аз тарафи созмони ҷамъиятии Шӯроҳои амрикоӣ оид ба маорифи байналмилалӣ (ACTR/ACCEL) идора мешавад. Барои шаҳрвандони Тоҷикистон – хатмкардагони барномаҳои мухталифи таълимии ШМА сомонаи интернетии Ҷамоати байналмилалии хатмкардагони барномаҳои мубодила вуҷуд дорад. Њамасола

барои донишҷӯён ва алоқамандони такмили ихтисос стипендияҳои махсус ҷудо мешаванд. Барномаи Фулбрайт (Fulbright Program) аз ҷумлаи онҳост. Барномаҳои дигари илмию фарҳангӣ низ амал мекунанд, аз қабили Барномаи ҳифозати мероси фарҳангӣ, Барномаи тавонмандсозии занону духтарон, Барномаи такмили ихтисос, Барномаи мубодилаи виртуалӣ, Барномаи омӯзиши забони англисӣ ва ғайра.

Гумон меравад, ки ШМА дар Тоҷикистон манфиатҳои иқтисодӣ намеҷӯяд, Тоҷикистон ин захираҳоро надорад ва иқтисоди пешрафтаро соҳиб нест.  Кишвари мо аз нигоҳи бозори иқтисодӣ низ ҷавобгӯи манфиатҳои Амрико буда наметавонад (баръакси Ӯзбекистон ва Қазоқистон). ШМА дар Тоҷикистон ҷӯёи ҳадафҳои геополитикист, ки ҷавҳари онро зиёд кардани нуфузи Амрико дар Осиёи Марказӣ аз тариқи маҳдуд кардан ва агар имкон бошад, озод кардани ин кишварҳо аз таъсири Россия ва Чин ташкил медиҳад. Бо ин мақсад сиёсати чанд соли ахири ШМА аз тариқи ЮСАИД ва дигар созмонҳои маблағгузор асосан ба он равона карда шудааст, ки мафкура ва андешаи мардумони минтақаро дар бобати интихоб – Россия ё ШМА—ба фоидаи Амрико ва кишварҳои Аврупо тағйир бидиҳад (аз тариқи маблағгузориҳо ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, барномаҳои мухталифи таълимӣ ва ғайра). Албатта, ҳадафи чунин як сиёсат он аст, ки дар ниҳояти кор дар  Тоҷикистон (ва дигар кишварҳои Осиёи Миёна) заминаҳои мусоид барои бозсозиҳои ҷиддии сиёсӣ ба вуҷуд ояд ва ҳамин тавр ҳузури ШМА дар Тоҷикистон (ва минтақа) барои солҳои зиёд таъмин карда шавад (тибқи сиёсати глобалии ШМА). Масъалаи ҳамкориҳои Амрико бо неруҳои қудратии Тоҷикистон (Кумитаи амнияти миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Мақомоти корҳои дохилӣ) дар ниҳояти кор ба боло рафтани ташаннуҷ ва ихтилофҳои сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва Россия оварда мерасонад. Масъалаи будан ё набудани Пойгоҳи ҳарбии Россия дар Тоҷикистон мавриди баҳс қарор мегирад. Ва ин Пойгоҳ метавонад дигар кафолати амният ва сулҳу субот дар минтақа набошад. Маслиҳат ин аст, ки

Тоҷикистон дар муносибатҳои худ бо ШМА бештар ба масъалаҳои таълиму тарбия, омӯзиш ва истифодаи технологияи нав, таъмини волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он таваҷҷуҳ намояд, ки ҳам барои Амрико хушоянд аст ва ҳам ба таҳкими бештари бозсозиҳои кишвар мусоидат намуда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҷомеаи озод ва давлати иҷтимоӣ муаррифӣ менамояд.

**Новая стратегия США для Центральной Азии:**
**есть новое решение?**
**Аннотация**

Данная статья посвящена недавно принятой стратегии США для Центральной Азии, которая рассматривает различные аспекты политики США в регионе. Автор считает, что Центральная Азия представляет особый интерес для США в связи с ее особым геополитическим значением. Новая стратегия США определила и приоритизировала экономическое развитие, стабильность и безопасность, верховенство закона и укрепление процесса демократизации в регионе как приоритетные направления. Включение Афганистана в семью стран Центральной Азии и решение проблем этой страны в контексте всего центральноазиатского региона - новый подход в стратегии США для Центральной Азии.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: стратегия, геополитика, Центральная Азия, США, устойчивое развитие, региональная безопасность, Афганистан, гражданское общество.

## New US Strategy for Central Asia: Is there a New Solution?

**Annotation**

This article is dedicated to the recently adopted US strategy for Central Asia, which examines various aspects of US policy in the region. The author believes that Central Asia is of particular interest to the United States in connection with its special geopolitical significance. The new US strategy has identified and

prioritized economic development, stability and security, the rule of law and strengthening the democratization process in the region as priority areas. The inclusion of Afghanistan in the family of Central Asian countries and solving the problems of this country in the context of the entire Central Asian region is a new approach in the US strategy for Central Asia.

**KEYWORDS**: strategy, geopolitics, Central Asia, USA, sustainable development, regional security, Afghanistan, civil society.

## Ташаккул ва дурнамои робитаҳои Тоҷикистон ва ШМА дар замони Истиқлолият

Ҷумҳурии Тоҷикстон ва умуман кишварҳои Осиёи Марказӣ на ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Штатҳои Муттаҳидаи Америка (ШМА) қарор доштаанд. Дар гузашта ин ҳолат ба он сабаб ҷой дошт, ки кишварҳои минтақа дар муносибатҳои байни ШМА ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нақши муҳимме надоштанд. Чунин ҳолат ҳатто пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ низ дар ибтидо чандон ҷилои тоза ба худ касб накард. Фақат баъд аз чанд соли даврони истиқлолияти давлатии ин кишварҳо, ки ба арсаи байналмилалӣ ҳамчун симоҳои тозаи сиёсӣ ворид шуданд, ҷумҳуриҳои мустақили Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷуҳи ШМА қарор гирифтанд. Аз тарафи дигар, ШМА таърихан ҳаргиз аз донандагони хуби аҳамият ва махсусиятҳои минтақаи Осиёи Марказӣ набудааст ва, мутаассифона, ҳанӯз ҳам нест. Ва ниҳоят, дар солҳои аввали пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, ба гумони комил, ШМА бовар ба он дошт, ки низоми собиқи коммунистӣ дар кишварҳои минтақа қудрати сиёсиро аз даст нахоҳад дод, онҳо тобеи Россия боқӣ хоҳанд монд, аз ин рӯ, тамоми кӯшиш ва таваҷҷуҳи худро ба кишварҳои Назди Балтика равона сохт.

Ба ҳар ҳол, қазия баъд аз соли 1991 оҳиста-оҳиста ранги дигар гирифт. ШМА ба ҳайси ягона кишвари абарқудрати замон беш аз пеш ба минтақаи Осиёи Марказӣ тавҷҷуҳ зоҳир намуда, дар соли 1997 ин кишварҳоро минтақаи махсуси манфиатҳои стратегии дарозмуддати худ эълон намуд. Гузашта аз он, 3 августи соли 1999 Конгресси ШМА ҳуҷҷати муҳимеро таҳти унвони «Санади стратегияи Роҳи Абрешим» (Silk Road Strategy Act) қабул намуд, ки дар он мақсаду маром ва ҳадафҳои ШМА дар бобати Осиёи Миёна ба таври возеҳ ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, дар ин ҳуҷҷат гуфта мешавад, ки ШМА истиқлолият ва мустақилияти иқтисодиву сиёсии кишварҳои Осиёи Марказиро дастгирӣ хоҳад кард, то тобеияти энергетикии худро аз давлатҳои

Халиҷи Форс камтар созад[21]. Албатта, чунин ҳолат бо назардошти мавқеи муҳими ҷуғрофии Осиёи Марказӣ дар муносибатҳои геополитикии муосир; захираҳои фаровони табиӣ ва инсонии минтақа; қаробати наздик доштан аз нигоҳи марзу бум, таъриху фарҳанг ва нуфуси аҳолӣ ба марказҳои низоъ, ихтилоф ва ташаннуҷ дар ҷаҳони ислом; тамаркузи назарраси мушкилиҳо ва таҳдидҳои глобалӣ дар минтақа (сарҳадӣ, қавмӣ, мазҳабӣ, муҳити зист ва ғайра)[222] сурат гирифтааст. Сабаби дигари чунин таваҷҷуҳ, албатта, ба арсаи ҳаёт қадам гузоштани Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ҳамчун сохтори сиёсиву иқтисодӣ ва роҳҳалли муҳими ба низом овардани мушкилиҳо ва мавзӯъҳои марбут ба минтақаи Осиёи Миёна бо ҳузури ду кишвари қудратманди ҷаҳон – Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Чин – ва нуфузи зиёд пайдо кардани он дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ШМА-ро ба ташвиш оварда буд[23].

Баъдтар, дар солҳои 2015 ва 2019, ШМА ҳуҷҷати муҳимеро тахти унвони «Стратегияи ШМА оид ба Осиёи Марказӣ» таҳия ва қабул мекунад. Стратегияи нави ШМА оид ба Осиёи Марказӣ барои солҳои 2019-2025 бо таваҷҷуҳи махсус ба инкишоф ва такомули соҳибихтиёрӣ ва рушди иқтисодии минтақа қабул гардидаст[24].

Стратегияҳои мазкур дар асл идомаи консепсияи маъмули «Осиёи Марказии Бузург» ва дигар лоиҳаҳои маъруф аст, ки солҳои 90-уми қарни гузашта тарҳрезӣ шуда, мақсадашон таъмини ҳузури воқеӣ ва тавонмандии ШМА на фақат дар Осиёи Миёна, балки дар тамоми ҷаҳони Шарқ аз тариқи заиф сохтани нуфузи дигар кишварҳои абарқудрат дар ин минтақа, махсусан, кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия мебошад.

---

[21] Silk Road Strategy Act: Электронный архив Конгресса США// документ о принятии «американской стратегии Шелкового пути»
[22] Юлдашева Гули. Стратегия США в Центральной Азии: проблемы и достижения//Центральная Азия и Кавказ. Том 14. Выпуск 2, 2011. – Стр. 167-177.
[23] Лю Цян. Взгляды и политика США по отношению к ШОС // Вестник РУДН, серия Международные отношения, 2011, № 2.- С. 66-73.
[24] United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity // https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-prosperity/#.XlD0fhJRq2M.email

Тибқи ин нақша бояд ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои осиёии ба ШМА содиқ бояд бештар муташаккил шаванд ва дар ниҳояти кор аз Россия камтар вобаста гарданд[25].

Бояд қайд намуд, ки сиёсати ШМА дар мавриди Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ҳамеша некбинона арзёбӣ шудааст, ки барои таъмини сулҳу субот, пешгирӣ аз низоъҳои номатлуб, рушди устувори иқтисодӣ, идоракунии самараноки давлатӣ, таъмини озодиҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ нигаронида шудааст. Барномаҳои мухталифи илмию фарҳангӣ ва маърифатӣ низ қисмати умдаи ин сиёсатро ташкил медиҳанд. Чунин муносибатҳо дар доираи консепсияи «ҳимояи манфиатҳои миллии ШМА» амалӣ мегарданд. ШМА ҳамеша кӯшидааст, ки амнияти миллии кишвар, тавонмандии иқтисодӣ ва ҳокимияти муқтадири сиёсии он дар саросари минтақа мавқеи асосӣ дошта бошанд.

Аз тарафи дигар, сиёсати ШМА дар Осиёи Марказӣ (ба шумули Тоҷикистон) ҳамеша устувор ва муваффақ набудааст. Маълумоти мукаммал надоштан дар бораи авзои этникӣ, рӯҳию идеологӣ, қавмию мазҳабӣ ва ғайраи минтақа, пурра дарк накардани махсусиятҳои кишварҳои минтақа дар ибтидо, сиёсати сарфи назар кардани манфиатҳои кишварҳои дигар ба хотири қудратмандии танҳо худ, дуруст муайян ва мушаххас карда натавонистани афзалиятҳо, «забон» наёфтан бо дигар шарикони рушди минтақа (махсусан, Чин ва Россия) ва ғайра аз ҷумлаи он камбудиҳоеанд, ки ШМА дар таъйини сиёсати хеш роҳ додааст.

Аммо чашмандоз ва манзараи сиёсии минтақа ҳам бетағйир намондааст. Аз як тараф, сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣтаи солҳои ахир оҳанги дигар касб кардааст, роҳбарони сиёсии ин кишварҳо камолоти сиёсӣ

---

[25] Стратегия США в Центральной Азии // http://eurasian-defence.ru/?q=node/6529

ёфтаанд, аз тарафи дигар, ШМА низ мавқеъгирии худро дигар сохтааст. Ба арсаи вуҷуд қадам гузоштани Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаиамнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, ҳодисаҳои Афғонистону Шарқи Наздик, Эрон, Иттиҳоди Аврупо ва, албатта, фоҷиаи 11 сентябри соли 2001 боиси чунин мавқеъгириҳо ва таҷдиди назар ба вазъи куллии минтақа гардидаанд.

Имрӯз миёни ШМА ва Тоҷикистон муносибатҳои дуҷонибаи мустаҳкам густариш ёфтаанд[26]. Ин муносибатҳо расман аз 14 феврали соли 1992 оғоз гардида, "чун ҳамеша дар сархати авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонанд"[27]. Ҳар ду давлат ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон, таъмини сулҳу суботи бардавоми минтақа, ислоҳоти васеи демократӣ ва иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра ҳамкорӣ менамоянд. Дар таҳкими бештари муносибатҳои сиёсӣ сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ШМА дар соли 2002 ва мулоқот бо президент Ҷорҷ Буш, ки зимни он ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир матраҳ гардиданд, нақши муҳим бозидааст. Ба тақвияти муносибатҳои дуҷониба сафарҳои котибони давлатии ШМА Ҷеймс Бейкер, Кондолиза Райс, Ҳиллари Клинтон ва Ҷон Керри ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мусоидат намудаанд[28].

Қобили қайд аст, ки ШМА аввалин кишвари абарқудрате буд, ки истиқлолияти сиёсии Тоҷикистонро эътироф намуд ва аз ҳамин тариқ ба густариши минбаъдаи мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва боло рафтани нуфузи сиёсии он мусоидат намуд. Сафари расмии намояндаи олирутбаи ШМА Ҷеймс Бейкер, Котиби давлатии Амрико ба

[26] Воҳидова С., Ширинҷонова М.И. Инкишофи муносибатҳои ШМА ва ҶумҳурииТоҷикистон дар даврони Истиқлолият // Осиё ва Аврупо. №2, 2019. – С.44-50.
[27] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохили ва хориҷии ҷумҳурӣ, Душанбе, 26 январи соли 2021.
[28] Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка //www.mfa.tj/tg/main/view/175/munosibathoi-tojikiston-bo-ijoloti-muttahidai-amriko

Тоҷикистон дар моҳи феврали соли 1992 ба ин раванди бебозгашт такони тоза бахшид[29].

Моҳи феврали соли оянда 30 солагии муносибатҳои дуҷонибаи ҳарду кишвар таҷлил мегардад. Қобили зикр аст, ки аз соли 1993 инҷониб Ҳукумати ШМА танҳо аз тариқи USAID ба Тоҷикистон беш аз 500 миллион доллар кумак кардааст, ки дар рушди иқтисоди Тоҷикистон, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ ва маориф, истифодаи таҷрибаҳои самараноки кишоварзӣ ва идоракунии беҳтари захираҳои табиӣ мусоидат кардааст. Дар маҷмӯъ, дар давоми ин солҳо Ҳукумати ШМА ба андозаи тақрибан 1 миллиард кумак расондааст. Дар доираи чунин кумак ва ҳамкориҳои дуҷониба, масалан, танҳо ба соҳаи тандурустии Тоҷикистон тақрибан 125 миллион доллар ихтисос дода шудааст[30].

Аз тарафи дигар, дар давоми ин солҳо мазмун ва моҳияти муносибатҳо ва робитаҳои Тоҷикистону ШМА мазмуни навро касб кардаанд. Агар солҳои аввал матлаб фақат фароҳам овардани кӯмакҳои башардӯстона буд, ҳоло сатҳи муносибатҳо то ба дараҷаи ҳамкорӣ барои рушди устувори иқтисодӣ боло рафтааст. Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун шарики ҳамкориҳо барои рушди устувор мақоми махсус пайдо кардааст.

Чуноне ки сафири ШМА дар Тоҷикистон Ҷон Марк Поммершайм қайд намуд[31], ҳамкориҳои миёни ду кишвар рӯ ба инкишоф ва такомул буда, имрӯз бештар ба ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба афзалиятҳои зерин нигаронида шудаанд:

Якум, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва таъмини амнияти марзҳои Тоҷикистон; Дуюм, афзоиши робитаҳои иқтисодии минтақа; Сеюм, пешбурди ниҳодҳои идоракунии давлатии пурмасъулу самаранок дар

---

[29] Абдулло Рашид. Политика США в Таджикистане: от признания независимомти к партнерству // Центральная Азия и Кавказ, №4 (52), 2007. – С. 82-90.

[30] Сарчашма: https://www.usaid.gov/tajikistan

[31] Дипломатические отношения США и Таджикистана//https://tj.usembassy.gov/ru/our-relationship-ru/policy-history-ru/embassy-fact-sheets-ru/

ҳамкорӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвар. Чуноне ки сафир хотиррасон намуд, дар ҳамаи ин кӯшишҳо Сафорат барои таҳкими ҳамдигарфаҳмии мардумони ин ду кишвар талош хоҳад кард. Масалан, ба иртибот ба таъмини амнияти минтақа моҳи январи соли 2019 аз тарафи Ҳукумати ШМА ба маблағи  3,8 миллион доллар таҷҳизоти амниятӣ ба Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистондода шуданд. Таҷҳизоти мазкур ҳамчун таҷҳизоти сенсории назорати заминӣ барои тақвияти иқтидори Қӯшунҳои сарҳадӣ барои назорати доимии қисмҳои марзие, ки тавассути посдории маъмулӣ имконнопазиранд, мусоидат хоҳад намуд. Дар моҳи апрели соли 2020 бошад, танҳо барои пешгирӣ аз пандемияи COVID-19 аз тариқи USAID ба андозаи 868 923 доллари ШМА кумаки молӣ расонда шуд[32]. Чунин тарзи ҳамкорӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ШМА ва Тоҷикистон доираи ҳамкориҳои дуҷонибаро барои таъмини рушди устувор беш аз пеш таҳким бахшида,фарохтар сохтаанд.

Моҳи ноябри соли 2015 Котиби Давлатии ШМА ва панҷ вазири корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ш. Самарқанд во хӯрданд. Дар натиҷаи ин вохурӣ платформаи нави C5+1 ташкил дода шуд ва ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки диққати махсус ба рушди шабакаи минтақавӣ равона карда шавад.

Соли 2016 дар Самарқанд Вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои C5+1 инчунин бароиҳамкории якҷоя дар мубориза бар зидди ифротгароии хушунатомез ба мувофиқат омаданд. Ин, бешубҳа,боз як ҷанбаи муҳими ҳамкориҳои амниятии ШМА ва Тоҷикистон мебошад. Терроризми ҷаҳонӣ, киякшаклибадтаринваманфуртариниифротгароиисиёсист, яке аз навъҳои бузургтарин таҳдидҳои олами муосир ба ҳисоб меравад. Чунин мушкилиҳор танҳо тавассути ҳамкориҳои мақсаднок ва муассир метавон бартараф кард.

---

[32] Правительство США выделяет более $850 тыс. для борьбы с COVID-19 в Таджикистане // https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20200408/pravitelstvo-ssha-mobilizuetsya-dlya-borbi-s-covid-19-v-tadzhikistane

Дар баробари лоиҳаҳои сершумори USAID, ки бо ҳадафи рушди тиҷорати минтақавӣ фаъолият мекунанд, Ҳукумати ШМА инчунин лоиҳаи CASA-1000-ро дастгирӣ менамояд. Лоиҳаи CASA-1000 ба Тоҷикистон ва Қирғизистон имконият медиҳад, ки неруи барқи изофии худро ба Афғонистону Покистон фурӯшанд. Ба наздикӣ ШМА омодагии худро барои дастгирии фаъолиятҳои сохтмонии неругоҳи барқи обии Себзор ҳамроҳ бо шарикони сармоягузори худ бо мақсади дастгирии ҷамоатҳои Бадахшон изҳор намуд. Мисоли дигари чунин ҳамкориҳои судманд барномаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аст, ки барои таҳкими волоияти қонун ва пурзӯр кардани робитаи байни мақомоти корҳои дохилӣ ва ҷамоатҳои маҳаллӣпешбинӣ шудааст. Ин барномаҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷавонон, унсурони мазҳабӣ, мақомоти низомию қудратӣ ва мақомоти ҳокимияти расмиро ба сифати ҷамоати ягона барои бартараф кардани мушкилиҳо бо ҳам гирд меоварад. Дар асл чунин барномаҳо воситаи муассир дар ҳаллу фасли мушкилиҳои марбут ба амнияти дохилии на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд.

Сафорати ШМА дар Тоҷикистон инчунин барномаҳои гуногуни илмиву фарҳангиро амалӣ менамояд. Як намунаи чунин барнома, ки дорои шабакаи ҷаҳонии беш аз 400 маркази машваратӣдар саросари ҷаҳон буда, бо дастгирии Шуъбаи барномаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангии Департаменти давлатии ШМА фаъолият мекунад, - EducationUSAба шумор меравад. Ин маркази омӯзишӣ дар Душанбе соли 1992 кушода шуда, аз тарафи созмони ҷамъиятии Шӯроҳои америкоӣ оид ба маорифи байналмилалӣ (ACTR/ACCEL) идора мешавад. Барои шаҳрвандони Тоҷикистон – хатмкардагони барномаҳои мухталифи таълимии ШМА сомонаи интернетии Ҷамоати байналмилалии хатмкардагони барномаҳои мубодила вуҷуд дорад. Ҳамасола барои донишҷӯён ва алоқамандони такмили ихтисос стипендияҳои махсус ҷудо мешаванд. Барномаи Фулбрайт (FulbrightProgram) аз ҷумлаи онҳост. Барномаҳои дигари илмию фарҳангӣ низ амал мекунанд, аз қабили Барномаи

ҳифозати мероси фарҳангӣ, Барномаи тавонмандсозии занону духтарон, Барномаи такмили ихтисос, Барномаи мубодилаи виртуалӣ, Барномаи омӯзиши забони англисӣва ғайра.

Гумон меравад, ки ШМА дар Тоҷикистон манфиатҳои иқтисодӣ намеҷӯяд, Тоҷикистон ин захираҳоро надорад ва иқтисоди пешрафтаро соҳиб нест. Кишвари мо аз нигоҳи бозори иқтисодӣ низ ҷавобгӯи манфиатҳои Амрико буда наметавонад (баръакси Ӯзбекистон ва Қазоқистон). ШМА дар Тоҷикистон ҷӯёи ҳадафҳои геополитикист, ки ҷавҳари онро зиёд кардани нуфузи Амрико дар Осиёи Марказӣ аз тариқи маҳдуд кардан ва агар имкон бошад, озод кардани ин кишварҳо аз таъсири Россия ва Чин ташкил медиҳад.Бо ин мақсад сиёсати чанд соли ахири ШМА аз тариқи ЮСАИД ва дигар созмонҳои маблағгузор асосан ба он равона карда шудааст, ки мафкура ва андешаи мардумони минтақаро дар бобати интихоб – Россия ё ШМА—ба фоидаи Амрико ва кишварҳои Аврупо тағйир бидиҳад (аз тариқи маблағгузориҳо ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, барномаҳои мухталифи таълимӣ ва ғайра). Албатта, ҳадафи чунин як сиёсат он аст, ки дар ниҳояти кор дар Тоҷикистон (ва дигар кишварҳои Осиёи Миёна) заминаҳои мусоид барои бозсозиҳои ҷиддии сиёсию иҷтимоӣ ба вуҷуд ояд ва ҳамин тавр ҳузури ШМА дар Тоҷикистон (ва минтақа) барои солҳои зиёд таъмин карда шавад (тибқи сиёсати глобалии ШМА).Масъалаи ҳамкориҳои Амрико бо неруҳои қудратии Тоҷикистон (Кумитаи амнияти миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Мақомоти корҳои дохилӣ) дар ниҳояти кор ба боло рафтани ташаннуҷ ва ихтилофҳои сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва Россия оварда мерасонад. Масъалаи будан ё набудани Пойгоҳиҳарбии Россия дар Тоҷикистон мавриди баҳс қарор мегирад. Ва ин Пойгоҳ метавонад дигар кафолати амният ва сулҳу субот дар минтақа набошад. Маслиҳат ин аст, ки Тоҷикистон дар муносибатҳои худ бо ШМАбештар ба масъалаҳои таълиму тарбия, омӯзишва истифодаи технологияи нав, таъмини волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он таваҷҷуҳ намояд,

ки ҳам барои Амрико хушоянд аст ва ҳам ба таҳкими бештари бозсозиҳои кишвар мусоидат намуда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҷомеаи озод ва давлати иҷтимоӣ муаррифӣ менамояд.

Хотирнишон бояд кард, ки дар Тоҷикистон ба раванди робитаҳои мутақобилаи кишвар бо ШМА ҳамеша назари мусбат вуҷуд доштааст. Масалан, тибқи як назарпурсии ҷамъиятие, ки соли 2012 анҷом дода шудааст, 44% шаҳрвандони Тоҷикистон ҳузур ва фаъолиятҳои ШМА–ро дастгирӣ ва ҷонибдорӣ кардаанд, дар ҳоле ки 38% онҳо чандон қаноатманд нестанд, 18% пурсишшудагон дар ин бобат мавқеи равшан надоранд[33]. Аз тарафи дигар, мавқеъ ва нуфузи байналмилалии ШМА ба он далолат мекунад, ки доштани робитаҳои хуби дуҷониба бо ин кишвар эътибори махсус дорад. Чуноне, ки дар боло ишора рафт ва гурӯҳе аз муҳаққиқон низ ба ин фикранд[34],

ШМА метавонад дар доираи стратегияи худ оид ба Осиёи Марказӣ ва дар ҳамкорӣ бо Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони амнияти дастаҷамъӣ (САД) корҳои зиёдеро ба анҷом расонад[35]. Таъмини сулҳу субот дар минтақа, мубориза бар зидди экстремизм, терроризм ва сепаратизм, ҷилӯгирӣ аз низоъҳои номатлуб дар ҷомеа, таҳкими бештари равандҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии боровар ва ниҳодҳои пурсамари он ва ғайра аз ҷумлаи ин самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо ва робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону ШМА буда метавонанд. Мавзӯи таъминоти энергетикӣ ва истифодаи самаранок аз захираҳои табиии тавлиди барқ дар доираи ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон таҳти унвони «Об - барои амал ва рушди устувор», ташаккул ва рушди «иқтисоди сабз» низ аз ҷумлаи чунин авлавиятҳоянд. Ва ниҳоят, рушду такомули бештари илмиву фарҳангӣ, омӯзишиву таҳқиқотӣ, ҳамкориҳои дуҷониба дар фазои интернет (он-лайн)

[33] U.S. Global Leadership Project Report — 2012 // https://news.gallup.com/poll/153998/global-leadership-project-report.aspx

[34] Саидмуродов, Ахмад Лютфиллоевич. Эволюция политики США в отношении Республики Таджикистан : диссертация ... кандидата политических наук. Москва, 2012.- 150 с.; Ташматова, Салтанат Изатбековна. Политика США в отношении стран Центральной Азии : диссертация ... кандидата политических наук. Москва, 2008. - 208 с.

[35] Баранов А.Ю. Шанхайская организация сотрудничества и политика США в Центральной Азии. Автореферат диссертации на соискание ученой степени канд. полит. наук. Москва. 2011. – 32с.

доира ва муҳтавои ин робитаҳоро боз ҳам густурдатар ва амиқтар мегардонанд.

## Формирование и перспективы развития отношений между Таджикистаном и СШАv в период Независимости


### Аннотация

В данной статье анализируются различные аспекты таджикско-американских отношений с момента обретения независимости. Автор считает, что Республика Таджикистан, как важная часть Центральной Азии, представляет особый интерес для США в силу своего особого геополитического значения. Двусторонние отношения между Таджикистаном и США сосредоточены на вопросах, связанных с экономическим развитием, стабильностью и безопасностью, верховенством закона и укреплением процесса демократизации в регионе. Автор предлагает США и Таджикистану и дальше укреплять такие связи, особенно в рамках ШОС и ОДКБ.



**Ключевые слова:** геополитика, Центральная Азия, Таджикистан, США, ШОС, устойчивое развитие, региональная безопасность, гражданское общество.


## Formation and Prospects for the Development of Relations between Tajikistan and the USAduring the Period of Independence


### Abstract

This article analyzes various aspects of Tajik-American relations since independence. The author believes that the Republic of Tajikistan, as an important part of Central Asia, is of particular interest to the United States due to its special geopolitical significance. Bilateral relations between Tajikistan and the United

States focus on issues related to economic development, stability and security, the rule of law and strengthening the democratization process in the region. The author suggests the United States and Tajikistan to further strengthen such ties, especially within the framework of the Shanghai Cooperation Organization (SCO) and the Collective Security Treaty Organization (CSTO).

**Keywords**: geopolitics, Central Asia, Tajikistan, USA, SCO, sustainable development, regional security, civil society.

# ШМА ва СҲШ:
# мушкилиҳо ва дурнамои инкишофи муносибатҳо

Яке аз воқеиятҳои назаррас ва падидаи муҳими сиёсию иҷтимоии охири қарни XX ва ибтидои садаи XXI ин ба арсаи вуҷуд қадам гузоштани Созмони ҳамкориҳои Шанхай  (СҲШ) аст. Дар як муддати кӯтоҳ СҲШ тавонист аз як ниҳоди минтақавӣ бо узвияти теъдоди ками давлатҳо (1996- «Панҷгонаи Шанхай») ба як созмони миқёсан бузурги муҳташам ва обрӯманди байналмилалӣ бо узвияти теъдоди зиёди кишварҳои минтақа ва берун аз он (2021- 18 аъзои СҲШ (8+4+6) мубаддал гардад. СҲШ имрӯз 60% қаламрави минтақаи Авруосиё ва тақрибан ними (3,5 миллиард) аҳолии ҷаҳонро дар бар гирифтааст. Хусусияти асосии ин созмон характери интегратсионӣ (ҳамгирой) доштанаш аст, ки дар навбати аввал барои ҳамкориҳои иқтисодиву гуманитарӣ пешбинӣ шудааст. Ва ин табиист: ду кишвари бузурги минтақа – Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии мардумии Чин – ҳамчун ташаббускорони таъсиси ин созмон на фақат ба муносибатҳои хубу ҳасана бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ зарурат доштанд, балки хостанд сулҳу субот ва рушди устувори иқтисодӣ дар ин минтақа таъмин бошад, то ин ду кишвари бузург тавонанд сиёсат ва манфиатҳои хешро пайгирона амалӣ созанд. Маълум, ки дар ин бобат мавқеи ҷуғрофии минтақа, захираҳои бепоёни табиӣ ва инсонии кишварҳои он, бозори мусоиди меҳнат ва тиҷорат, аҳамияти геосиёсии минтақа ва давлатҳои он низ нақши муҳим бозидаанд. Аммо, ба ақидаи маъмули Ху Сзинтао, роҳбари собиқи ҶМЧ (2003-2013) сабабҳои зуд ва ба ин дараҷа қудратманд ва бонуфуз гаштани СҲШ ҳамчунон ба он вобаста аст, ки ҳама давлатҳо-аъзои созмони мазкур усулҳои аслӣ ва фалсафаи созандаи СҲШ-ро ҳамеша ва пайваста пайгирӣ кардаанд, ки мафҳумҳои калидии он иборатанд аз эътимоди комил ба ҳамдигар, ба эътибор гирифтани манфиатҳои ҳама тарафҳои алоқаманд, машваратҳои мутадовим дар фазои баробарҳуқуқӣ, эҳтироми чандгунагии

фарҳанг ва анъанот, кӯшиши рушди устувор дар асоси ҳамкориҳои дастаҷамъона ва ғайра[36].

Бояд тазаккур дод, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ[37] на ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ШМА қарор доштаанд. Дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ин ҳолат ба он сабаб ҷой дошт, ки кишварҳои минтақа- ҷумҳуриҳои ҳамонвақтаи шӯравии сотсиалистии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон дар муносибатҳои мустақим байни ШМА ва дигар кишварҳои хориҷӣ нақши муҳимме надоштанд. Чунин ҳолат ҳатто пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ низ дар ибтидо чандон ҷилои тоза ба худ касб накард. Фақат баъд аз чанд соли даврони истиқлолияти давлатии ин кишварҳо, ки ба арсаи байналмилалӣ ҳамчун симоҳои тозаи сиёсӣ ворид шуданд, ҷумҳуриҳои мустақили Осиёи Марказӣ мавриди таваҷҷуҳи ШМА қарор гирифтанд. Аз тарафи дигар, ШМА таърихан ҳаргиз аз донандагони хуби аҳамият ва махсусиятҳои минтақаи Осиёи Марказӣ набудааст ва, мутаассифона, ҳанӯз ҳам нест. Ва ниҳоят, дар солҳои аввали пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, ба гумони комил, ШМА бовар ба он дошт, ки низоми собиқи коммунистӣ дар кишварҳои минтақа қудрати сиёсиро аз даст нахоҳад дод, ин кишварҳо ба асли хеш боз бармегарданд, онҳо тобеи Россия боқӣ хоҳанд монд, аз ин рӯ, тамоми кӯшиш ва таваҷҷуҳи худро ба кишварҳои Назди Балтика равона сохт.

Ба ҳар ҳол, қазия баъд аз соли 1991 оҳиста-оҳиста ранги дигар гирифт. ШМА ба ҳайси ягона кишвари абарқудрати замон беш аз пеш ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар соли 1997 ин кишварҳоро минтақаи махсуси манфиатҳои стратегии дарозмуддати худ эълон намуд.

---

[36] Старунский Александр. ШОС - США: противостояние начинается? - http://www.infoshos.ru/ru/?idn=22

[37] Marcel de Haas. Relations of Central Asia with the Shanghai Cooperation Organization and the Collective Security Treaty Organization// the Journal of Slavic Military Studies. Volume 30, 2017 - Issue 1.–P.1-16; Абдулло Рашид. Политика США в Таджикистане: от признания независимости к партнерству // Центральная Азия и Кавказ, №4 (52), 2007 – С. 82-90.

Гузашта аз он, 3 августи соли 1999 Конгресси ШМА ҳуҷҷати муҳимеро таҳти унвони «Санади стратегияи Роҳи Абрешим» (Silk Road Strategy Act) қабул намуд, ки дар он мақсаду маром ва ҳадафҳои ШМА дар бобати Осиёи Миёна ба таври возеҳ ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, дар ин ҳуҷҷат гуфта мешавад, ки ШМА истиқлолият ва мустақилияти иқтисодиву сиёсии кишварҳои Осиёи Марказиро дастгирӣ хоҳад кард, то тобеияти энергетикии худро аз давлатҳои Халиҷи Форс камтар созад[38]. Албатта, чунин ҳолат бо назардошти мавқеи муҳими ҷуғрофии Осиёи Марказӣ дар муносибатҳои геосиёсии муосир; захираҳои фаровони табиӣ ва инсонии минтақа; қаробати наздик доштан аз нигоҳи марзу бум, таъриху фарҳанг ва нуфуси аҳолӣ ба марказҳои низоъ, ихтилоф ва ташаннуҷ дар ҷаҳони ислом; тамаркузи назарраси мушкилиҳо ва таҳдидҳои глобалӣ дар минтақа (сарҳадӣ, қавмӣ, мазҳабӣ, муҳити зист ва ғайра)[39] сурат гирифтааст. Сабаби дигари чунин таваҷҷуҳ, албатта, ба арсаи ҳаёт қадам гузоштани Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ҳамчун сохтори сиёсиву иқтисодӣ ва роҳҳалли муҳими ба низом овардани мушкилиҳо ва мавзӯъҳои марбут ба минтақаи Осиёи Миёна бо ҳузури ду кишвари қудратманди ҷаҳон – Россия ва Чин – ва нуфузи зиёд пайдо кардани он дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ШМА-ро ба ташвиш оварда буд[40].

Дар бобати сиёсати ШМА оид ба СҲШ бояд гуфт, ки, албатта, муносибати ШМА ба СҲШ ва фаъолиятҳои он якранг нест, балки ҳатто хӯрдагирона аст, чун ШМА баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ одат карда буд, ки дар арсаи сиёсати байналмилалӣ яккатоз аст ва бовар ба он дошт, ки давлат ва ё созмони дигаре наметавонад ва набояд дар арсаи ҷаҳонӣ сиёсати мустақилонаеро пеш барад, махсусан агар ин сиёсат аз нигоҳи нуфуз

---

[38] Silk Road Strategy Act: Электронный архив Конгресса США// документ о принятии «американской стратегии Шелкового пути».

[39] Юлдашева Гули. Стратегия США в Центральной Азии: проблемы и достижения//Центральная Азия и Кавказ. Том 14. Выпуск 2, 2011. – Стр. 167-177.

[40] Лю Цян. Взгляды и политика США по отношению к ШОС // Вестник РУДН, серия *Международные отношения*, 2011, № 2. – С.66-74.

ва ҳашамат созанда, фарогир ва таъсирбахш ба низоми сиёсии байналмилалӣ бошад ва онро тавонад тағйир бидиҳад. Аз ин рӯ, эҷоди чунин як ниҳоди авруосиёии дорои қудрати атомӣ ва он ҳам бо захираҳои бузурги табииву инсонӣва имконоти ҳарбиву низомӣ Вашингтонро хеле нигарон сохтааст.

Сабаби ташвиш ва нигаронии Вашингтон торафт нуфузи бештар касб кардани СҲШ дар арсаи сиёсати байналмилалӣ ва боло рафтани мақоми он дар ҳаллу фасли масъалаҳои калидии сиёсати замони муосир аст. Имрӯз доираи фаъолият ва нуфузи СҲШ хеле густариш ёфта, ҷаҳонӣ гаштааст. Ба чунин шакл гирифтани кор худи ШМА низ иштибоҳан мусоидат кардааст. Масалан, дар оғози солҳои истиқлолияти давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ШМА бештар ба равандҳои демократӣ, азнавсозии ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқи инсон равона карда шуда буд, дар ҳоле ки мавзӯи таъмини амният ва суботи ҷомеа, рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум дар ин минтақа аз мушкилиҳо ва нигарониҳои рӯзмарра ва мубрами рӯз ба шумор мерафтанд. Махсусан мавзӯи пешгирӣ аз маводи мухаддир, одамфурӯшӣ, ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм дар иртибот ба таъмини амният ва суботи минтақа аҳамияти пурарзишеро касб намуд. Роҳбарони аксари давлатҳои минтақа мавзӯъҳои номбаршударо аз масъалаҳои афзалиятнок дар сиёсати дохиливу хориҷии худ эълон намуданд ва барои таъмини тамомияти арзии кишварҳои худ ва ваҳдати миллии халқҳояшон талошҳо меварзиданд[41].

Дар ҳамин замина қобили қайд аст, ки СҲШ аввалин ниҳоди байналмилалие буд, ки ҳалли ин мушкилиҳо ва мубориза беамон бар зидди савдои ғайриқонунии маводи мухаддир ва терроризмро дар ҷойи аввал гузошт. Иштибоҳи дигари ШМА дар бобати Осиёи Марказӣ ин буд, ки дар сиёсати хориҷии худ «содироти инқилобҳо» ва махсусан «инқилобҳои рангин»-ро аслиҳаи хеш қарор дод ва бо ин амалаш на фақат дунёро ноором

[41] Sean L. Yom. Power Politics in Central Asia: The Future of the Shanghai Cooperation Organization. 2002. - № 4. - C. 8. URL: http://www.asiaquarterly.com/content/view/129/40

сохт, балки кишварҳои зиёдеро аз худ норозӣ сохт. Табиист, ки Москва ва Пекин аз ин фурсат истифода бурда, мавқеъ ва нақши худро дар минтақа бамаротиб тавсиа ва густариш доданд. Эҷоди СҲШ яке аз дастовардҳои чунин фаъолияти пурсамар дар Осиёи Миёна гардид, ки ҳоло аз марзҳои ин минтақа берун ва ҷаҳонӣ гаштааст.

Қобили қайд аст, ки ШМА ба қудратманд ва пурнуфуз гаштани СҲШ дар ибтидо чандон бовар надошт. Ба гумони ШМА, тазоди назар ва норавшаниҳое, ки байни Россия ва Чин дар маҷмӯъ вуҷуд доранд, фаъолиятҳои ин созмони минтақавиро дар оянда самарабахш нахоҳанд кард, чун, масалан, Россия намехоҳад, ки нуфузи анъанавии худро дар миёни кишварҳои Осиёи Миёна аз даст диҳад, кишвари Чин бошад, кӯшиш хоҳад кард, ки дар ин минтақа нуфузи бештар дошта бошад, махсусан аз нигоҳи иқтисодӣ. Аммо назари расмии Вашингтон дар ин бобат баъд аз саммити Остона (2005) ранги дигар гирифт. Маҳз дар Остона роҳбарони кишварҳои минтақа аз Осиёи Миёна берун кардани ҳузури низомии ШМА-ро ба таври расмӣ талаб намуданд. Ин чунин маънӣ дошт, ки а) СҲШ оҳиста-оҳиста ба як ниҳоди зиддиамрикоӣ мубаддал шуда истодааст, б) манфиатҳои ШМА дар Осиёи Миёна зери хатар гузошта шуданд, в)  Россия ва Чин дар оянда метавонанд бо истифода аз СҲШ ба нақшаҳои стратегии ШМА халал ворид созанд[42].

Албатта, ақидаҳо дар бобати ин, ки СҲШ бар зидди НАТО ва муқобили сиёсати ШМА нигаронида шудааст, мухталифанд.[43] СҲШ чандин маротиба расман эълон кардааст, ки аслан чунин мақсад надорад ва мақсаду мароми ин ташкилот ба ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таъмини амният дар минтақа нигаронида шудааст. Масалан, имрӯз кишварҳои аъзои СҲШ дар

[42] Лю Цян. Взгляды и политика США по отношению к ШОС // Вестник РУДН, серия Международные отношения, 2011, № 2. – С.66-74.

[43] Marcel de Haas. War Games of the Shanghai Cooperation Organization and the Collective Security Treaty Organization: Drills on the Move! // The Journal of Slavic Military Studies. Volume 29, 2016 - Issue 3. P. 378-406; Degang Sun &Hend Elmahly. NATO vs. SCO: A Comparative Study of Outside Powers' Military Presence in Central Asia and the Gulf //Asian Journal of Middle Eastern and Islamic Studies, Volume 12, 2018 - Issue 4. – P. 438-456; Баранов А.Ю. ШОС и политика США в Центральной Азии. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата полтитических наук. М., 2011.- 32с.

тахия ва амалӣ сохтани барномаву лоиҳаҳои мухталиф – ва на фақат дар бахши тиҷорату иқтисод ва кумакҳои гуманитарӣ – фаъолона маблағгузорӣ менамоянд. Танҳо кишвари Чин барои боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳои байни аъзои СҲШ ва вусъати равандҳои интегратсионӣ ба андозаи 900 миллион доллари ШМА қарзҳои дарозмуддат ба муддати 20 сол ҷудо кардааст, ки аз ҷумла барои тарбияи 1,5 ҳазор кадрҳои махсус дар доираи фаъолиятҳои СҲШ ихтисос дода шудаанд ва арзиши танҳо ҳамин барнома 9 миллион доллари ШМА-ро ташкил медиҳад.[44] Аммо воқеъият ин аст, ки СҲШ аз нигоҳи ҳарбию низомӣ низ бештар инкишоф меёбад, доираи фаъолиятҳои низомии он густаришва имконоти техникиаш тақвият меёбанд. Машқҳои ҳарбии якҷоя ва амалиёти зиддитерористии кишварҳои аъзои СҲШ, ки дар доираи ҳамкориҳои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) сурат мегиранд, гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Дар ҳақиқат, нақши СҲШ дар бобати таъмини сулҳу субот ва амнияти кишварҳои минтақа торафт меафзояд. Қобили зикр аст, ки маҳз дар доираи фаъолиятҳои СҲШ муносибатҳои байни Покистон ва Ҳиндустон мароми тоза гирифта, он рӯз дур нест, ки сулҳи бардавом миёни ин ду кишвар ҷомаи амал мепӯшад ва боз як хатари маргбори атомӣ аз байн меравад, аммо тавонмандии низомии ин ташкилот боиси нигаронии кишварҳои Ғарб, аз ҷумла ШМА гардидааст[45].

Масъалаи ҳамкории СҲШ бо кишвари Эрон низ баҳсангез аст. Аз назари ШМА, ҳамкории СҲШ ҳамчун ниҳоди зиддитеррористӣ бо кишваре, ки худ «маркази терроризми ҷаҳонист»[46], қобили қабул нест. Масалан, ёвари Котиби давлатии ШМА оид ба масъалаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ Ричард Баучер баъд аз саммити Остона изҳор намуд, ки 1) СҲШ набояд ба воситаи боз ҳам қудратмандтар гаштани Россия ва Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ мубаддал гардад, 2) СҲШ бояд бештар ба масъалаҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ

---

[44] Старунский Александр. ШОС - США: противостояние начинается? - http://www.infoshos.ru/ru/?idn=22

[45] Degang Sun &Hend Elmahly. NATO vs. SCO: A Comparative Study of Outside Powers’ Military Presence in Central Asia and the Gulf //Asian Journal of Middle Eastern and Islamic Studies, Volume 12, 2018 - Issue 4. – P. 438-456; Marcel de Haas. War Games of the Shanghai Cooperation Organization and the Collective Security Treaty Organization: Drills on the Move! // The Journal of Slavic Military Studies. Volume 29, 2016 - Issue 3. P. 378-406;

[46] Старунский Александр. ШОС - США: противостояние начинается? - http://www.infoshos.ru/ru/?idn=22

дошта бошад, на геополисӣ, 3) ШМА кӯшишҳои Ҳиндустон, Покистон, Муғулистон ва Афғонистонро дар бобати ҳамкорӣ бо СҲШ дастгирӣ менамояд, аммо иштироки кишвари Эрон дар фаъолиятҳои СҲШ баҳсталаб хоҳад буд[47].

Воқеият ин аст, ки имрӯз ШМА дигар наметавонад фаъолиятҳои СҲШ-ро нодида бигирад ва нуфузи рӯзафзуни онро эътироф нанамояд. Аз ин рӯ, ШМА сиёсат ва муносибатҳои худро дар ин бобат ба таври ҷиддӣ таҷдиди назар кардааст. Маҳз дар партави чунин бархӯрд стратегияи ШМА оид ба Осиёи Марказӣ (2015, 2019) оҳанги дигар ба худ касб кард. Таҳия ва қабули «Нақшаи интегратсияи иқтисодии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ» аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ШМА рушди иқтисодӣ ва аз ҳамин тариқ ба даст овардани мақоми махсус дар миёни кишварҳои минтақаро аз ҳадафҳои аслии худ қарор додаанд. Тибқи ин Нақша бояд ШМА ба инкишофи инфрасохторҳо дар ин кишварҳо мусоидат намуда, тобеияти ин кишварҳоро махсусан аз Россия ба таври назаррас коҳиш диҳад ва аз ҳамин роҳ мавқеи худро дар робитаҳои иқтисодии минтақа боз ҳам тақвият бахшад. Лоиҳаи CASA-1000, масалан, аз ҷумлаи ҳамин барномаҳост.

Аз тарафи дигар, ШМА муносибатҳои мустақими дуҷонибаи худро бо кишварҳои минтақа, махсусан Қазоқистон ва Қирғизистон бо истифода аз нерӯҳои марказгурез ва норозӣ аз СҲШ идома дода истодааст. ШМА ба муносибатҳояш бо Қазоқистон диққати махсус медиҳад, чун ин кишвар таи солҳои ахир ба муваффақиятҳои чашмрас дар инкишофи иқтисодию иҷтимоии худ муяссар гаштааст. Қирғизистон низ аз мадди назари ШМА дур нест, чун Амрико ҳанӯз ҳам тарафдори навсозиҳои демократӣ дар ин кишвар аст ва намехоҳад, ки аз манфиатҳои худ ба осонӣ даст кашад. Муносибатҳои ШМА бо Ӯзбекистон дар ду-се соли ахир рӯ ба беҳбуд овардааст. Тоҷикистон аз нигоҳи иқтисодӣ чандон ҷавобгӯ ба манфиатҳои ШМА нест,

---

[47] *Boucher R.* U.S. Policy on Multilateral Organizations in Central Asia. Statement before theU.S. Helsinki Commission. 2006, September 26 // http://www.usembassy.kz/documents/boucher-statement-2006.html

аммо ҳамкориҳои дуҷониба байни ин давлатҳо махсусан дар соҳаи гуманитарӣ ва илму фарҳанг бомуваффақият давом доранд.

Ба таври мушаххас, оё заминаҳо барои ҳамкориҳои байни ШМА ва СҲШ вуҷуд доранд ва дурнамои он ба чӣ қарор аст? Ҷавоби ин савол бо як ифода мушкил аст, аммо ҳатман мусбат арзёбӣ мешавад. Чуноне ки дар боло ишора рафт, ҳоло муносибати ШМА ба СҲШ ба таври куллӣ таҷдиди назар шудааст. Маълум, ки ШМА ҳавасманди он аст, ки аз имконоти СҲШ барои пешбурди манфиатҳояш дар минтақа истифода намояд. Масалан, соли 2006 ёвари Котиби давлатии ШМА Ричард Баучер ҳангоми сафараш ба Чин махсус аз Котиботи СҲШ ба хотири «табодули назар» дидан ба амал овард. Ин гувоҳи он аст, ки ШМА дигар СҲШ-ро бо дидаи кам наменигаранд ва, баръакс, ба муносибатҳои дуҷониба ва гуфтугӯҳои мустақим бо ин созмони бонуфузи байналмилалӣ алоқаманданд, то андеша ва ҳадафҳои худро дар доираи фаъолияти ин созмон мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Ин дурнамо дар чӣ ифода мегардад? Аз назари мо, пеш аз ҳама, дар самти муносибатҳои иқтисодӣ, чун мавзӯи рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи рифои мардум дар ҳама кишварҳои аъзои СҲШ аз масъалаҳои мубрам ва аввалиндараҷа ба шумор меравад. Дар ин қисмат метавон корҳои зиёдеро дар бобати таъминоти энергетикӣ, сӯзишворӣ, «иқтисоди сабз», рушди хоҷагии қишлоқ, сохтмон, нақлиёт, беҳтар сохтани муҳити зист ва ғайра бо истифода аз технологияҳои муосир ва роҳҳои инноватсионии ҳалли мушкилиҳо дастаҷамъона анҷом дод, ки дар маҷмӯъ ба инкишофи устувори иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дар ниҳояти кор ба таҳкими равандҳои интегратсионӣ оварда мерасонад.

Дуюм, ҳамкориҳо дар бобати таъмини сулҳи саросарӣ ва суботу амният дар минтақа ба шумули мубориза бар зидди ифротгароӣ, тундгароӣ, терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, назорат аз болои силоҳи қатли ом ва ғайра. Имконоти бузурги НАТО ва СААД-ро метавон ба таври васеъ истифода кард, ки, аз як тараф, ба ҳалли масъалаҳои номбаршуда

мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, ташаннуҷ ва тазоди номатлуби байни ин ниҳодҳои ҳарбию низомиро то андозае паст менамояд. Дар беҳтар амалӣ гаштани ин ҳадафҳо иштироки бевоситаи САҲА ва Иттиҳоди Аврупо низ мусоидат хоҳад намуд.

Сеюм, ҳамкориҳои судманд дар самти фароҳам сохтани кумакҳои гуманитарӣ ва техникию иттилоотӣ, рушди илму фарҳанг, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он.

Хулоса, СҲШ дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ аз «Панҷгонаи Шанхай» ба як ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ мубаддал гашта, имрӯз на фақат дар минтақаи Осиёи Марказӣ, балки дар саросари ҷаҳон мавқеъ ва мақоми махсусро касб намудааст. Чунин раванди инкишоф натиҷаи сиёсати дуруст ва ҳавасмандии комили ҳама давлатҳо-аъзои СҲШ буда, ба усулҳои аслӣ ва фалсафаи созандаи ин созмон, ки онро «рӯҳи Шанхай» ҳам меноманд, асос ёфтааст. Мундариҷаи асосии фаъолиятҳои СҲШ-ро рушди иқтисодӣ, инкишофи инфрасохторҳо, таъмини амният ва суботи саросарии минтақа ташкил медиҳад, ки қисмати муҳим ва таркибии равандҳои ҷаҳони муосир ва сиёсати байналмилалӣ маҳсуб мегардад. Дар ин замина муносибатҳо ва ҳамкориҳои сегонаи «Россия-Чин-ШМА» мавқеи калидӣ дошта, дар доираи фаъолиятҳои СҲШ бо истифода аз имконоти САҲА, Иттиҳоди Аврупо, НАТО ва СААД аҳамияти махсус ба худ касб менамояд. Чун дар алоҳидагӣ ҳалли мушкилиҳо ва чолишҳои замони муосир ниҳоят мушкил ва ҳатто ғайриимкон аст, иттиҳоди давлатҳои абарқудрат ва раванди такомули баъдии созмонҳое аз қабили СҲШ мубрам ва муҳим боқӣ хоҳанд монд.

## ШМА ва СҲШ:
## мушкилиҳо ва дурнамои инкишофи муносибатҳо

### Аннотатсия

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои марбут ба мушкилиҳо ва дурнамои инкишофи муносибатҳои ШМА бо СҲШ бахшида шудааст. Аз назари

муаллиф, дар ибтидо ШМА ба арсаи ҳаёти сиёсӣ қадам гузоштани СҲШ-ро чандон ҷиддӣ қабул накарданд. Баъдтар эҷоди чунин як ниҳоди авруосиёии дорои қудрати атомӣ ва он ҳам бо захираҳои бузурги табииву инсонӣ ва имконоти ҳарбиву низомӣ Вашингтонро хеле нигарон сохтааст. Сабаби ташвиш ва нигаронии ШМА торафт нуфузи бештар касб кардани СҲШ дар арсаи сиёсати байналмилалӣ ва боло рафтани мақоми он дар ҳаллу фасли масъалаҳои калидии сиёсати замони муосир аст. Имрӯз муносибати ШМА ба СҲШ ба таври куллӣ таҷдиди назар шудааст. Маълум, ки ШМА ҳавасманди он аст, ки аз имконоти СҲШ барои пешбурди манфиатҳояш дар минтақа истифода намояд. Ин дурнамо дар чӣ ифода мегардад? Муаллиф ба ин фикр аст, ки пеш аз ҳама дар самти муносибатҳои иқтисодӣ, чун мавзӯи рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи рифои мардум дар ҳама кишварҳои аъзои СҲШ аз масъалаҳои мубрам ва аввалиндараҷа ба шумор меравад. Дуюм, ҳамкориҳо дар бобати таъмини сулҳи саросарӣ ва суботу амният дар минтақа ба шумули мубориза бар зидди ифротгароӣ, тундгароӣ, терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, назорат аз болои силоҳи қатли ом ва ғайра. Сеюм, ҳамкориҳои судманд дар самти фароҳам сохтани кумакҳои гуманитарӣ ва техникию иттилоотӣ, рушди илму фарҳанг, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он.

**Калидвожаҳо**: ШМА, СҲШ, Осиёи Марказӣ, рушди иқтисодӣ, амният, захираҳои табиию инсонӣ, манфиатҳои миллӣ, рушди илму фарҳанг, ҷомеаи шаҳрвандӣ.

## США и ШОС: вызовы и перспективы развития отношений

### Аннотация

В статье рассматриваются вызовы и перспективы развития отношений США с ШОС. По мнению автора, США изначально не очень серьезно отнеслись к выходу ШОС на политическую арену. Позже Вашингтон был глубоко обеспокоен созданием такого евразийского института с ядерной

мощью, с ее огромными природными и человеческими ресурсами и военным потенциалом. Соединенные Штаты обеспокоены растущим влиянием ШОС в международной политике и ее растущей ролью в решении ключевых вопросов современной политики. Сегодня подход США к ШОС радикально изменился. Понятно, что США заинтересованы в использовании возможностей ШОС для продвижения своих интересов в регионе. Как выражается эта точка зрения? Автор считает, что, прежде всего, в сфере экономических отношений, так как вопрос экономического развития и повышения благосостояния людей во всех государствах-членах ШОС, это актуальный вопрос. Во-вторых, сотрудничество в обеспечении глобального мира, стабильности и безопасности в регионе, включая борьбу с экстремизмом, радикализмом, терроризмом, незаконным оборотом наркотиков, контролем над вооружениями и так далее. В-третьих, взаимовыгодное сотрудничество в сфере оказания гуманитарной и технической информационной помощи, развития науки и культуры, укрепления гражданского общества и его институтов.

**Ключевые слова:** США, ШОС, Центральная Азия, экономическое развитие, безопасность, природные и человеческие ресурсы, национальные интересы, развитие науки и культуры, гражданское общество.

# USA and SCO:
# Challenges and Prospects for the Development of Relations

### Annotation

The article examines the challenges and prospects for the development of relations between the United States and the SCO. According to the author, the United States initially did not take the SCO's entry into the political arena very seriously. Later, Washington was deeply concerned about the creation of such a Eurasian institution with nuclear power, with its enormous natural and human resources and military potential. The United States is concerned about the growing influence of the SCO

in international politics and its growing role in addressing key issues in contemporary politics. Today, the US approach to the SCO has radically changed. It is clear that the United States is interested in using the SCO's capabilities to advance its interests in the region. How is this point of view expressed? The author believes that, first of all, in the sphere of economic relations, since the issue of economic development and improving the well-being of people in all the SCO member states is an urgent issue. Second, cooperation in ensuring global peace, stability and security in the region, including the fight against extremism, radicalism, terrorism, drug trafficking, arms control and so on. Third, mutually beneficial cooperation in the provision of humanitarian and technical information assistance, the development of science and culture, the strengthening of civil society and its institutions.

**Keywords**: USA, SCO, Central Asia, economic development, security, natural and human resources, national interests, development of science and culture, civil society.

# НАТО дар Осиёи Марказӣ: самтҳои асосии ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа

**Аннотатсия.** НАТО минтақаи Осиёи Марказиро аз қисмати муҳими стратегияи инкишоф ва таъмини амнияти худ қарор додааст. Дар ҳамин замина кишварҳои Осиёи Марказӣ аз тариқи барномаҳом мухталифи НАТО ба доираи фаъолияти ин созмон фаро гирифта шуда, барои таъмини рушди устувор, таҳкими амнияти минтақа, мубориза бар зидди муомулоти ғайриқонунии маводи мухаддир, барномаҳои мухталифи бозомӯзӣ ҳамкорӣ кардаанд. Аз назари муаллиф, ҳамкориҳо дар бахши илму фарҳанг, иқтисодиёту иҷтимоиёт, ҳарбию таъмини амният аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, НАТО чунин фаъолиятҳояшро бо истифода аз имконоти дипломатияи ҷамъиятӣ (“нерӯи нарм”) амалӣ сохтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: Осиёи Марказӣ, НАТО, стратегияи инкишоф, амнияти миллӣ, илму фарҳанг, иқтисодиёт, ҳамкорӣ, дипломатияи ҷамъиятӣ, нерӯи нарм.

Чун сухан дар бораи ҳамкориҳои НАТО бо кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла давлатҳои тозабунёди Осиёи Марказӣ меравад, мавзӯи истифодаи бамавриди “нерӯи нарм” мавқеи махсус ба худ касб менамояд. Яке ба сабаби он, ки ин мафҳум худ таи солҳои ахир ҳамчун механизми муассири замони муосир дар ҳаллу фасли мушкилоти рӯз ва махсусан фарогирии комили тӯдаҳои васеи мардум барои дарки дурусти сиёсати давлатҳо, созмонҳо ва сохторҳои мухталиф дар арсаи байнамилалӣ мақом ва нақши муҳим ба даст овардааст. Дуюм, худи ҳамин мафҳуми “нерӯи нарм” дар мавриди сохторе мисли НАТО, ки табиатан чандон “нарм” нест, баҳсталаб аст[48].

Аммо воқеият ва дастовардҳои ин созмон дар арсаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки паймони НАТО дар ҳақиқат тавассути истифодаи босамар аз

[48] Schindler C. Proactively preserving the inward quiet: Public Diplomacy and NATO // Defence Strategic Communications. 2015. Vol 1, is. 1.

“нерӯи нарм” ҳамчун воситаи муҳими кор бо шаҳрвандон ва сохтонҳои мухталифи ғайринизомӣ муваффақ будааст. Чунин тарзи бархӯрд, яъне истифодаи васеъ ва самаранок аз “нерӯи нарм” ба НАТО иҷозат додааст, ки дар арсаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеъ ва мақоми қобили мулоҳизаро ба даст оварад. Ба ибораи дигар, ба НАТО лозим омад, ки барои шарҳу тафсири мантиқии фаъолият ва амалиёташ, сиёсат ва стратегияи амали худ дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон аз “нерӯи нарм” ҳамчун воситаи дипломатияи мардумӣ//ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода намояд. Ба таври равшан ва мушаххас натиҷагирӣ кардан аз фаъолиятҳои НАТО дар ин бобат аслан ғайриимкон аст, чун пурсишҳои ғайрирасмии мардумони кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар бобати муносибати онҳо ба НАТО асосан манфӣ ва адами некбинона будани ин муносибатҳост. Махсусан баъд аз ҳодисаҳои Украина ва куллан ранги манфӣ гирифтани муносибати Россия бо НАТО мавқеъ ва мақоми ин паймон дар минтақаи Осиёи Марказӣ баҳснок ва нигаронкунанда боқӣ хоҳад монд. Вале, аз назари коршиносон[49], маҳз истифодаи босамар ва дуруст аз дипломатияи ҷамъиятӣ ва анвои мухталифи “нерӯи нарм” ба НАТО имконият хоҳад дод, ки дурнамои фаъолияташро дар ин минтақа дуруст тарҳрезӣ намояд ва барои инуишофи чунин фаъолиятҳо умедвор бошад.

## 1. Ҳамкориҳо дар самти илму фарҳанг

Бояд зикр намуд, ки ин яке аз самтҳои муваффақ дар доираи фаъолиятҳои НАТО бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон аст. Масалан, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо бахшҳои илмию тадқиқотии созмони мазкур ҳамкории зичро ба роҳ мондааст. Як зумра олимону муҳаққиқони тоҷик аз кумакҳо ва дастгириҳои молии ин созмон аз тариқи грантҳои ихтисосӣ, масалан дар доираи барномаи “Илм барои сулҳ ва амният” бархурдор шудаанд. Дар соли 2006 барои шабакаи сохтории

[49] Seib Ph. Public Diplomacy and Hard Power: The Challenges Facing NATO // The Fletcher Forum of World Affairs. 2014. Vol. 38, is. 1. P. 95–100.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ гранти махсус ҷудо гардид. Ҳамчунон, Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2017 ҳамкории худро бо Дафтари афсари тамоси НАТО барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври густурда ба роҳ монда буд. Моҳи апрели соли 2017 бинобар сабабҳои иқтисодӣ дафтари мазкур, ки дар шаҳри Тошканд қарор дошт, баста шуд ва минбаъд тамоми мукотибаю ҳамкорӣ тавассути Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди НАТО ва дафтари ин созмон дар Брюссел сурат мегирад. Чорабиниҳои дигари мухталиф, аз қабили ташкили академияи тобистона дар дараи Ромит (2015), конфронси коршиносон таҳти унвони "Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва амнияти минтақавӣ баъд аз соли 2014" (Душанбе, 2015), рӯзи иттилоотии барномаи "Илм барои сулҳ ва амният"-и созмони мазкур таҳти тадорукоти АМИТ ва дастгирии Шуъбаи дипломатияи оммавии НАТО ва ғайра аз намунаҳои хубу пурсамари чунин ҳамкориҳоянд.

Миқдори бешумори олимон ва пажӯҳишгарони кишварҳои Осиёи Марказӣ инак беш аз си сол инҷониб дар барномаи "Илм барои сулҳ ва амният" (ИСА)-и НАТО ҷалб шудаанд. Барномаи ИСА ба ҳамкории зич дар масъалаҳои марбут ба манфиатҳои умумӣ барои таҳкими амнияти кишварҳои узви НАТО ва шарикон мусоидат мекунад. Ҳадафи ин барнома мусоидат ба мубориза муваффақона зидди талошҳои байналмилалӣ, махсусан дар заминаи минтақавӣ, муқобила бо чолишҳои нави амниятӣ, таҳияи барномаҳои махсуси илмӣ ва омодагии бештар ба офатҳои табиӣ ва бӯҳронҳои гуманитарӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки ҳамкориҳои олимон ва муҳаққиқон як анъанаи хуб ва зарурат барои пешрафт ва рушди устувори илм аст. Шабакаҳое, ки дар ин замина таъсис дода мешаванд, на фақат барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсию иҷтимоӣ, балки эҷоди фазои муносиби ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми миллатҳо низ мусоидат менамояд. Ҳадафи дигари барномаи ИСА мубодила ва интиқоли технологияҳо барои кӯмак ба кишварҳои шарик юарои ноил шудан ба ҳадафҳои муҳими худ дар фаъолиятҳои мушаххасу муштарак

мебошад, ки тавассути лоиҳаҳои тадқиқотии бисёрсола, симпозиумҳо ва курсҳои омӯзишӣ анҷом дода мешаванд.

Имрӯзҳо коршиносон ва олимони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои НАТО барои ҳалли маҷмӯи васеи масъалаҳои амниятӣ, бахусус дар самтҳои мубориза бо терроризм, пешгӯии офатҳои табиӣ ва пешгирии буҳронҳои иҷтимо, амнияти экологӣ ва муҳити зист ҳамкорӣ мекунанд. Масалан, дар моҳи июни соли 2012 дар Бишкек (Қирғизистон) курси махсуси такмили ихтисос баргузор гардид, ки дар он ба коршиносони ҳарбӣ ва ғайринизомӣ равиш ва методологияи муштарак барои эҷоди иқтидори миллӣ дар мубориза бар зидди терроризм пешниҳод карда шуд. Моҳи майи соли 2013 семинар дар шаҳри Самарқанд (Ӯзбекистон) масъалаҳои пешгирии бӯҳронҳо ва низоъҳои эҳтимолиро тавассути пешгӯии офатҳои табиӣ, моделсозӣ ва рушди устувор мавриди баррасӣ қарор дод. Метавон аз лоиҳаи тадқиқотии бисёрсола оид ба арзёбӣ ва мониторинги ифлосшавии обҳои фаромарзӣ (соҳаи аҳамияти хоса барои некӯаҳволии иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақа) низ ёдовар шуд, ки бо иштироки коршиносони Қазокистон, Қиргизистон, Точикистон ва Ӯзбекистон бомуваффақият амалӣ карда мешвад.

Чуное ки дар боло зикр гардид, кишварҳои Осиёи Марказӣ чун анъана ба барномаи “Илм барои сулҳу амният” таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, бархе аз онҳо хостори густариши минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи илм шудаанд. Дар ин замина дар доираи барномаи “Илм барои сулҳ ва амният” пайваста дар пойтахтҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Душанбе “Рӯзҳои иттилоотӣ” ташкил карда мешаванд, то олимону коршиносони кишварҳои шарикро дар бораи худи барнома огоҳ созанд ва онҳоро барои ширкат дар фаъолиятҳои минбаъдаи он даъват намоянд.

## 2. Ҳамкориҳо дар самти иқтисод ва иҷтимоиёт

Яке аз тамоюлҳои асосии рушди муосири иқтисоди ҷаҳонӣ дар сатҳи байналмилалӣ пурзӯр гардидани аҳамияти муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад. Падидаи барҷастаи ин тамоюл афзудани нақш ва мақоми равандҳои ҳамгироӣ (интегратсия), робитаҳои илмию техникӣ ва умуман иқтисодиёт ва ҳамкории мутақобила мебошад. Имрӯз наздикшавии байнидавлатӣ тамоми соҳаҳо ва бахшҳои мухталифи ҳаёти инсониятро фаро гирифтааст. Аммо зуҳуроти барҷастаи ин раванд ҳамоно иқтисодиёт ва тиҷорат боқӣ мемонанд. Фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакатҳои гуногун характери интернатсионалӣ пайдо мекунад. Соҳибкории ҳарбию саноатӣ, ки яке аз шаклҳои фаъолияти соҳибкории байналхалқӣ мебошад, дар як қатор мавридҳо ба воситаи самарабахши ҳалли баъзе проблемаҳои глобалии замони мо мубаддал гаштааст.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориро бо Иттиҳоди Аврупо яке аз муҳимтарин самтҳои стратегӣ медонанд. Онҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки тиҷорат бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупоро фаъол созанд ва сармоягузоронро бароитрушду такомули иқтисод ва иҷтимоиёти минтақа ҳарчи бештар ҷалб намоянд. Ва ин бесабаб нест. Яке аз омилҳои умда дар ин замина имконоти васеи бозори давлатҳои Иттиҳоди Аврупост ба нисбати шумораи зиёди аҳолӣ, сатҳи баланди даромади шаҳрвандон, стандартҳо, рақобат ва қоидаҳои равшану мушаххаси тиҷорат. Ба ҳамин муносибат лозим ба ёдоварист, ки дар чаҳорчӯби Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ, ки соли 2019 қабул шудааст, 5 ноябри соли 2021 дар Қирғизистон Форуми иқтисодии Иттиҳодияи Аврупо – Осиёи Марказӣ баргузор гардид, ки аз нигоҳи аҳамият ва нақши он дар бобати таъйини самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои ОМ бо ИА мақоми махсус дорад. Форуми мазкур ба масъалаҳои марбут ба стратегия ва таҳкими робитаҳои иқтисодии байни кишварҳи минтақаи ОМ ва ИА нигаронида шуда буд. Дар ин Форум се самти асосии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ: барқарорсозии экологӣ, рақамикунонӣ ва

беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мавриди баррасии ҷиддиву васеъ қарор гирифтанд. Дар ин Форум нахуствазирон ва муовинони нахуствазири кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин вазирону мақомоти баландпояи беш аз 15 кишвари узви Иттиҳодияи Аврупо ширкат доштанд. Дар изҳороти муштарак ширкаткунандагон азму мароми худро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ ба хотири дастгирии раванди табдили иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ ба иқтисоди диверсификатсионӣ ва рақобатпазир, ки асоси онро бахши хусусӣ бояд ташкил диҳад, изҳор намуданд[50].

Дар натиҷаи кӯшишҳои тарафайн таи солҳои охир вазъи тиҷорат ва муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии ОМ бо ИА ба таври назаррас беҳтар мегардад. Масалан, дар 10 соли охир кишварҳои узви Иттиҳодияи Аврупо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ беш аз 105 миллиард евро ё 121,3 миллиард доллар сармоягузорӣ кардаанд[51], ки он бештар аз 40% сармоягузории мустақими хориҷиро ба минтақа дар маҷмӯъ ташкил додааст. Ба ибораи дигар, бештар аз сеяки ҳаҷми умумии тиҷорати хориҷии Осиёи Марказӣ ба Иттиҳоди Аврупо рост меояд.

Дар ин раванд муносибат ва мақому пешравиҳои кишварҳои минтақа яксон нест. Масалан, Қазоқистон дар ин бобат ба муваффақиятҳои бештар ва назаррас муяссар гаштааст. Дар мулоқоти президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев бо раиси Шӯрои Аврупо Чарлз Мишел ин падида мусбӣ арзёбӣ гардид. Вазъ ва дурнамои шарикии стратегии Қазоқистон ва Иттиҳоди Аврупоро бо таваҷҷӯҳ ба ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт. Аз ҷумла, президент Тоқаев қайд кард, ки тайи се соли охир Қазоқистон ва Иттиҳодияи Аврупо ба он ноил

[50] Европейская комиссия (2021). Экономический форум ЕС – Центральная Азия: сближая регионы// https://ec.europa.eu/commission/presscorner/detail/en/ip_21_5841. Дата обращения: 02.12.2021.
[51] Астана Таймс (2021). Премьер-министр Казахстана предлагает создать Деловой совет ЕС – Центральная Азия для содействия торговле и инвестициям //https://astanatimes.com/2021/11/ kazakh-pm-proposes-to-establish-eu-central-asia-business-council-to-facilitate-trade-and-investment/. Дата обращения: 02.12.2021

гаштаанд, ки байни ҳамдигар муносибатҳои қавӣ бар асоси эътимод, эҳтироми мутақобила ва афзалиятҳои умумӣ барқарор намоянд. Сарвари Қазоқистон инчунин рушди босуръати робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузориро махсус қайд кард. Президент таъкид кард, ки Иттиҳодияи Аврупо яке аз бузургтарин сармоягузорони иқтисоди Қазоқистон бо сармоягузории умумии 160 миллиард доллар мебошадк[52].

Воқеан, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо шарики стратегии тиҷоратӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ боқӣ мемонанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2001 содироти кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Иттиҳодияи Аврупо 3 миллиард доллар ва воридот 2,4 миллиард долларро ташкил додааст. Дар солҳои минбаъда ҳаҷми содироти вилоят ба таври қобили мулоҳиза афзуда, балանси тиҷорат низ густариш ёфтааст. Ҳаҷми содирот аз Осиёи Марказӣ дар соли 2012 ба авҷи худ расида, беш аз 46 миллиард долларро ташкил додаст. Бӯҳрони ҷаҳонии молӣ ва поин рафтани нархи нафт дар соли 2008 ба дараҷа ва ҳаҷми содироту воридоти минтақа таъсири манфӣ расонид. Дар натиҷа, содироти Осиёи Марказӣ ба бозори ИА дар соли 2016 то 18,6 миллиард доллар коҳиш ёфт. Дар соли 2020 ин рақам 18,2 миллиард долларро ташкил дода, сатҳи пасттарин дар даҳсолаи охир арзёбӣ шудааст. Ҳаҷми содироти Иттиҳодияи Аврупо ба Осиёи Марказӣ бошад, ҳамагӣ 10,2 миллиард долларро ташкил дод.

Бояд тазаккур дод, ки содироти Осиёи Марказӣ ба бозори Иттиҳоди Аврупо асосан аз сӯзишвории маъданӣ иборат аст. Дар соли 2001 ҳиссаи содироти сӯзишвории маъданӣ дар ҳаҷми умумии содирот 41 фоизро ташкил дода, соли 2020 ба 90 фоиз расид. Ҳамин тариқ, чунон ки мебинем, сохтори содирот чандон диверсификатсия нашудааст, ки чунин ҳолат метавонад кишварҳои Осиёи Марказиро ба хатарҳои иловагӣ дучор созад.

---

[52] Казинформ (2021). Касым-Жомарт Токаев и председатель Совета Европы Шарль Мишель проводят переговоры // https://www.inform.kz/en/kassym-jomart-tokayev-and-european-council-president-charles-michel-hold-talks_a3867165. Дата обращения: 26.11.2021.

Масалан, тавре дар боло зикр гардид, поин рафтани нархи нафт боиси хеле коҳиш ёфтани арзиши содирот гардида, хавфҳои макроиқтисодиро барои Осиёи Марказӣ афзоиш додааст. Аз тарафи дигар, кишварҳои минтақа бояд сиёсати энергетикии Иттиҳодияи Аврупоро, ки ба рушди манобеъи таҷдидшаванда нигаронида шудааст, ба эътибор гиранд. Дар ниҳояти кор талабот ба сӯзишвории истихроҷшаванда метавонад коҳиш ёбад, ки метавонад боиси коҳиши минбаъдаи нарх гардад. Қисми боқимондаи содирот аз Осиёи Марказӣ аз маводи кимиёвии ғайриорганикӣ, металлҳо, нуриҳои минералӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ иборат аст. Воридоти Осиёи Марказӣ аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо гуногунранг буда, асосан аз маҳсулоти истеҳсолӣ иборат аст. Масалан, дар соли 2020 ҳиссаи техника дар ҳаҷми умумии воридоти Осиёи Марказӣ аз Иттиҳоди Аврупо 32 фоиз, маҳсулоти дорусозӣ 14 фоиз, мошину таҷҳизоти барқӣ 7 фоизро ташкил дод[53].

Дар қаринаи чунин муносибатҳо масъалаи амалӣ сохтани барномаҳои марбут ба ислоҳоти институтсионалӣ дар кишварҳои ОМ аҳамияти махсус ба худ касб менамояд. Татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ ба муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва аъзои Иттиҳоди Аврупо таъсири мусбат мерасонад. Масалан, ИА дар доираи нақшаи маъмули “Низоми умумии преференсияҳо” ба Ӯзбекистон, ки таи солҳои ахир ба дастовардҳои назарраси иқтисодию иҷтимоӣ ноил гардидааст, кумак расонд. Моҳияти ин нақша аз он иборат аст, ки  кишварҳои дорои даромади паст ва миёна бо ҳамроҳ шудан ба ин нақша талош мекунанд, то 27 талаботи асосии конвенсияи байналмилалиро оид ба ҳуқуқи инсон ва меҳнат, ҳифзи муҳити зист ва иқлим ва идоракунии хуб самаранок татбиқ кунанд. Тибқи ин нақша (GSP+) Ӯзбакистон имкон пайдо мекунад, ки беш аз 6200 номгӯи ашёи хомро ба кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо бидуни боҷ содир кунад, дар ҳоле ки тибқи низоми стандартии GSP шумораи молҳои бидуни боҷи гумрукӣ ба

[53] Хитахунов А. Экономическое сотрудничество между Центарльной Азией и Европейским Союзоӣ // https://www.eurasian-research.org/publication/economic-cooperation-between-central-asia-and-the-european-union/?lang=ru

3000 адад мерасад ва боқимонда 3200 номгӯи молро метавон бо нархҳои пасттар содир кард. Нақшаи GSP+ савдои дуҷониба байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупоро ба маротиб афзоиш медиҳад[54].

Ҳамин тариқ, Иттиҳоди Аврупо шарики асосии иқтисодӣ ва сиёсии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Наздикшавии минтақаҳо ба стратегияи Иттиҳоди Аврупо асос ёфтааст, ки дар доираи он платформаҳои муштарак ташкил меёбанд ва форумҳои махсус гузаронида мешаванд. Дар асл ИА ба шарики калидии тиҷоратӣ барои минтақа мубаддал гаштааст. Мутаассифона, асоси тиҷорати Осиёи Марказиро бо ИА асосан сӯзишвории истихроҷшавандаро ташкил медиҳад, дараҷа ва ҳаҷми содироти он камтар диверсификатсия шудааст. Аз ин рӯ, минтақа бояд иқтисоди худро ба таври ҷиддӣ ва қобили мулоҳиза тағйир диҳад ва бозори Иттиҳоди Аврупоро бештар ва амиқтар биомӯзад, то дурнамо ва ояндаи самтҳои афзалиятнокро барои истеҳсолкунандагони худ дуруст муайян карда тавонад. Дар баробари ин, раванди муваффақонаиислоҳоти институтсионалӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба мисли Ӯзбекистон, метавонад ба раванди бошиддати диверсификатсияи савдову тиҷорат бештар мусоидат намояд. Ин чунин маънӣ дорад, ки раванди пурра ва комилан ворид шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозори Аврупо татбиқи бомуваффақияти ислоҳоти иқтисодӣ ва институтсионалиро тақозо менамояд.

Аз тарафи дигар, тағйири вазъияти геополитикии Европа, ки бо стратегияи ҳарбию сиёсии як қатор давлатҳои Аврупо дар бобати ШМА ва НАТО алоқаманд аст, ба пурзӯр гардидани таъсири Штатҳои Муттаҳида дар минтақаи Аврупо ва афзудани миқъёси қувваҳои ҳарбии НАТО мусоидат мекунад. Дар натиҷа имрӯз НАТО дорои тавонмандӣ ва зарфияти калони ҳарбию иқтисодӣ гардидааст. Гуфтан кофист, ки он се давлати бузурги

54 UzReport (2021a). Узбекистан присоединяется к соглашению ЕС о ВСП+. Доступно по адресу: https://uzreport.news/economy/uzbekistan-joins-eu-s-gsp-arrangement. Дата обращения: 10.04.2021.

ядроиро дар бар мегирад[55]. Интегратсияи ҳарбию иқтисодии мамлакатҳои НАТО яке аз муҳимтарин хусусиятхои тараққиёти иқтисодиёти давлатҳои Ғарб мебошад. Ба вучуд омадани онро на танхо маҳдуд будани захираҳои миллй, амиқ шудани тақсимоти байналхалқии меҳнат, интернатсионали-кунонии фаъолиятҳои хоҷагидорӣ, балки инчунин вазъияти ҳарбию сиёсии мамлакатҳое, ки ба ин гурӯҳ дохил мешаванд, низ муайян мекунанд.

Дар сиёсати иқтисодии НАТО хароҷоти марбут ба мудофиа маблағҳои дахлдори трастиро, ки аз ҷониби худи НАТО идора карда мешаванд, дар бар мегирад ва барои фаъолиятҳои сулҳпарварӣ ва башардӯстона, амалиёти низомӣ дар минтақаи муноқиша, нобуд кардани аслиҳа ва лавозимоти ҷангии тарафҳои ҷангкунанда, инчунин санҷиш ва назорати марбут ба нобудсозии силоҳҳои бадастомада сарф мешавад. Хароҷот барои тадқиқот ва барномаҳои ихтиороъкорӣ низ ба хароҷоти мудофиа дохил карда мешавад.

Дар ҳамин замина бояд тазаккур дода, ки НАТО ҳамкориҳояшро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбакистон дар доираи сиёсат ва муқаррароти мавҷуда идома медиҳад. Ин сиёсат ба инкишофи муносибатхои берунй бо минтақаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, ки амнияту устувории онҳо бо амнияти умумии Евроатлантика зич алоқаманд аст, равона карда шудааст. Аз назари НАТО, ҳар кадоме аз ин панҷ кишвари Осиёи Марказӣ дорои аҳамияти бузурги статегӣ буда, барои беҳтар ва пурсамартар амалӣ сохтани нақшаву ниятҳои НАТО мусоидат хоҳанд намуд.

Таъмини амнияти энергетикии минтақа яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои байни Осиёи Марказӣ ва НАТО ба шумор меравад. Ба чунин ҳамкориҳо махсусан кишварҳои содиркунандаи нафту гази минтақа, яъне Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон манфиатдоранд. Намунаи чунин

[55] Шляхтунов А.Г. Экономическая политика НАТО как фактор усиления военной мощи на постсоветском пространстве и ее влияние на военную безопасность России // Вестник Екатеринбургского университета. ISSN: 1997-6968. № 3 (47) 2019. - С.66-70

ҳамкорӣ Лоиҳаи интиқоли нерӯи барқи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ (CASA-1000) маҳсуб мегардад, ки барои таъмини нерӯи барқи обии мавсимӣ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ равона карда шудааст, то талаботи афзояндаи нерӯи барқро дар Афғонистон ва Покистон қонеъ созад.

Воқеан ҳам дар фасли тобистон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нерӯи барқ зиёдатӣ мешавад. Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Тоҷикистон дорои захираҳои бузургтарини нерӯи барқи обии аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҷаҳон ба ҳисоб меравант. Баръакси ин, кишварҳои ҳамсояи Осиёи Ҷанубӣ, Афғонистон ва Покистон ба нерӯи барқ аз муштариёни тиҷоратӣ ва манзилӣ ниёзи назаррас ва афзоянда доранд. Дар ҳамин замина CASA-1000, як системаи нави интиқоли нерӯи баландшиддати барқ, ки чаҳор кишвари Осиёи Марказӣ ва ҷанубиро ба ҳам мепайвандад, ба коҳиши камбуди нерӯи барқ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ тавассути рушди тиҷорати нерӯи барқ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ мусоидат мекунад. Хароҷоти марбут ба амалӣ сохтани ин лоиҳаи ҳаётан муҳимро якчанд созмонҳои донорӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ дастгирӣ мекунанд.

Масалан, USAID ба Лоиҳаи CASA-1000 ҷиҳати дастгирии Котибот кӯмак мерасонад. Дар навбати худ Котибот дар самти ҳамоҳангсозӣ ва суръат бахшидан ба корҳои харид, сохтмон ва бунёди инфрасохтори интиқоли барқи CASA-1000 кӯмаки техникӣ мерасонад. Котиботи мазкур инчунин дар таҳияи механизмҳои муҳими тиҷоратии рушди тиҷорати минтақавӣ ва фаромарзии нерӯи барқ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ мусоидат мекунад. Лоиҳа як қадами аввалиндараҷа дар амиқсозии ҳамкориҳои минтақавӣ дар бахши энергетика ва фароҳам овардани дурнамои устувори тиҷорати байнисарҳадии нерӯи барқ мебошад.

Барои эҷод ва танзими инфрасохторҳои лоиҳаи мазкур бештар аз даҳ қарордодҳои сохтмонӣ ба имзо расидаанд. Мутобиқ ба қарордодҳои мазкур имрӯз корҳои сохтмонӣ дар чаҳор кишвари CASA-1000 - Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон,

Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд. Дар назар аст, ки натиҷаҳои аввалини ин лоиҳа дар соли 2024 рӯи кор меоянд.

## 3. Ҳамокориҳо дар самти ҳарбӣ ва таъмини амният

Ҳамкориҳои низомии НАТО бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба он асос ёфтааст, ки НАТО дар доираи стратегияи инкишофи худ ва диди геополитикиаш ҳамкориҳои низомиро дар ин минтақа яке аз самтҳои асосӣ барои оянда қарор додааст. Ин ҳамкориҳо дар чаҳорчӯбаи консепсияи маъмули НАТО таҳти унвони “Active Engagement, Modern Defence” (Иштироки фаъол, мудофиаи замонавӣ), ки барои давраи то соли 2020 таҳия ва қабул гардида буд, сурат мегиранд. Тибқи ин консепсия, минтақаҳои Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ барои таъмини сулҳи саросарии Авроазия хеле муҳим буда, ба ҳамин сабаб дар доираи ҳамкориҳои шарикӣ барои НАТО самти муҳими стратегӣ ва афзалиятнок қабул гардидааст. Ин мавзӯъ бори аввал ҳанӯз дар соли 2004 дар саммити Истамбул мавриди баррасӣ қарор гирифта буд, агарчанде оғози ҳамкориҳои низомию сиёсии НАТО бо ин ду минтақа аз соли 1994 сурат гирифтааст[56]. Бояд хотиррасон кард, ки маҳз дар саммити Истамбул вазифаи намояндаи махсуси НАТО дар Қофқоз ва Осиёи Марказӣ таъсис дода шуд, ки он аз аҳамият ва моҳияти стратегӣ доштани ин минтақаҳо барои паймони НАТО гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҳамин замина бояд хотиррасон кард, ки таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои марбут ба ислоҳоти соҳаи ҳарбӣ ва таъмини амният ҳамчун як соҳаи пураҳамият ва афзалиятноки ҳамкории НАТО бо кишварҳои шарики минтақаи Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. НАТО ва давлатҳои алоҳидаи аъзои он дар ин соҳа дорои донишу малакаҳои фаровоне мебошанд, ки дастрасӣ ба онҳо барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ хеле муфид хоҳад буд.

[56] Акматалиева А.М. НАТО и государства Центрально-азиатского региона: перспективы сотрудничества // Сравнительная политика, 4 (10), 2012ю – С.32-33.

Яке аз вазифаҳои муҳим дар ин самт баланд бардоштани сатҳи тайёрии ҳарбии кишварҳои минтақа дар бобати омода сохтан барои фаъолиятҳои муштараки ҳарбӣ якҷо бо НАТО ба хотири таъмини сулҳу субот ва пешгирӣ аз ноороми̣ҳои номатлуби иҷтимоист. Барномаҳои махсуси якҷоя, таълиму тарбия ва омӯзишҳо, амалиёт ва машқҳои мухталиф бо иштироки нерӯҳои ҳарбии чандин давлат дар як замон, бохабар будан аз шеваи кор ва омӯхтани роҳҳои наву аз нигоҳи технологӣ пешрафтаи усули корбарӣ дар ниҳояти кор ба боло рафтани дараҷаи омодагии ҳарбӣ ва имконоту қобилияти сари вақт ва натиҷабахш анҷом додани амалиёти марбут ба буҳронҳои сиёсӣ ва ҳолатҳои фавқулодда, таҳкими иқтидори сиёсиб ҳарбии кишварҳои мазкур мусоидат мекунад.

Самти дигари фаъолият дар бобати ислоҳоти соҳаи мудофиа ва ҳарбӣ ин мусоидат ба идоракунии пурсамари муассисаҳо ва сохторҳои низомии ин кишварҳо ва таъмини иштироки намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар танзими фаъоялияти онҳо мебошад. Ин мавзӯъ то андозае ҳассос ва аз нигоҳи амалӣ чандон осон нест. Дар аксари кишварҳои минтақа миқдор ва дараҷаи касбии афсарон, масалан, ҷавобгӯ ба талаботи замон нест ва, аз тарафи дигар, сохтор ва низоми муассисаҳои ҳарбии ин кишварҳо иҷозат намедиҳад, ки дар фаъолияти онҳо ба хотири таъмини шаффофият ва ҳисобдеҳ будан ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ширкат дошта бошанд. Барои ислоҳоти муваффақонаи соҳаи ҳарбии кишварҳои минтақа лозим аст, ки низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории ин кишварҳо низ ба меъёрҳои байналмаилалӣ мутобиқ карда шаванд.

Яке аз механизмҳои муассири НАТО дар бобати ислоҳоти соҳаи ҳарбӣ ин "Раванди банақшагирӣ ва таҳлил"-и барномаи "Ҳамкорӣ барои сулҳ" аст. Дар натиҷаи истифода аз ин унсур кишварҳои мавриди алоқа метавонанд дараҷаи омодагӣ, ҷиҳатҳои пурқувват ва заифи худ, заруратҳои техникӣ ва моддӣ барои рафъи ин камбудиву норасоиҳо бо иштироки коршиносони байналмилалӣ, ки НАТО таъмин мекунад, муайян созанд ба барои кумак ба

НАТо ва кишварҳои аъзои ИА мурочиат намоянд. Бояд гуфт, ки иштироки кишварҳои минтақа дар ин барнома яксон нест. Масалан, Қазоқистон дар ин барнома аз соли 2002 фаъолона ширкат меварзад. Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба ин барнома мутаносибан солҳои 2007 ва 2002 ҳамроҳ шуданд (агарчи Ӯзбекистон баъдтар иштироки худро дар ин барнома боз дошт). Тоҷикистон бошад, изҳон намуд, ки ба ин барнома назари мусбат дорад. Чуноне ки дар боло ишора рафт, кӯшишҳо ва алоқамандии роҳбарияти сиёсии Қазоқистон дар ботаи иштирок дар ин барнома ба он оаврда расонд, ки бо кумаки НАТО ва дастгирии кишварҳои аъзои ИА дар ин кишвар ниҳоди низомии қобили ҳамкорӣ ва амалиёти якҷоя бо НАТО таҳти унвони “ҚазБат” (ва баъдтар “ҚазБриг”) таъсис дода шуд. Таи солҳои ахир Қазоқистон ва НАТО машқҳои якҷояи ҳарбиро таҳти унвони “Уқоби даштӣ” анҷом доданд, ки дар доираи барномаи “Ҳамкорӣ барои сулҳ” сурат гирифтанд.

Самти дигари фаъолияти НАТО бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ин ҳамкорӣ дар соҳаи амалӣ сохтани барномаҳои марбут ба демилитаризатсияи муассисаҳо ва сохторҳои алоҳидаи низомӣ мебошад. Дар доираи чунин ҳамкорӣ бо кумак ва дастгирии молии НАТО яроқ ва аслиҳаи куҳнашуда ва ё зиёдатӣ, амволи хатарноки аз истифода беруншуда ва ғайра безарар гардонда мешаванд. Масалан, дар Тоҷикистон лоиҳаи Фонди махсуси НАТО-ҲБС, ки аз тарафи Британияи Кабир роҳбарӣ ва Ҷопон маблағгузорӣ гардид, амалӣ карда шуд. Дар чаҳорчӯби ин лоиҳа лавозимоти куҳнаи ҳарбӣ тахриб ва анборҳои аслиҳа ва муҳиммоти ҷангӣ дар манотиқи марзӣ мавриди тафтиш қарор гирифтанд. Лоиҳаи мазкур натиҷаҳои хуб ба даст овард ва бомуваффақият ба анҷом расид. Дар натиҷа дар соли 2004 тақрибан 1200 минаи боқимондаи зидди пиёдагард дар кишвар нобуд сохта шуда, Тоҷикистон тавонист уҳдадориҳои худро дар баробари Конвенсияи Оттава дар бобати манъи истифода, захира, истеҳсол ва интиқоли минаҳои зидди пиёдагард сарбаландона иҷро намояд.

Дар Қирғизистон бошад, дар ҳамин замина барномаи фарогирии иҷтимоии афсарони истеъфошуда, ки дар соли 2009 оғоз гардида буд, муваффақона амалӣ сохта шуд.

Дар хотима бояд қайд кард, ки самтҳои асосӣ ва муҳими ҳамкориҳои муштарак миёни НАТО ва Тоҷикистон метавонанд ба қарори зайл бошанд:

- ба роҳ мондан ва амалӣ сохтани муколамаҳои доимии сиёсӣ ва ҳамкории амалӣ бо НАТО оид ба таҳкими амнияти ҷаҳонӣ ва минтақа,
- мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, истифодаи ғайриқонунии маводи мухаддир, назорати пайвастаи силоҳ ва истифодаи он, паҳн накардани силоҳи ҳастаӣ,
- ҳамкориҳои судманди илмию фарҳангӣ дар доираи барномаи “Илм барои сулҳу амният” ва амсоли он,
- таҳкими равандҳои демократӣ, рушду такомули баъдии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он ва ғайра.

## НАТО в Центральной Азии: основные направления сотрудничества со странами региона

### Аннотация

В данной статье исследуются и анализируются вопросы, связанные со стратегией НАТО и основными направлениями ее деятельности в странах Центральной Азии. НАТО с начала 90-х годов рассматривает регион Центральной Азии важной частью своей стратегии развития и безопасности в целом. В этом контексте страны Центральной Азии были включены в сферу деятельности этой организации через различные программы НАТО, и они стали сотрудничать с НАТО в целях обеспечения устойчивого развития, укрепления безопасности региона, борьбы с незаконным оборотом наркотиков, проведения различных программ по переподготовке нақионалӣнҷх кадров. С точки зрения автора, сотрудничество в сферах науки

и культуры, экономики и общественной жизни, военной подготовки и безопасности является одним из приоритетных направлений, и НАТО реализовала такую деятельность, широко используя возможности публичной дипломатии («мягкой силы»).

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: Центральная Азия, НАТО, стратегия развития, национальная безопасность, наука и культура, экономика, сотрудничество, публичная дипломатия, мягкая сила.

## NATO in Central Asia: the main areas of cooperation with the countries of the region

### Annotation

This article explores and analyzes issues related to NATO's strategy and the main directions of its activities in the countries of Central Asia. Since the early 1990s, NATO has been considering the Central Asian region as an important part of its development and security strategy in general. In this context, the countries of Central Asia were included in the scope of this organization through various NATO programs, and they began to cooperate with NATO in order to ensure sustainable development, strengthen the security of the region, combat drug trafficking, and conduct various programs for the retraining of national personnel. From the author's point of view, cooperation in the fields of science and culture, economics and public life, military training and security is one of the priority areas, and NATO has implemented such activities, widely using the possibilities of public diplomacy ("soft power").

**KEY WORDS**: Central Asia, NATO, development strategy, national security, science and culture, economy, cooperation, public diplomacy, soft power.

## Стратегияи нави ШМА оид ба амнияти миллӣ

Ба таърихи 12 октябри соли 2022 Қасри Сафед ба таври расмӣ қабули Стратегияи амнияти миллии ШМА (National Security Strategy)-ро эълон намуд. Стратегияи мазкур одатан ҳар дафъа барои як давраи муайян аз тарафи маъмурияти президенти навбатии ШМА таҳия ва қабул мегардад. Ин дафъа маъмурияти президент Ҷо Байден ин санадро бо каме таъхир нашр кард, ки он зоҳиран ба тағйири вазъи байналмилалӣ ва паёмадҳои равандҳои глобалӣ вобастагӣ дорад. Стратегияи нави ШМА оид ба амнияти миллӣ аз 48 саҳифа иборат буда, 5 қисматро дар бар гирифтааст: мусобиқа барои он чӣ дар пеш аст (с.6-13), сармоягузорӣ барои қудратмандии мо (с.14-22), афзалиятҳои глобалии мо (с.23-36), стратегияи минтақавии мо (с.37-47, хулоса (с.48) .

Дар муқаддима гуфта мешавад, ки Стратегияи амнияти миллӣ (минбаъд - Стратегия) «тавсиф мекунад, ки Штатҳои Муттаҳида чӣ тавр манфиатҳои ҳаётии моро пеш бурда, барои ҷаҳони озод, ошкоро, шукуфон ва амн саъю кӯшиш хоҳад кард». Дар ҳамин ҷо ду таҳдиди асосӣ ба тартибот ва низоми демократии ҷаҳон ва манфиатҳои миллии Штатҳои Муттаҳида ба таври возеҳ гуфта шудааст - Россия ҳамчун хатари фаврӣ ва доимӣ (immediate and persistent threat) ва Чин бузургтарин таҳдиди дарозмуддати геополитикӣ (most consequential geopolitical challenge): "Мо бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, ягона рақибе, ки ҳам ният ва ҳам қобилияти тағйир додани тартиботи байналмилалиро дорост, дар баробари нигоҳ доштани хатари Россия, самаранок рақобат хоҳем кард."

Дар қисмати аввали Стратегия омадааст, ки ШМА имрӯз бо ду мушкилоти стратегӣ рӯ ба рӯ мебошад. Якум, раванди тағйирот ва навовариҳое, ки дар асари анҷоми "ҷанги сард" дар арсаи ҷаҳонӣ арзи вуҷуд кардааст, чун рақобат байни қудратҳои бузург барои ташаккули ҷаҳони нав, муносибатҳои нав ваояндаи инсоният ҷараён дорад. "Ҳеҷ миллате барои

муваффақ шудан дар ин рақобат беҳтар аз Штатҳои Муттаҳида нест”, - омадааст дар Стратегия. Биниш ва мавқеи ШМА дар ҳамкорӣ бо шариконаш ин таъмини ҷаҳони озод, ошкоро, амн ва шукуфон аст. Ин маънои онро дорад, ки усулҳои бунёдии худмуайянкунӣ, тамомияти арзӣ ва истиқлолияти сиёсӣ бояд эҳтиром карда шаванд, институтҳои байналмилалӣ мунтазам тақвият ёбанд, кишварҳо дар интихоби худ оид ба сиёсати хориҷии хеш озод бошанд, фазои озодонаи иттилоот таъмин гардад, ҳуқуқҳои асливу умумии инсон дастгирӣ ва фазои мусоиду ягона ба иқтисоди ҷаҳонӣ фароҳам оварда шавад.

Дуюм, чолишҳои муштараке, ки фаромарзӣ ҳастанд, сарҳад надоранд, аз қабили тағйирёбии иқлим, амнияти озуқаворӣ, бемориҳои сироятӣ, терроризм, нарасидани нерӯи барқ ё таваррум ва ғайра. Ин чолишҳои муштарак моҳияти геополитикӣ доранд ва дар ҷавҳари амнияти миллӣ ва байналмилалӣ қарор гирифтаанд. Ҳалли ин мушкилот фазои рақобатпазири байналмилалӣ ва ҳамкориҳои муштаракро тақозо мекунад, аммо афзоиши рақобати носолими геополитикӣ, миллатгароӣ ва популизм ин ҳамкориро боз ҳам душвортар мекунад ва ШМА-ро лозим меояд, ки ба таври нав ва диди тоза амал намояд.

Аз назари таҳиягарони Стратегия, имрӯз иддае аз кишварҳои ғайридемократӣ (низомҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ) ба раванди озодӣ, таъмини рушди устувор ва амнияти саросарӣ монеъ мешаванд. Россия, масалан, ба низоми озоду шаффофи байналмиллалӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод карда, қонунҳои асосии тартиботи байналмилалиро дағалона вайрон мекунад. Мушкилоти кишвари Чин тафовут дорад: он ягона рақибест, ки ҳам нияти тағйир додани тартиботи байналмилалӣ дорад ва ҳам дорои қудрати иқтисодӣ, дипломатӣ, низомӣ ва технологӣ барои амалӣ сохтани аҳдофи мазкур мебошад. Дар ҳамин қарина кишварҳои Эрон ва Кореяи Шимолӣ низ ба ҳайси кишварҳои хатарзо барои амнияти байналмилалӣ номбар шудаанд. “Мақсади мо равшан аст — мо тартиботи озод, ошкоро, шукуфон ва бехатари

байналхалқиро мехоҳем. Мо тартиботеро меҷӯем, ки озод бошад, зеро он ба одамон имкон медиҳад, ки аз ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, универсалии худ истифода баранд”, - таъкид шудааст дар Стратегия.

Стратегия доираи миллатҳоеро, ки мавқеъ ва дидгоҳи ШМА-ро дар бобати ҷаҳони озод, ошкоро, шукуфон ва амн дастгирӣ мекунанд, муайян намуда, ба ин гурӯҳ кишварҳои дорои низоми демократии Аврупо ва ҳавзаи Ҳинду Уқёнуси Оромро шомил месозад. Гурӯҳи дигарро кишварҳое ташкил медиҳанд, ки ба нисбати озод ва демократӣ набуданашон ба тартибот ва низоми байналмилалӣ ва амнияти он хавфи ҷиддӣ ворид месозанд, аз қабили Россия, Чин, Эрон, Кореяи Шимолӣ. Масалан, дар мавриди кишварҳои Чин ва Россия таъкид карда мешавад, ки онҳо аз анҷоми ҷанги сард ва паёмадҳои мусбати он баҳравар шуданд, иқтисодашон рӯ ба инкишоф ниҳод, кишвари Чин ҳатто ба як кишвари абарқудрати иқтисодӣ мубаддал гашт, Россия ба G8 ва G20 пайваст ва дар солҳои 2000-ум аз ҷиҳати иқтисодӣ барқарор шуд, аммо ин ҳарду кишвар аз тарси он, ки ташаккул ва такомули ҷомеаи озод ба низомҳои авторитарии онҳо хатар эҷод мекунад, роҳи дигари ғайридемократии инкишофро пеш гирифтанд, ки на аз тарафи ШМА ва на аз ҷониби шарикони демократии он пазируфта нахоҳад шуд.

Масъалаҳои марбут ба оқибатҳо ва паёмадҳои ногувори пандемия, мушкилиҳои муҳити солими зист ва тағйири иқлим дар саросари ҷаҳон, ба таври ғайриқобили қабул ва ташвишовар кам шудани масоҳати ҷангалҳо ва дигар захираҳои табиӣ, камбуди оби нӯшокӣ, боло рафтани нархи захираҳои энергетикӣ, густариш ёфтани касалиҳои сирояткунанда, боло рафтани сатҳи камбизоатӣ, чолишҳо ва мушкилоти марбут ба терроризм ва низомҳои авторитариву тоталитарӣ ва ғайра дар бахшҳои алоҳидаи Стратегия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо назардошти чунин ҳолати ногувор ва мақому тавонмандии ШМА, гуфта мешавад дар он, зарур аст, ки Амрико нақши пешбаранда ва раҳнаморо бар дӯш дошта бошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад се самти асосии фаъолият пешниҳод карда мешавад, ки бояд дар

маркази тавачҷуҳи стратегии ШМА қарор бигирад: 1) сармоягузории пайваста ва афзоянда ба сарчашмаҳо ва воситаҳои асосии қудрат ва нуфузи Амрико, 2) бунёди эътилофи пурқудрати давлатҳои алоқаманд барои баланд бардоштани таъсири дастаҷамъона дар ташаккули муҳити стратегии глобалӣ ва ҳалли мушкилоти муштарак, 3) таҳкими ҳарчи бештар ва модернизатсияи пайвастаи қувваҳои ҳарбии ШМА ба хотири рақобатпазирӣ бо кишварҳои абарқудрати мухолиф ва рафъи хатарҳои террористӣ.

Қисматҳои дуввуму сеюми Стратегия ба шарҳу тафсир ва шеваҳои амалӣ намудани ҳамин мақсадҳои стратегӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, дар Стратегия омадааст, ки имрӯз тафовут миёни сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар дигар вуҷуд надорад, зеро инҳо бо ҳам тавъаманд: қудрату тавонмандӣ ва рушду такомули дохилии кишвар, ки ба дастовардҳои навини технология ва инноватсия асос ёфтааст, ба афзоиши нуфузи он дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард. Аз тарафи дигар, нуфуз ва шуҳрати ҷаҳонии ШМА ба такмили бештари давлатдории миллӣ, ифтихор ва сарҷамъии миллат оварда мерасонад. Дар ҳамин замина бо иттиҳод ва созмону шабакаҳои мухталифи ҳамкориву шарикӣ, аз қабили СММ, Иттиҳоди Арупо (ИА), НАТО, Иттиҳоди иқтисодии Ҳинду Уқёнуси Ором барои инкишоф (IPEF), Шарикӣ барои сармоягузорӣ ва инфрасохтори ҷаҳонӣ (PGII), Чоргонаи Ҳинду Уқёнуси Ором (Австралия, Ҳиндустон, Ҷопон, Штатҳои Муттаҳида), Шӯрои тиҷорат ва технологияи ШМА ва ИА, AUKUS (Австралия, Британияи Кабир, Штатҳои Муттаҳида), I2-U2 (Ҳиндустон, Исроил, АМА, Штатҳои Муттаҳида), Шӯрои тиҷорат ва технологияи ШМА ва ИА ва ғайра дастаҷамъона амал намуда, барои таҳкими бештари низомҳои демократӣ, амнияти саросарӣ ва амалӣ сохтани усулҳои аслии оийнномаи СММ пайваста кӯшиш ба харҷ дода мешавад.

Бахши чоруми санади мазкур “Стратегияи минтақавии мо” номгузорӣ шудааст. Штатҳои Муттаҳида метавонад ба мушкилоти ин даҳсолаи ҳалкунанда танҳо тавассути шарикӣ бо кишварҳо ва одамон дар саросари

ҷаҳон посух диҳад. Муносибатҳои густурдаву амиқи роҳбарияти сиёсии кишвар имкон медиҳад, ки амрикоиҳо дар саросари ҷаҳон аз самараҳои чунин сиёсат баҳраманд гарданд: мо тақрибан дар ҳама кишварҳо сармоягузорӣ ва тиҷорат дорем, шаҳрвандони мо дар ҳама қитъаҳои олам кору зиндагӣ ва таҳсил мекунанд. Ояндаи Амрико ва ҷаҳон бо ҳам алоқаманд аст ва, аз ин рӯ, стратегияи мо стратегияи глобалӣ мебошад, - тазаккур мегардад дар ҳамин бахш.

Дар доираи сиёсати минтақавии худ ШМА ҳамкориҳои судмандро дар ҳавзаи Ҳинду Уқёнуси Ором самти афзалиятнок ва ҳаётан муҳим мешуморад, чун минтақаи мазкур, аз назари таҳиягарони Стратегия, дар оянда қисмати зиёди рушди иқтисодии ҷаҳонро таъмин намуда, ба маркази асосии геополитикаи асри 21 мубаддал хоҳад гашт. Штатҳои Муттаҳида якҷо бо дигар давлатҳои минтақавӣ барои озод, амн ва дастрас нигоҳ доштани ҳавзаи Ҳинду Уқёнуси Ором саъю кӯшиш хоҳад кард. Дар маркази таваҷҷуҳ, албатта, робитаву ҳамкориҳои бардавом ва судманд бо Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАN), давлатҳои ҷазираҳои Уқёнуси Ором дар ҳамкорӣ бо шарикони панҷгонаи хеш - Австралия, Япония, Ҷумҳурии Корея, Филиппин ва Таиланд қарор хоҳанд гирифт. APEC, Quad ва AUKUS ва дигар созмону шабакаҳо низ барои ҳалли мушкилоти минтақавӣ муҳим хоҳанд буд ва ШМА қувваи дастаҷамъонаи худро тавассути ба ҳам пайвастани иттифоқчиён ва шарикони рушд корбаст менамояд, аз ҷумла тавассути ташвиқи робитаҳои зичтар байни кишварҳои ҳамфикри Ҳинду Уқёнуси Ором ва Аврупо. Ба ҳамин муносибат махсус қайд карда мешавад, ки ШМА ҷомеаҳои озодро тавассути сармоягузорӣ ба институтҳои демократӣ, матбуоти озод ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дастгирӣ намуда, дар мубориза бар зидди тақаллуб ва фасоди иттилоотӣ бо шарикони худ ҳамкорӣ мекунад.

Равобити трансатлантикӣ низ қисмати муҳими сиёсати минтақавӣ шуморида шудааст. Ба ин муносибат дар Стратегия омадааст, ки Аврупо

шарики асосии ШМА дар ҳалли маҷмӯи пурраи мушкилоти глобалӣ буд ва хоҳад монд. Таҳкими минбаъдаи НАТО дар ҳамин замина мақоми махсусро касб кардааст ва содиқ будани ШМА ба паймони мазкур ва моддаи 5 он дар бобати дифои дастаҷамъӣ таъкид гардидааст. Дастгирӣ ва ҳамкориҳои минбаъда бо Украина, Молдова, Гурҷистон, кишварҳои минтақаи Балкан ва Кавкази Ҷанубӣ зикр гардида, сиёсати Россия ва роҳбарияти сиёсии он (президент Путин В.В.) маҳкум карда шудааст.

Дар мавриди кишварҳои Осиёи Марказӣ бошад, омадааст, ки ШМА минбаъд ҳам аз раванди таҳкими истиқлолияти давлатӣ, соҳибихтиёрии сиёсӣ ва тамомияти арзии кишварҳои минтақа пуштибонӣ хоҳад кард. “Мо кӯшишҳоро барои баланд бардоштани устуворӣ ва рушди демократӣ дар панҷ кишвари ин минтақа афзоиш медиҳем. Мо корро тавассути платформаи дипломатии С5+1 (Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Штатҳои Муттаҳида) барои пешбурди мутобиқшавӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ, тағйири иқлим, беҳтар кардани амнияти минтақавии энергетикӣ ва озуқаворӣ, густариши ҳамгироӣ дар дохили минтақа ва эҷоди робитаи бештар идома хоҳем дод,”- омадааст дар Стратегия. Шарҳу тафсили ҳамкориҳо бо кишварҳои африқоӣ, таъмини минтақаи озод ва амни Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ, мусоидат ба фазои хушоянд дар ақсои олам, баҳру бар ва кайҳон бахши мазкурро хотШМА бахшидаанд.

Дар қисмати хулоса зикр мегардад, ки ШМА дар ҳамкорӣ бо шариконии ҳамкораш масъала ва мушкилиҳои дар пеш истодаро муваффақона ҳаллу фасл хоҳад намуд. Дар ин раванд масъалаҳои марбут ба густариш ва таҳкими бештари низомҳои демократӣ, таъмини фазои амну ороми саросарӣ барои рушди устувор дар дохил ва хориҷи кишвар мақом ва мавқеи асосӣ хоҳанд дошт: “Мо демократияро дар саросари ҷаҳон таҳким мебахшем, зеро барои ояндаи муташаккил аз ниҳод ва низомҳои ҳуқуқбунёд, одилона ва озод, муҷаҳҳаз бо технологияҳои нав ва киберамният заминаи боэътимод

хоҳем гузошт. Ҳамин аст вазифаи таърихии мардуми Амрико, ки ҳамеша дар муборизаҳои тақдирсоз пирӯз гаштааст, мушкилиҳоро сарбаландона пушти сар кардааст. Вақт ғанимат аст”.

# Дипломатияи ҷамъиятӣ ҳамчун воситаи пурсамари “нерӯи нарм” ва истифодаи НАТО аз он дар Осиёи Марказӣ

**Аннотатсия**. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлатҳои абарқудрат ва созмонҳои байналмилалӣ қарор гирифтанд. Дар ҳамин замина НАТО низ кишварҳои Осиёи Марказиро аз тариқи барномаҳом мухталиф ба доираи фаъолияти худ фаро гирифта, барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва баланд бардоштани нуфуз ва эътибори хеш дар ин минтақа аз дипломатияи ҷамъиятӣ всеъ истифода бурдааст. Дар ҳамин қарина ҳамкориҳо дар бахши илму фарҳанг, иқтисодиёту иҷтимоиёт, ҳарбию таъмини амният аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, НАТО чунин фаъолиятҳояшро бештар бо истифода аз имконоти дипломатияи ҷамъиятӣ ҳамчун воситаи муассири“нерӯи нарм” дар раванди сиёсати хориҷии хеш амалӣ сохтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: Осиёи Марказӣ, НАТО, стратегия, амният, илму фарҳанг, иқтисодиёт, ҳамкорӣ, дипломатияи ҷамъиятӣ, нерӯи нарм.

Чун сухан дар бораи ҳамкориҳои НАТО бо кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла давлатҳои тозабунёди Осиёи Марказӣ меравад, мавзӯи истифодаи бамавриди “нерӯи нарм” мавқеи махсус ба худ касб менамояд. Яке ба сабаби он, ки ин мафҳум худ таи солҳои ахир ҳамчун механизми муассири замони муосир дар ҳаллу фасли мушкилоти рӯз аз тариқи фарогирии комили тӯдаҳои васеи мардум барои дарки дурусти сиёсати давлатҳо, созмонҳо ва сохторҳои мухталиф дар арсаи байнамилалӣ мақом ва нақши муҳим ба даст овардааст. Дуюм, худи ҳамин мафҳуми “нерӯи нарм” дар мавриди сохторе мисли НАТО, ки табиатан чандон “нарм” нест, баҳсталаб аст[57].

Аммо воқеият ва дастовардҳои ин созмон дар арсаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки паймони НАТО дар ҳақиқат тавассути истифодаи босамар аз

[57] Schindler C. Proactively preserving the inward quiet: Public Diplomacy and NATO // Defense Strategic Communications. 2015. Vol 1, is. 1.

“нерӯи нарм” ҳамчун воситаи муҳими кор бо шаҳрвандон ва сохторҳои мухталифи ғайринизомӣ муваффақ будааст. Ва ин табиист, чун мазмун ва моҳияти худи мафҳуми геополитика низ ба таври қобили мулоҳиза тағйир кардааст. Агар дар гузашта воситаи ягонаи таъсири нуфуз ва ҳалли масъалаҳои марбут ба геополитика фақат аз тариқи амалиёти ҳарбию истифодаи қудрати низомӣ сурат мегирифт, воқеияти охири асри XX ва ибтидои қарни XXI роҳҳалҳои дигари ин қазоро ба миён овард, ки пуртаъсиртар ва бештар қобили қабуланд. Ин роҳҳалҳои нав мақом ва нуфузи воситаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ (иҷтимоӣ) мебошанд, ки дар асари табаддулоти сиёсӣ ва дастовардҳои бузурги иттилоотию технологӣ муяссар гардидааст ва онро дар маҷмӯъ “нерӯи нарм” мегӯянд.

Ба маврид аст, ки ба таври мухтасар оид ба “нерӯи нарм” ва истифодаи васеи он ҳамчун воситаи пурсамари ҳалли осоиштаи масъалаҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир сухан ронем, чун дипломатияи ҷамъиятӣ (публичная дипломатия) яке аз намунаҳои хуб ва воситаи пурсамари он арзёбӣ мешавад. Аслан дар бораи ин мафҳум (дипломатияи ҷамъиятӣ) фаҳмиши ягона ва ё таърифе, ки аз тарафи аксарият пазируфта шуда бошад, то ҳанӯз вуҷуд надорад. Аммо ин нукта равшан ва қобили қабули ҳамагон аст, ки дипломатияи ҷамъиятӣ як шакл ва ё воситаи пурсамари “нерӯи нарм” аст, ки дар муносибатҳои байналмилалии замони муосир дар арсаҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ васеъ истифода мегардад. Мақсади асосии он ба таври бештар ва равшантар инъикос намудани сиёсати хориҷии як кишвар дар миёни тӯдаҳои васеи кишвари (кишварҳои) дигар бо истифода аз ашколи мухталифи иттилоотӣ ва иделогӣ мебошад[58].

Ба ибораи дигар, нерӯи нарм имкон ва ё воситаест барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ дар арсаи байналмилалӣ тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ, бовар кунондан ва ҷалби таваҷҷуҳи дигар субъектҳо ба мақсад ва аҳдофи

[58] Долинский А.В. Эволюция теоретических оснований публичной дипломатии // Вестник МГИМО-Университета. 2011. Вып. № 2. С. 275–280.

хеш. Дар асл “нерӯи нарм” ин як намуди махсуси фаъолияти сиёсати хориҷист, ки барои паҳн кардани нуфуз ва сиёсати як давлат дар қаламрави дигар давлатҳо ва субъектҳои байналмилалӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, фарҳанги оммавӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, барномаҳои мухталифи таълимӣ, созгор намудани муҳити мусоиди иқтисодӣ, паҳн кардани идеалҳои ҷолиби башардӯстона ва сиёсию иделогии барои кишварҳои дигар ҷолиб ва намунаи ибрат мусоидат менамояд. Имрӯз воқеан ҳам «нерӯи нарм» ба яке аз муҳимтарин ва пуртаъсиртарин воситаи таъсиррасонӣ дар ҷаҳони муосир табдил ёфта, як атрибути асосӣ дар сиёсат ва муносибатҳои байналмилалии кишварҳои абарқудратро ба худ касб намудааст.

Сарфи назар аз он, ки идеяи истифодаи «нерӯи нарм» барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷии кишварҳо ва кӯшиши таъсир расонидан ба ҳамсоягон бо роҳҳои осоишта нав нест ва аз тарафи давлатҳо ба шаклҳои гуногун ҳанӯз дар замони қадим мавриди истифода қарор мегирифт, вале тарҳи консептуалии ин мафҳум нисбатан ба наздикӣ шакл гирифтааст. Соли 1990 ин мафҳумро бори нахуст олими амрикоӣ Ҷозеф Най дар асари худ «Даъват ба роҳбарӣ. Табиати тағирёбандаи қудрати Амрико" («Bound to lead. The changing nature of American Power») ба гардиши илмӣ ворид сохт. Дар соли 2004 худи ҳамин муаллиф дар рисолаи дигараш таҳти унвони “Нерӯи нарм: Воситаҳои муваффақият дар сиёсати ҷаҳонӣ” («Soft Power: The Means to Success in World Politics») омӯзиши пурра ва муфассали мафҳуми мазкурро пешниҳод кард. Аз назари Ной, асоси “нерӯи нарм”-ро се унсури муҳими зерин ташкил медиҳад: 1) фарҳанг, ки метавонад ба таври шоиста таваҷҷуҳи оммаи васеи мардумро ба худ ҷалб намояд, 2) арзишҳои ҷолиби сиёсӣ (дар дохил ва берун аз кишвар) ва 3) сиёсати расмии хориҷӣ (фаъолияти ин ё он давлат бояд дар байни дигар давлатҳо сазовори эътибор ва арзиши ахлоқӣ дошта бошад)[59].

[59] Nye Joseph S. Jr. Bound to Lead: The Changing Nature of American Power. New York: Basic Books, 1991.- 336p.; Nye J. Public Diplomacy and Soft Power. The Annals of the American Academy of Political and Social Science. Vol. 616, Public Diplomacy in a Changing World (Mar., 2008), pp. 94-109.

Чуноне ки ишора рафт, барои татбиқи пурсамари “нерӯи нарм” аз восита ва шеваҳои мухталиф истифода мегардад. Дипломатияи ҷамъиятӣ дар ҳамин замина самараноктарин ва маъмултарин роҳи татбиқи “нерӯи нарм”-и давлатҳо ба шумор рафта, лоиҳаҳои фарҳангӣ, маориф, варзишӣ, ВАО, илмӣ ва дигар чорабиниҳоро дар бар мегирад. Мақсади чунин лоиҳаву чорабиниҳо аз тариқи дипломатияи ҷамъиятӣ/мардумӣ дар ҳамкорӣ бо элита ва ҷомеаи кишварҳои дигар муаррифӣ сохтани симои ҷолиб ва қобили қабули кишвари худ мебошад. Ба ибораи дигар, дипломатияи ҷамъиятӣ маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба омӯхтан, маълумот додан ва ташаккул додани афкори мусбати ҷамъиятии хориҷӣ нисбат ба як давлати муайян нигаронида шудааст. Иштироккунандагон ва фаъолони дипломатияи ҷамъиятӣ на танҳо ҳукуматҳо ва мақомоти давлатӣ, балки ташкилоту ниҳодҳои ғайридавлатӣ, васоити ахбори омма, сохторҳои тиҷоратӣ, гурӯҳҳои хусусӣ ва шахсони алоҳида ҳамчун иштирокчиёни гуфтугӯ ва муколимаи фарҳангии байни тамаддунҳо буда метавонанд. Ногуфта намонад, ки махсусан солҳои ахир аз ин воситаи пурсамари идеологӣ кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз қабили ШМА, Иттиҳоди Аврупо, Япония дар муносибатҳои байналмилалии хеш дар арсаи ҷаҳонӣ ва сатҳи минтақа хуб ва пурасамар истифода мекунанд. Кишварҳое чун Чин, Ҳиндустон, Бразилия ва ғайра низ бештару беҳтар аз ин воситаи пурсамар баҳра мебаранд. Масалан, кишвари Чин таи солҳои ахир дар асари дастовардҳои бузурги технологиву коммуникатсиониаш, аз як тараф, ва фаъолона пайвастанаш ба равандҳо ва созмонҳои ҳамгироии байналмилаливу минтақавӣ, аз дигар тараф, дар истифодаи дуруст ва пурсамари “нерӯи нарм”,

аз ҷумла дипломатияи ҷамъиятӣ ба натиҷаҳои чашмрас муяссар гаштааст. Чунин тарзи бархӯрд ба роҳбарияти сиёсии ин кишвар иҷозат додааст,ки сиёсати хориҷии худро бештар ва муваффақонатар амалӣ созад ва нуфуз ва эътибори худро дар арсаи ҷаҳонӣ ба маротиб боло бубарад. Аз тарафи дигар, тибқи маълумоти коршиносон[5], чунин сиёсат ба ҳаллу фасли муваффақона ва баланд бурдани сатҳи бовари мардум дар дохили кишвари Чин низ мусоидат

кардааст. Дар Тоҷикистон, аз назари мо, то ҳанӯз аз ин механизми муосири пурсамар дар амалӣ сохтани сиёсати хориҷӣ, ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани нуфуз ва эътибори худ камтар истифода мебаранд, аниқтараш, таҳияву ташаккул ва корбурди идея ва амалияи дурусти он ба як низоми муайян даровarда нашудааст.

Дар ҳамин замина истифодаи васеъ ва самаранок аз "нерӯи нарм" ба НАТО низ иҷозат додааст, ки дар арсаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеъ ва мақоми қобили мулоҳизаро ба даст оварад. Ба ибораи дигар, ба НАТО лозим омад, ки барои шарҳу тафсири мантиқии фаъолият ва амалиёташ, сиёсат ва стратегияи амали худ дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон аз дипломатияи ҷамъиятӣ ҳамчун воситаи "нерӯи нарм" ба таври васеъ истифода намояд. Ба таври равшан ва мушаххас натиҷагирӣ кардан аз фаъолиятҳои НАТО дар ин бобат аслан ғайриимкон аст, чун пурсишҳои ғайрирасмии мардумони кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар бобати муносибати онҳо ба НАТО асосан манфӣ ва адами некбинона будани ин муносибатҳост. Махсусан баъд аз ҳодисаҳои Украина ва куллан ранги манфӣ гирифтани муносибати Россия бо НАТО мавқеъ ва мақоми ин паймон дар минтақаи Осиёи Марказӣ баҳснок ва нигаронкунанда боқӣ хоҳад монд. Вале, аз назари коршиносон[60], маҳз истифодаи босамар ва дуруст аз дипломатияи ҷамъиятӣ ва анвои мухталифи "нерӯи нарм" ба НАТО имконият хоҳад дод, ки дурнамои фаъолияташро дар ин минтақа дуруст тарҳрезӣ намояд ва барои инуишофи чунин фаъолиятҳо умедвор бошад.

Ҳадафи ҳамкориҳо аз тариқи дипломатияи ҷамъиятӣ бо шарикон дар Осиёи Марказӣ баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи Паймон ва манфиатҳои шарикӣ бо НАТО, инчунин ҷалби роҳбарон ва ходимони барҷастаи сиёсию ҷамъиятӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии минтақа ба андешаву афкор ва идеологияи ин созмон мубошад. Чунин фаъолиятҳо аз

[60] Кривохиж С. В..”Мягкая сила” и публичная дипломатия в теории и внешнеполитической практике Китяа // Вестник Санкт-Петербургского университета. 2012. Сер. 13 Вып. 3. - С.103-123

рӯзҳои аввали ҳузури НАТО дар Осиёи Маразӣ то ба имрӯз дар саросари минтақа дар шаклҳои мухталиф, мсасалан, аз тариқи эҷоди шабакаҳои муттассил бо донишгоҳҳо, созмонҳои ғайридавлатӣ ва ВАО идома дорад. Созмонҳо ва сохторҳои маҳаллӣ ё созмону ниҳодҳои ғайридавлатӣ, ки аз ҷониби НАТО дастгирӣ мешаванд, дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар қисматҳои мухталифи кишвар чорабиниҳои гуногун, аз қабили семинарҳо, конфронсҳо ва симпозиумҳо ташкил мекунанд ва пеш мебаранд.

Соли 2007 дар Алмаато (Қазоқистон) Маркази захиравӣ ва иттилоотии НАТО таъсис дода шуд, ки то имрӯз фаъолият мекунад, то дастрасиро ба нашрияҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ беҳтар созад. Паймон ҳамчунин шабакаи китобхонаҳои депозитарӣ ва гӯшаҳои чандрасонаии НАТО-ро дар минтақа, аз ҷумла дар Донишгоҳи Иқтисоди Ҷаҳонӣ ва Дипломатияи Тошканди Ӯзбекистон (дар аввали соли 2014) ба роҳ мондааст. Аз тарафи дигар, тадқиқотчиён, ходимони давлатию ҷамъиятии кишварҳои минтақа ба таври мунтазам ба қароргоҳи НАТО даъват карда мешаванд, то бо фаъолияти ин созмон аз наздик шинос шаванд. Намояндагони НАТО низ ба минтақаи Осиёи Марказӣ сафар карда, бо намояндагони давлатҳои дахлдор мулоқот ва дар чорабиниҳои оммавӣ суханронӣ мекунанд. Метавон гуфт, ки масъулини робита бо ҷомеаи НАТО дар Осиёи Марказӣ аз тариқи истифодаи васеи имконоти дипломатияи ҷамъиятӣ, бахусус тавассути ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО ва ширкат дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ нақши фаъол мебозад.

Воқеияти замони муосир ин аст, ки дипломатияи ҷамъиятӣ имрӯз аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ низ ба таври васеъ корбаст мешавад[61]. Сиёсати НАТО дар Осиёи Марказӣ гувоҳи ин гуфтаҳост. Омӯзиши масъала

[61] Никитина Ю. Публичная дипломатия в работе межправительственных организаций: ОДКБ и ШОС // Публичная дипломатия: Теория и практика / под ред. М.М. Лебедевой. М. : Аспект Пресс, 2017. С. 112–127; Seib Ph. Public Diplomacy and Hard Power: The Challenges Facing NATO // The Fletcher Forum of World Affairs. 2014. Vol. 38, is. 1. P. 95–100.

аз он шаҳодат медиҳад, ки НАТО воқеан ҳам дар шаклҳои мухталиф дар бобати истифода аз дипломатия ҷамъиятӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст овардааст, махсусан дар соҳаи таълиму тарбия (масалан, барномаҳои марбут ба бозомӯзии кадрҳои низомӣ), баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, такмили дараҷаи донишҳои коршиносони бахшҳои алоҳида, корҳои иттилоотиву фаҳмондадиҳӣ ва ғайра. Дар бобати дараҷаи фаъол будан ва муваффақияти НАТО оид ба истифодаи дипломатияи ҷамъиятӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ метавон гуфт, ки дараҷаи чунин фаъолиятҳо дар Қазоқистон баландтарин ва дар Туркманистон поёнтарин мебошад. Ба таври мушаххас ва равшантар ошкор сохтани дараҷаи чунин фаъолиятҳо ҳанӯз ҳам андаке мушкил аст, агарчанде, масалан, пурсишҳои ғайрирасмии аҳолии кишварҳои минтақа аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муносибати онҳо нисбат ба НАТО ва сиёсати он дар минтақа хушбинона (мусбат) нест. Ин ҳолат НАТО ва мақомоти марбутаи онро водор месозад, ки чунин воқеият ва мушкилотро таҳаммул намоянд ва, аз тарафи дигар, роҳҳои муассир сохтани чунин фаъолиятҳоро таҷдиди назар кунанд. Он нукта низ муҳим аст, ки ҳодисаҳои солҳои ахир, махсусан ҳолати имрӯзаи муносибатҳои байналмилалӣ дар асари мунокиша ва низоъҳои байни Россия ва Украина ба фаълият ва мақоми НАТО дар Осёи Марказӣ таъсири манфӣ хоҳад гузошт ва дар чунин шароит ба НАТО лозим меояд, ки аз дипломатияи ҷамъиятӣ бо диди нав ва шаклҳои тозаи корбурд истифода намояд ва ҳузуру тақдири ояндаи худро дар ин минтақаи аз нигоҳи геополитикӣ муҳим таъмин намояд.

Хулоса, баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба яке аз субъектҳои муҳими муносибатҳои байналмилалӣ мубаддал гашт. Мавқеъ ва мақоми Тоҷикистон махсусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти бештари геостратегӣ ва геополитикиро ба худ касб намуд. Яке аз дастовардҳои арзишманди роҳбарияти сиёсии кишвар муваффақона амалӣ намудани

сиёсати “Дарҳои боз” аст, ки дар асари он Тоҷикистон тавонист худро дар арсаи байналмилалӣ беҳтар муаррифӣ намояд ва доираи шарикони ҳамкорашро ба маротиб афзоиш диҳад. Дар ҳамин қарина сиёсати гуногунҷабҳаи Тоҷикистон, ки ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва густариши доираи шарикони ҳамкор асос ёфтааст, кӯшишҳои роҳбарияти сиёсии кишварро дар бобати бунёди ҷомеаи озод ва ҳуқуқбунёд, аз як тараф, ва таъмини мизони сиёсӣ дар муносибатҳояш бо акторони асосии минтақа, аз тарафи дигар, тақвият мебахшад. Густариши ҳамкориҳои минбаъда бо НАТО дар доираи барномаҳои мухталифи он, махсусан барномаи “Ҳамкорӣ барои сулҳ” низ ба ин раванди созанда мусоидат хоҳад намуд.

Таваҷҷуҳ ба “нерӯи нарм” ва имконоти васеи он дар раванди давлатдории миллии Тоҷикистон ва бештару беҳтар муаррифӣ сохтани сиёсат ва диди стратегии кишвар тақозои замон аст. Аслан бояд тазаккур дод, ки мазмун ва муҳтавои консепсияи “нерӯи нарм” ва дипломатияи ҷамъиятӣ/мардумӣ созгор ва ҷавобгӯ ба сиёсати сулҳхоҳонаи роҳбарияти сиёсии кишвар дар замони Истиқлолияти давлатист, ки ба ормон ва афкори иҷтимоии таърихии халқи тоҷик асос ёфтааст. Намунаи равшан ва бузурги он, аз ҷумла, гуфтаҳои зерини Мавлоно Ҷалолиддини Румист, ки фармудааст:

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,
Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.

Чунин бархӯрд ва махсусан истифодаи бештар ва пурсамар аз дипломатияи ҷамъиятӣ ба кишвари мо, ки дорои анъанаҳои бои таърихии илмиву фарҳангист, низ иҷозат медиҳад, то дар низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир мақоми шоистаро сазовор гардад ва сафи дӯстон ва шарикони ҳамкорро барои таъмини ояндаи шукуфон ва сулҳу амнияти саросарӣ афзун намояд.

# Публичная дипломатия как эффективный инструмент «мягкой силы» и ее использование НАТО в Центральной Азии

**Аннотация**. После распада Советского Союза страны Центральноазиатского региона оказались в центре внШМАния сверхдержав и международных организаций. В этом контексте НАТО включила страны Центральной Азии в сферу своей деятельности через различные программы и стала широко использовать публичную дипломатию для достижения желаемых результатов и повышения своего влияния и престижа в этом регионе. В этом контексте сотрудничество в сферах науки и культуры, экономики и социальных дел, военной и региональной безопасности является одним из приоритетных направлений, где НАТО осуществляла такую деятельность с широким использованием публичной дипломатии как эффективный инструмент «мягкой силы» в процессе реализации своей внешней политики.

# Public diplomacy as an effective tool of "soft power" and its use by NATO in Central Asia

**Annotation**. After the collapse of the Soviet Union, the countries of the Central Asian region found themselves in the center of attention of the superpowers and international organizations. In this context, NATO has included the countries of Central Asia in its activities through various programs and has made extensive use of public diplomacy to achieve the desired results and increase its influence and prestige in the region. Thus, cooperation in the fields of science and culture, economics and social affairs, military and regional security is one of the priority areas where NATO carried out such activities with extensive use of public diplomacy as an effective tool of “soft power” in the process of implementing its foreign policy.

# Идоракунии пурсамар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

Имрӯз дар тамоми гӯшаву канори дунё ҳаракат ба сӯи таҳкими бештари низомҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккул, такомул ва вусъати ҳамаҷонибаи он аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти низомҳои сиёсии миллӣ ба шумор меравад. Дар Тоҷикистон ҳам раванди демократисозии ҷомеа ва давлатдории миллии нав босуръат ҷараён дорад[62].

Яке аз императивҳои замони муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ ин аст, ки инкишоф бояд ба идоракунии пурсамар (качественное управление// good governance) асос ёфта бошад. Дар санадҳои Барномаи рушди СММ, ки бори нахуст истилоҳ ва назариёти Good Governance истифода ва баён гардида буд[63], тавре ки аз муҳтавои ин санадҳо бармеояд, идоракунии пурсамар маънои онро дошт, ки идоракунӣ ( governance) дар асоси усули таҷзияи ҳукумат, мардумсолорӣ, интихобӣ ва ивазшаванда будани шахсиятҳои мансабдор дар сатҳи олӣ, ҳисобдиҳанда будани ниҳодҳои ҳукумати иҷроия, волоияти қонун, бисёрандешии сиёсӣ, фарогир будан (инклюзивӣ), шаффофият, партисипативӣ, воситаҳои ахбори оммаи озод амалӣ мегардад ва хусусияти демократӣ дорад. Нуктаи муҳимми дигаре, ки дар санадҳои СММ таъкид шудааст, он аст, ки идоракунӣ ҳамзамон бо демократӣ буданаш ҳатман бояд босамар ҳам бошад. Дар ин ҷо босамар будан ба маънои ноил гардидан ба ҳадаф дар вақти муқарраршуда ва бо сарфи ками захираҳои ҷамъиятӣ аст. Барои ин лозим аст, ки аз тамоми роҳҳо ва захираҳои имконпазир истифода шаванд[64].

Аммо давлат дигар наметавонад ба танҳоӣ чунин идоракуниро анҷом диҳад, чун мафҳум ва амалияи такя ба заминаҳои васеи иҷтимоии ҷомеа ва

---

[62] Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ, солҳои 2018, 2019.

[63] What is Good Governance? // https://www.unescap.org/sites/default/files/good-governance.pdf ; What Does “Good Governance” Mean? // https://unu.edu/publications/articles/what-does-good-governance-mean.html

[64] Good Governance: Шарҳ ва тафсири он. Душанбе, 2013. – 127 с.

дастгирии шаҳрвандон аҳамияти махсус касб кардааст[65]. Азбаски равандҳои солҳои охир дар қаринаи ҷаҳонишавии умумӣ шарту шароити низоми давлат ва давлатдориро ба таври қобили мулоҳиза тағйир додааст, давлатҳо дар умури идораи хеш дигар наметавонанд ба шеваи пешин ва бидуни кумак ва дастгирии сохторҳои ҷамъиятӣ фаъолият кунанд: ин кумакро дар идораи давлат ва мудирияти пурсамар метавонанд созмонҳои ғайридавлатӣ (СҒД) анҷом диҳанд. Шароити нав тақозо мекунад, то давлат ва идоракунии пурсамари давлат бо иштироки фаъолонаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат гирад. Масалан, дар Чехия масъалаи назорат ва мониторинги дараҷаи ришватхӯрӣ, фасод ва коррупсияи сохторҳои давлатӣ аз тарафи созмонҳои ғайридавлатӣ анҷом дода мешавад ва маблағи хароҷоти онро худи давлат мепардозад. Чунин намунаи хуби ҳамкорӣ ва боварии давлат нисбат ба созмонҳои ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳам ба назар мерасад. Дар назди Вазорати адлияи ин кишвар Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба мубориза и зидди фасод ва коррупсия амал мекунад, ки дар фаъолияти он созмонҳои ғайридавлатӣ ба таври фаъол ширкат меварзанд. Ба қавли Марат Карпов, вазири собиқи адлияи ин кишвар, созмонҳои ғайридавлатӣ амали назорат ва арзёбии сохторҳои давлатиро дар бобати ришват ва коррупсия хеле хуб ва беҳтар аз дигарон анҷом медиҳанд[66]. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад, ниҳодҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси ҳамкорони интеллектуалии давлат ва сохторҳои давлатӣ эътироф шудаанд. Ба ҳамин сабаб ҳам мухолифат ва зиддият миёни давлат ва ниҳодҳои ҷомеа шаҳрвандӣ хеле ночиз аст, чун ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он, аз ҷумла созмонҳои ғайридавлатӣ ба гунаи захираи тиллоӣ ва сарчашмаи боэтимоди кадрҳои миллӣ барои давлат ва сохторҳои давлатӣ матраҳ ва арзёбӣ мегардад.

Давлат ба инкишофи СҒД в СҒД ба устувор будани давлат ҳавасманданд. Яъне, дар муносибатҳои ҳамдигарии давлат ва СҒД «девори

[65] Милованова М.Ю. Партнёрство политических партий и общественных объединений как социальная база модернизации современной России. Вестник РГГУ, №2, 2012.
[66] Каипов М. Какой сегодня имидж НПО Кыргызстана? (обсуждение) // Третий сектор,2007, №4.

Чин» вуҷуд надорад, онҳо ҳамеша ҳамдигарро пурра мекунанд, тақвият медиҳанд ва аз имконоти ҳамдигар истифода мебаранд. Масалан, собиқ вазири корҳои хориҷии Амрико Мадлен Олбрайт (Madeleine Albright) имрӯз роҳбарии яке аз СҒД бонуфузи ШМА - National Democratic Institute-ро ба уҳда дорад. Хонум Кандализа Райс (Condoleezza Rice) пеш аз соҳиб шудан ба мақоми роҳбари Департаменти давлатӣ дар яке аз марказҳои таҳлилӣ кор мекард. Собиқ вазири мудофиаи ин кишвар (Donald Rumsfeld, UN Secretary of Defense, 2001-2006) пештар ба ҳайси муовини президенти яке аз ширкатҳои хусусӣ ва вазири дигари мудофиаи Амрико (Robert M. Gates, US Secretary of Defense, 2006-2008) ба ҳайси раиси Донишгоҳи Техас кору фаъролият кардаанд. Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамкориҳои байни давлату СҒД ҳамеша ба манфиати ҷомеа ва тамоми шаҳрвандони кишвар аст[67].

Идоракунии пурсамар, ки бояд ҳатман натиҷабахш ва демократӣ бошад, танҳо дар сурати мавҷуд будани ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат гирифта метавонад. Зеро мавҷудияти воқеии он амалӣ гаштани умдатарин усулҳои демократияро, аз қабили шаффофият (прозрачность), ҳисобдеҳ будан (подотчетность) ва масъулияти иҷтимоӣ (социальная ответственность) кафолат медиҳад. Ин, дар навбати худ, ба боло рафтани сатҳи бовари мардум ба давлат ва сохторҳои давлатӣ, аз як тараф, ва таҳкими бештари раванди бунёди давлатдории миллӣ, аз тарафи дигар, мусоидат менамояд. Пас, давлат бояд алоқаманди ташаккул ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он бошад[68].

Имрӯз Тоҷикистон дар инкишофи худ ба марҳилае ворид шудааст, ки рушду такомули минбаъдаи кишвар аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи иштироки шаҳрвандон дар раванди эҷод ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз як тараф, ва андозаи саҳми онҳо дар ҳалли масъалаҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеаи навбунёди тоҷикон, аз дигар тараф, ва, ниҳоят, фаъолияти озоди сохторҳои

---

[67] Каримов Ш. Ҳамкориҳои иҷтимоии СҒД дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Душанбе: Мастер - Принт, 2009. - 11 с.

[68] Каримов Ш. Созмонҳои ғайридавлатӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2010. – 287 с.

ҷамъиятӣ вобастагии комил дорад. Дар ҳамин замина муҳаққиқон дуруст қайд кардаанд, ки, масалан, нақши созмонҳои ғайридавлатӣ дар иттиҳод ва ба ҳам овардани ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккул ва сари вақт ба мақомоти қудрати давлатӣ расонидани хостаҳо ва талабҳои мардум, танзими гуфтугӯҳои солим ва созанда бо давлат ба хотири дифоъ аз ин манфиатҳо махсус аст[69].

Идоракунии пурсамар, албатта, ба шоҳсутунҳои асосии давлатдории солим, аз ҷумла мавҷуд будани иродаи неки сиёсӣ, стратегияи мушаххаси инкишоф ва сиёсати дурусти кадрҳо асос меёбад. Мавҷудияти ин рукнҳои муҳим ба раванди бунёд ва инкишофи давлатдори миллӣ мусоидат менамояд. Аммо гарав ва кафолати инкишофи устувор ва суботи давлат маҳз дараҷаи фаъолнокӣ ва сифати ҷомеаи шаҳрвандӣ аст. Ҷомеаи шаҳрвандии баркамол гарави пешгирӣ аз ҳамагуна низоъҳои номатлуб ҳам мебошад. Сиҳатӣ ва камолоти ҷомеаи шаҳрвандӣ аз дараҷаи фарҳанги умумии шаҳрвандон, маърифати ҳуқуқӣ ва муносибатҳои иқтисодии пешрафта вобаста аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз давлати пуриқтидор ва пешрафта бештар фоида мебинад, нисбат ба давлати заиф. Аммо қудрат ва иқтидори давлат ва давлатдории солим на ба маънои диктатура ва худхоҳист, балки ба маънои асос ёфтани он ба усулҳои аслии мардумсолорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, волоияти қонун ва риояи ҳуқуқҳо ва арзишҳои аслии инсонист[70]. Бояд чунин давлат, аз тарафи дигар, ба рукнҳои миллии давлатдорӣ ва аризишҳои умумиинсонӣ (меъёрҳои байналмилалӣ) такя намояд.

Чунин мақсаду маром ва масъулиятро дар ҳар як ҷомеа дар баробари давлат ва сохторҳои давлатӣ ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бар дӯш доранд. Сухан, пеш аз ҳама, дар хусуси ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ ҳамчун намунаи хуби институтҳои муҳташами ҷомеаи шаҳрвандӣ меравад.

---

[69] Беляева Н.Ю. . Гражданское общество в диалоге с государством // Представительная власть: монитоинг, анализ, информация, 1995, №1.
[70] Acemogly, Daron and Robinson, James. Why Nations Fail: The Origins of Power, Prosperity, and Poverty. Grown Publishers, New York, 2012.- 419 P.

Воқеан, мавҷуд будани низоми пешрафтаи бисёрҳизбӣ аз аломатҳои муҳими дараҷаи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалӣ гаштани усулҳои аслии демократия маҳсуб мегардад. Чунин низом дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул аст, ҳарчанд имрӯз аксари ҳизбҳои сиёсии расман номнависшуда дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар намояндагони худро доранд. Аслан низоми бисёрҳизбӣ имконият медиҳад, то ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон ва ифодаи манфиатҳои иҷтимоии онҳо ба таври васеътар ва мукаммалтар фаро гирифта шаванд. Аз тарафи дигар, мавҷуд будани ҳизбҳои сиёсӣ ва амалияи низоми бисёрҳизбӣ гувоҳи дараҷаҳои баландтари инкишофи солими низоми сиёсии кишвар ҳисоб мешавад. Бисёр муҳим аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ чеҳраи равшани сиёсӣ ва мавқеи муайяни иҷтимоӣ дошта бошанд, ки ба мавҷуд будани барномаҳои мушаххаси ҳизбӣ, идеологияи ифодакунандаи манфиатҳои усмумимиллӣ, сохторҳои всеи инкишофёфта ва қобили кор асос меёбад. Ба ибораи дигар, фаъолияти пурсамари низоми бисёрҳизбӣ ҳамчун нишони боризи камолоти ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳам давлат мавҷудият ва ҳамкориҳои гурӯҳҳои иҷтимоии муташаккил ва ё ташаккулёбандаро тақозо мекунад, ки ифодакунандаи манфиатҳои айнӣ ва огоҳонаи иҷтимоӣ буда, амалӣ сохтани ин манфиатҳо аз роҳи таъсир ба сохторҳои марбутаи низоми сиёсии кишвар ва бо иштироки бевоситаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ сурт мегирад[71].

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон дар ин замина таҷрибаи чандон кофӣ надорад. Ин падида дар ҳаёти сиёсии кишвар дар натиҷаи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ муяссар гардида, ҳанӯз дар зинаҳои аввали инкишофи худ қарор дорад. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон[72] дар камолоти касбии худ қадамҳои нахустинро мегузоранд. Албатта, дараҷаи инкишоф ва дастовардҳои онҳо якхел нест. Баъзе аз онҳо ҳамчун ҳимоятгари манфиатҳои сиёсию иҷтимоии гурӯҳҳои муайян аллакай дар миёни мардум маъруфият

---

[71] Коргунюг Ю.Г., Заславский С.Е. Российская многопартийность: становление, функционирование, развитие. М.: ФондИНДЕМ, 1966.
[72] Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. – 258с.

пайдо кардаанд, аммо қисмати бештари онҳо ҳанӯз ҳам хусусияти умумимиллӣ касб накардаанд, чун аз доираи маҳдуди дохилиҳизбии худ берун наомадаанд. Ба таври умум метавон гуфт, ки низоми бисёрҳизбии Тоҷикистон ҳанӯз муташаккил нест, раванди ташаккули касбии ҳизбҳои сиёсии кишвар давом дорад, камолоти сиёсии онҳо дар маҷмӯъ такони ҷиддӣ мехоҳад[73].

Созмонҳои ғайридавлатӣ низ қисмати муҳимми сохторҳои мавҷудаи ҷомеаи шаҳрвандии имрӯзи Тоҷикистонро ташкил дода, дар раванди бозсозии кишвар саҳми босазо доранд. СҒД ҳам миқдоран ва ҳам аз нигоҳи сифат рӯз то рӯз такмил меёбанд. Аввалин СҒД дар Тоҷикистон дар шаклҳои гуногун дар замони бозсозӣ (охири солҳои 80-уми садаи XX) арзи вуҷуд намуданд. Солҳои 90-ум давраи ташаккул ва инкишофи СҒД ба шумор мераванд. Аммо давраи инкишоф ва такомули касбии СҒД дар Тоҷикистон аз оғози солҳои 2000-ум сурат гирифтааст. Агар дар ибтидои фаъолияти худ СҒД фақат машғули фароҳам сохтани кӯмакҳои башардӯстона бошанд, пас, дар давраи баъдии инкишофи худ бештар ба масъалаҳои марбут ба инкишоф ва такомули ҷомеа ва шаҳрвандони он таваҷҷӯҳ кардаанд. Таҳия ва пешбурди барномаҳои маърифатӣ моҳияти асосии фаъолияти СҒД -ро ташкил медиҳад.

Ҳамкориҳои густурдаи иҷтимоӣ бо давлат ва бахши хусусӣ қисмати такибии фаъолиятҳои созандаи СҒД ба шумор мераванд. Дар ҳамин замина имрӯз СҒД Тоҷикистон ба фактори муҳимми иқтисодӣ низ мубаддал гашта, аз тариқи эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва бозомӯзии соҳибкорон дар раванди инкишофи иқтисодии кишвар, амалӣ сохтани барномаҳои стратегии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ва махсусан поён овардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар нақши арзанда ва шоистаи таҳсин доранд.

[73] Каримов Ш. Созмонҳои ғйридавлатӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2010. – 287 с.

СҒД воқеан ҳам паёмбарони бозсозиҳои боровари кишваранд. Имрӯз дар асл соҳае нест, ки намояндагони СҒД дар ҳаллу фасли мушкилоти он ширкат намеварзида бошанд. Ҳиссаи созмонҳои ғайридавлатӣ махсусан дар бозомӯз ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандони кишвар назаррас аст. Аввалин марказҳои бозомӯзи замонавӣ, кор бо занону кӯдакон, маъюбону барҷомондагон, таъсиси аввалин корхонаҳои хурди тиҷоративу ғайритиҷоратӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи тандурустӣ ва маорифи кишвар, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, фароҳам сохтани аввалин кӯмакҳои моливу пулӣ ва марказҳои таълимӣ барои насли нави соҳибкорон, ташкили курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат бо истифода аз васоити пешқадами рӯз барои кормандон ва хизматчиёни давлатӣ, муҳайё сохтани имконот ва ҷойҳои нави кор барои ҷавонон ва соҳибхоназанҳо, мусоидат ба истифодаи комил аз шаклҳои алтернативии нерӯи барқ ва беҳдошти муҳити зист дар кишвар ва саросари минтақа – чунинанд номгӯйи нопурраи фаъолиятҳое, ки ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон дар давоми 30 соли охир ба он сару кор доранд.

Масъалаи ҳамкориҳои иҷтимоии СҒД[74] бо дигар сохторҳо аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар ин замина ҳамкориҳо бо сохторҳои давлатӣ мақоми аввалиндараҷа дорад, чун ин ҳамкориҳо дар ниҳояти кор ба идораи хуби давлат ва давлатдорӣ, аз як тараф, ва амалӣ гаштани унсурҳои аслии демократия, иштироки васеи шаҳрвандон дар идораи давлат ва назорати ҷамъиятӣ, аз тарафи дигар, мусоидат мекунад. Кору фаъолияти, масалан, «Маркази тайёркунии кормандони мунитсипалӣ» таҳти роҳбарии Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илми иқтисод профессор Назаров А.А. намунаи хуби чунин ҳамкориҳост. Ин марказ солиёни дароз ба масъалаҳои баланд бардоштани савияи коркунони мунитсипалӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳибихтисос ва соҳибкорон, инчунин паҳн

[74] Каримов Ш. Ҳамкориҳои иҷтимоии СҒД дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Душанбе:Мастер-Принт, 2009. -79с

намудани донишҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ; густариш ва боло бурдани доира ва сатҳи маълумоти профессорону муаллимон, коркунони мунитсипалӣ, ходимони илм ва соҳибкорони хурд дар инкишоф ва таҳкими минбаъдаи низоми мунитсипалӣ дар кишвар муваффақона сару кор дорад.

Равшанфикрони кишвар, махсусан кормандони соҳаи илму фарҳанг, низ аз ҷумлаи ниҳодҳои арзишманди чунин як ҷомеаи пешрафта ба шумор меравнд. Равшанфикрон ҳамчун қисмати муҳимми ҷомеаи шаҳрвандии пешрафта ва солим бояд афзалиятҳоро дар раванди бунёди давлатдории миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи осоишу некӯаҳволии мардум дуруст ва сари вақт муайян намоянд. Аз тарафи дигар, онҳо бояд дар якҷоягӣ бо ҳизбҳои солиму созанда ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккул ва инкишофи «сармояи иҷтимоӣ» - шаҳрвандони огоҳу озод ва фаъолу масъулиятнок, ки асоси ҳамагуна рушд ва суботи ҷомеа маҳсуб мешаванд, саҳмгузор бошанд. Ин рисолати таърихӣ ва масъулияти иҷтимоии онҳост. Равшанфикрон ҳамчунон метавонанд ба эҳёи анъанаҳои неки миллии халқамон дар мавриди гиромӣ доштани мақоми дониш ва донишманд, тарбияи солими шаҳрвандон ва алалхусус ҷавонон дар рӯҳи садоқат ва гиромидошти арзишҳои аслии инсонӣ, ташаккул ва густариши гуфтугӯ ва муколШМАҳои мустақим ва бардавом миёни давлат, бахши хусусӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар мусоидат намоянд, ки дар ниҳояти кор ба баланд бурдани сатҳи маърифати шаҳрвандӣ, ҳисси масъулият ва алоқамандии аҳолии кишвар, аз як тараф, ва таҳкими бештари раванди бунёди давлатдории миллии мо ва шукуфоии минбаъдаи миллат, аз тарафи дигар, оварда мерасонад.

Хулоса, идоракунии пурсамар ва раванди давлатдории солим бе иштироки фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имконнопазир аст. Маҳз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд барномаву лоиҳаҳои тақдирсози роҳбарияти кишварро беҳтар амалӣ созанд, иштироки тӯдаҳои васеи мардумро дар равандҳои таҳия ва қабули чунин барномаҳо таъмин намоянд,

сатҳи бовари шаҳрвандонро ба давлат ва Ҳукумат боло бардоранд, назорати ҷамъиятӣ ва мониторинги мутадовими иҷрои босамари нақшаҳои иҷтимоан муҳимми давлатиро ба роҳ монанд, гуфтугӯ ва муколамаи бардавомро пеш баранд, сатҳи касод ва фасоди ҷомеаро поён оваранд, низоъҳои номатлубро дар ҷомеа пешгирӣ ва дар асари таъмини суботу ризоияти умумимиллӣ ба рушду такомули устувор ва шукуфоии бештари миллат мусоидат намоянд. Чунин бархӯрд ва шеваи кор, аз тарафи дигар, ба раванди бунёди давлатдории миллӣ такони ҷиддӣ дода, пояҳои давлат ва давлатдориро мустаҳкамтар ва устувортар месозад, якпорчагӣ ва эътимоди боровари байни давлат ва ҷомеаро таъмин менамояд.

## Качественное управление и организации гражданского общества

### Аннотация

В современных условиях качественное управление, тем самым обеспечение устойчивого развития и стабильности в обществе невозможно без опоры на структуры гражданского общества. Эффективность решения социально значимых задач должна определяться совместными действиями государства и общества, организаций гражданского общества, включая НПО. Данная статья посвящена этим и другим основополагающим принципам эффективного управления на примере институтов гражданского общества современного Таджикистана.

**Ключевые слова**: качественное управление, гражданское общество, организации гражданского общества, неправительственные организации, социальное партнерство.

## Good Governance and Civil Society Organizations

### Annotation

In modern conditions, good governance, thus ensuring sustainable development and stability in society, is impossible without relying on civil society institutions.

The effectiveness of solving socially significant problems should be determined by joint actions of the state and society, civil society organizations, including NGOs. This article is devoted to these and other fundamental principles of good governance using the example of civil society institutions in modern Tajikistan.

**Keywords**: good governance, civil society, civil society organizations, non-governmental organizations, social partnership.

## Созмонҳои байналмилалӣ
## ва ҳамкориҳои онҳо бо созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон

Созмонҳои байналмилалиеро, ки бо СҒД Тоҷикстон ҳамкорӣ доранд, метавон шартан ба ду гурӯҳ тақсим кард: созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон ва созмонҳое, ки берун аз қаламрави кишвар ҷой гирифтаанд, аммо ба таври мустақим ва ё ғайримустақим ба Тоҷикстон кӯмак мерасонанд. Қобили қайд аст, ки аксари кулли ин созмонҳо дар асоси қарордодҳои дутарафаи байни давлатҳо фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Миқдори онҳо аз рӯзҳои авввали истиқлоли давлатии Тоҷикистон рӯ ба афзоиш будааст. Гурӯҳе ба ин фикранд, ки созмонҳои байналмилалии ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ дар Тоҷикистон дар асари нооромиҳои дохилӣ ва махсусан ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992 – 1997 ба фаъолият шурӯъ кардаанд. Аз ин рӯ, фаъолияти онҳо ба фароҳам сохтани кӯмакҳои башардӯстона ва баъдтар ба таҳкими сулҳ ва оромӣ дар кишвар равона карда шудаанд . Аммо назари мо ба ин аст, ки сабаби асосии ба Тоҷикистон ворид шудани аксари кулли созмонҳои байналмилалӣ ба нисбати истиқлоли давлатии кишвар ва дар ҳамин замина ба миён омадани имконоти нав дар бобати равандҳои демократӣ ва эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат гирифтааст. Яъне, вазифаи асосии ин сохторҳо кӯмак ба шаҳрвандони Тоҷ икистон дар бобати идораи нави давлатӣ аз тариқи барномаҳои мухталифи омӯзишиву маърифатӣ дар шароити нави гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ, фароҳам сохтани шароити бештару беҳтар ба равандҳои созандаи кишвар, мусоидат ба таъсис ва инкишофи ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар маҷмӯъ ба роҳ мондани ислоҳоти умумии кишвар дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави бозаргонӣ будааст. Таҳкими раванди сулҳ қисмати муҳим, вале фақат яке аз самтҳои фаъолияти созмонҳои баналмилалии муқими Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Ба ҳамин муносибат метавон аз мафҳуми «кӯмакҳои техникӣ» ёдовар шуд, ки мақсаду маром ва асоси фаъолияти созмонҳои байналмилалиро дар маҷмӯъ ташкил медиҳад. Ин мафҳум, ки дар амалияи сиёсати хориҷии Амрико дар соли 1949 арзи вуљуд кард , фароҳам сохтани кӯмакҳои техникиро ба кишварҳои рӯ ба инкишоф дар назар дошт. Гап дар сари он меравад, ки шеваи пештараи кор дар бобати расонидани кӯмак ба кишварҳои эҳтиёҷманд, ки дар давраи баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ махсусан дар мисоли кишварҳои Аврупо хеле муваффақ буд (масалан, амалиёти Маршалл), дигар чандон натиҷа набахшид. Махсусан дар мисоли кишварҳои Осиё. Шикаст хӯрдани режими Чан Кайши дар кишвари Чин дар соли 1948 барои сиёсати хориҷии Амрико, ки миллиардҳо долларро барои дастгирии он масраф карда буд, як таконе гардид. Маълум буд, ки маблағҳои ҷудошуда дар ин кишварҳо барои ҳадафҳои аслӣ ва ба таври пурсамар истифода намешаванд. Чӣ бояд кард? Ана дар чунин шароит дар сиёсати хориҷии Амрико мафҳуми тозае таҳти унвони «фароҳам сохтани кӯмакҳои техникӣ» ба миён омад, ки баъдтар аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ пазируфта шуд ва мавриди истифода қарор гирифт. Фалсафаи ин мафҳум хеле содда ва равшан буд: агар кишварҳои эҳтиёҷманд рӯ ба инкишоф мушкилоти зиёди иҷтимоӣ доранд, онҳоро бояд омӯзонд, то мушкилоти хешро худашон ҳал намоянд. Чунин тарзи кор ҳам пурсамартар ва ҳам арзонтар хоҳад буд. Ҳамин тавр ин мафҳум арзи вуҷуд кард. «Кӯмаки техникӣ» ба раванди густариши донишу таҷриба, арзишҳои нави инсонӣ, муносибатҳо ва технологияи ҷадид дар кишварҳои қафомонда ва ҷомеаҳои анъанавӣ мусоидат карда, бо истифода аз намояндагиҳои давлатҳои мутараққӣ ва коршиносони варзида ба хотири эҷоди заминаҳои мусоид барои инкишофи устувори сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои мавриди назар пешбинӣ шудааст.

Мавҷудияти созмонҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон ва кӯмакҳои техникии онҳо дар ҳамин қарина аз чанд ҷиҳат шоистаи тақдир аст. Пеш аз ҳама, мавҷудияти онҳо ба эҷоди фазои солими созанда ва таҳкими равандҳои

демократӣ ва дар ниҳояти кор ба эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар ба таври васеъ мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, фаъолияти онҳо боиси ба майдон омадани теъдоди зиёди ниҳодҳои тозабунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла СҒД гардид, ки баъдтар бо ҳидоят ва дастгирии моддии ин созмонҳо ба фаъолияти мустақил дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар шурӯъ намуданд. Мавҷудияти онҳо ба ҳалли мушкилоти иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи тозабунёди тоҷикон низ мусоидат кард, чун онҳо, аз як тараф, бевосита худашон теъдоди зиёде аз шаҳрвандони Тоҷикистонро бо кор ва маоши хуб таъмин карданд ва, аз тарафи дигар, маблағҳои қобили мулоҳизаро дар ихтиёри созмонҳои ғайридавлатии маҳаллӣ қарор доданд, ки низ барои хароҷоти ҳам кормандони ин созмонҳо ва ҳам ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷамъият аз тариқи барномаҳои мухталиф сафарбар карда шуданд. Ниҳоят, ҳамкориҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Бонки ҷаҳонӣ, сохторҳои мухталифи СММ, Иттиҳоди Аврупо, Созмони байналмилалии тандурустӣ ва ғайра ба шинохти дуруст ва эътирофи СҒД аз тарафи давлат ва мақомоти қудрати давлатӣ дар маҳалҳо мусоидат намуд, ки дар маҷмӯъ раванди умумии демократисозии ҷомеаи навтаъсиси тоҷ иконро вусъат бахшид.  Ин ҳама аз падидаҳои мусбат ва қобили қадр дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон аст. Чунин хусусияти нек бештар хоси он созмонҳоии байналмилалист, ки фаъолияташон дар асоси қарордодҳои байни давлатҳо ва ё бо истифода аз маблағҳои давлатӣ ҷараён гирифтааст. Хазинаи Оғо Хон (Agha Khan Foundation), агентии Иёлоти Амрико оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ва даҳҳо дигар намояндагиҳо аз ҷумлаи чунин сохторҳоянд.

Аммо фаъолияти созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон аз камбудиҳо низ холӣ нест. Масалан, дар фаъолияти баъзе аз онҳо махсусиятҳо ва имконоти дохилии//миллии кишвар ба назар гирифта нашудааст. Чунин ба назар мерасад, ки созмонҳои байналмилалӣ стратегияи ягонаи инкишоф надоштаанд, дар фаъолияти худ ба кадрҳои беҳтарини миллӣ камтар

тавачҷӯҳ зоҳир кардаанд, барномаҳои амали онҳо на ҳамеша ҷавобгӯи хостаҳои аслии миллӣ буда, ба инкишоф ва тавоноии қудрати давлатӣ ва давлатдории навин пурра мусоидат накардаанд. Маоши аз андоза зиёди кормандони ҳам хориҷӣ ва ҳам маҳаллӣ боиси дар миёни мардум пайдо шудани ҳамагуна овозаҳои носолим ва ҳисси нобоварии аҳолӣ ва худи давлат гаштааст. Хатоиҳо дар таъсиси сохторҳои нав низ ба назар мерасанд, чун хусусиёти маҳалҳо ва махсусан мавҷудияти сохторҳои анъанавии миллӣ ва имконоти онҳо аз мадди назар дур мондаанд. Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки умри аксари кулли сохторҳои навтаъсис, ки бо ҳамин усул ба вуҷуд омадаанд, чандон тӯлонӣ нест. Одатан, бо анҷоми фаъолияти созмонҳои маблағгузор ва қатъи кӯмакҳои молӣ фаъолияти сохторҳои маҳаллии навтаъсис низ ба итмом мерасад. Ин ҳолат махсусан дар деҳот бештар ба чашм мехӯрад, чун созмонҳои байналмилалӣ дар амалӣ сохтани барномаҳои худ аз имконоти сохторҳои анъанавии миллӣ, ба мисли маҳалла ва ҷамоат камтар истифода кардаанд ва гоҳо мавҷудияти онҳоро сарфи назар ҳам кардаанд.

Маслиҳат ин аст, ки тамоми созмонҳои байналмилалӣ дар фаъолияти худ пеш аз ҳама ба сохторҳои мавҷудаи ҷамъиятии анъанавии миллӣ рӯ оваранд ва танҳо дар ҳолатҳои алоҳида даст ба эҷоди сохторҳои нав зананд. Чунин бархурд имконият медиҳад, то ҳам натиҷаи барномаҳои мавриди назар ва ҳам дараҷаи инкишофи устувори сохторҳои ҷамъиятии маҳаллӣ бештар ва беҳтар гардад. Ба ақидаи мо, мақсаду мароми таъсиси ниҳод ва сохторҳои нав аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ бояд ба хотири таҳкими ҳарчи бештари низоми нави давлатдорӣ ва устувортар сохтани пояҳои давлатдории миллӣ сурат гирад ва, ба ҳамин тариқ, ҳамчун қисми таркибии ин низом ба иттиҳоди миллӣ ва истиқлоли давлатӣ бештар мусоидат намояд.

Ниҳоят, камбуди дигар дар фаъолияти созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон мавриди истифода қарор нагирифтани забони тоҷикӣ ҳамчун ягона забони расмии давлатӣ дар тамоми қаламрави кишвар аст.

Мутаассифона, дар фаъолияти аксари кулли ин созмонҳо таҳия ва нашри маводи таълимӣ ва коргузории расмӣ асосан ба забони русӣ сурат гирифтааст, на ба забони тоҷикӣ. Ин масъала махсусан дар деҳот боиси он гаштааст, ки сатҳи барномаҳои маърифатӣ ва натиҷаи онҳо ба таври қобили мулоҳиза паст гардад. Ташвишовар аст, ки созмонҳои ғайридавлатии маҳаллӣ низ дар пайравӣ ба созмонҳои байналмилалӣ // созмонҳои маблағгузор дар фаъолиятҳои худ аксаран истифодаи забони тоҷикиро сарфи назар кардаанд, чун бештари кормандони муассисоти хориҷӣ забони русиро нисбат ба забони тоҷикӣ афзалтар медонанд.

Агентии ШМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) аз ҷумлаи он намояндагиҳоест, ки дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва раванди бозсозии кишвар саҳми босазо гузоштаанд. Кӯмакҳои ин ташкилот ба таври бевосита ва аз тариқи созмонҳои мухталиф, аз қабили ABA, AED, ACTRA/ACCELS, Counterpart Consortium, IFES, Internews, Urban Institute ва амсоли он фароҳам оварда шудааст. Масалан, Академияи инкишофи маориф (Academy for Educationbal Development - AED) яке аз ҳамин муассисот буд, ки фаъолияти худро дар Тоҷикистон аз моҳи июни соли 1994 оғоз кард. Ин даврае буд, ки дар кишвар ҳанӯз ҳам ноором҃ ҳукмфармо буд. Дар фаъолияти давлати навтаъсис бозомӯзи кадрҳои миллӣ аз самтҳои афзалиятнок бошад ҳам, аммо бо сабабҳои маълум ба ин масъала таваҷҷӯҳи камтар зоҳир карда мешуд. Дар чунин ҳолат AED бо кӯмакҳои молию моддии USAID силсилаи барномаҳои омӯзишиву маърифатиро рӯйи кор гирифт. Аз тариқи барномаҳои кӯтоҳмуддат шаҳрвандони Тоҷикистон, намояндагони сохторҳои ҳам давлатӣ ва ҳам хусусиву ғайридавлатӣ, барои таълим ва омӯзиш ба Амрико, Аврупо ва кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз қабили Латвия, Литва, Федератсияи Россия, Молдова, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва ғайра равона карда мешуданд. Барномаҳо асосан дар чор самт сурат мегирифтанд:

- бахши иқтисод ва инкишофи соҳибкорӣ

- таҳкими равандҳои демократӣ
- бахши иҷтимоиёт, ба шумули соҳаи тандурустӣ
- ҳифзи муҳити зист ва истифода аз захираҳои табиӣ

Яке аз хизматҳои бузурги ин ташкилот ба роҳ мондани барномаҳои дохилӣ (In-country Programs) аст. Чунин бархурд имконият дод, то маблағҳои пешбинишуда пурсамартар мавриди истифода қарор гиранд, чун хароҷоти чунин барномаҳо, ки дар дохили кишвар сурат мегирифтанд, дар муқоиса бо дигар барномаҳо (US Programs, Third-country Programs - барномаҳое, ки берун аз қаламрави кишвар доир карда мешуданд) ба маротиб камтар буд. Ин имконият медод, ки миқдори барномаҳои мавриди зарурат афзоиш ёбад, теъдоди бештари шаҳрвандон фаро гирифта шавад. Аз тарафи дигар, дар чунин барномаҳо коршиносони дохилӣ бештар истифода мешуданд, ки ҳам дар таъминоти иҷтимоӣ ва ҳам инкишофи касбии онҳо нақши муҳим мебозид. Ниҳоят, чунин тарзи бархӯрд боиси ба миён омадани миқдори муайяни СҒД ва инкишофи устувори онҳо низ гардид, чун дар амалӣ сохтани ин барномаҳо СҒД миллӣ ба таври васеъ ҷалб карда мешуданд. Дар маҷмӯъ, аз июни соли 1994 то июни соли 2006, бештар аз 17 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон ба барномаҳои мухталифи ин созмон фаро гирифта шуданд, ки ба ҳайси як саҳми бузург дар бозомӯз ва инкишофи касбии шаҳрвандони кишвар бояд арзёбӣ гардад.

Дар шароити имрӯз эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз мақсадҳои асосӣ ва самтҳои афзалиятнок дар барномаҳои миллӣ ва стратегияи инкишофи кишвар эълон ва шинохта шудааст. Ба ҳамин муносибат кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва боло бурдани сатҳи рифои мардум ҳанӯз ҳам аз масъалаҳои мубрам дар сиёсати роҳбарияти сиёсии кишвар аст. Дар ҳамин қарина фаъолияти Хазинаи Оғохон дар Тоҷикистон қобили қайд ва шоистаи таҳсин аст. Яке аз хусусиятҳои ин созмон аз он иборат аст, ки барномаҳои худро бо назардошти талабот ва имконоти маҳалҳо ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти

қудрати давлатӣ тарҳрезӣ мекунад. Умуман, дар фаъолияти Хазинаи Оғохон такя ба сохторҳои анъанавии маҳаллӣ ва ё таъсиси сохторҳои нав бо истифода аз имконоти маҳалли зисти шаҳрвандон бештар эҳсос карда мешвад. Масалан, барномаҳои марбут ба иштироки бевоситаи худи шаҳрвандон дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва муҳити зист дар деҳоти Кӯҳистони Бадахшон таҳти унвони «Барномаи ҷонибдории инкишофи манотиқи кӯхистон» (MSDP) таи солҳои ахир хеле шӯҳрат пайдо кард. Ин барномаҳо дар кам кардани сатҳи камбизоатӣ, инкишофи соҳибкории реза ва миёна, ҷоннок кардани иштироки бевоситаи бошандагони маҳал дар ҳалли мушкилоти иҷ тимоӣ ва ғайра муваффақиятҳои чашмрас ба даст овардаанд. Дар натиҷа ин барномаҳо дар дигар қисматҳои кишвар, аз қабили ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (Рашт, Роғун, Тавилдара, Тоҷикобод, Файзобод, Ҷиргатол) ва вилояти Хатлон (Кӯлоб, Мӯъминобод, Нуробод, Ховалинг, Шӯробод) низ мавриди истифода қарор гирифтанд ва имрӯз бомуваффақият амал мекунанд. Шабакаи васеи чунин сохторҳо ва ҳамкориҳои наздики онҳо бо мақомоти маҳаллии қудрати давлатӣ ба беҳтар шудани вазъи ҳамкориҳои иҷтимоӣ ва муносиботи байни СҒД ва сохторҳои давлатӣ низ ба таври пурсамар мусоидат кардааст.

Барномаҳои марбут ба инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ аз самтҳои дигари бомуваффақияти ин созмон аст, ки бо ҳамкории СҒД дар саросари кишвар дар амал татбиқ карда мешавад. Ин барномаҳо аз тарафи агентии давлатии кишвари Инглистон (DFID) маблағгузорӣ ва ҳайати кормандони Хазинаи Оғохон идора ва танзим мегардад. Ба таври умум, барномаи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандии ин созмон ба рушду такомули касбӣ ва устувори СҒД дар Тоҷикистон ва таҳкими бештари арзишҳои демократӣ дар кишвар ба таври мусбат мусоидат кардааст. Таъсиси як теъдод порталҳои СҒД, ба шумули портали умумимиллии СҒД Тоҷикистон, чопи маводи марбут ба инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, анҷом додани тадқиқотҳои назаррас дар бобати вазъи имрӯзи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нашри онҳо,

гузаронидани нахустин Форуми миллии созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон, ки Барномаи миллии инкишоф ва Одобномаи СҒД-ро қабул кардааст, ба нашр расонидани аввалин маълумотномаи СҒД Тоҷикистон, ба навор гирифтани филми мустанад оид ба фаъолият, дастовардҳо ва мушкилоти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон – чунинанд номгӯйи нопурраи корҳое, ки бо ҳидоят ва дастгирии ин барнома ва бо иштироки бевоситаи СҒД кишвар анҷом дода шудаанд.

Хазинаи Оғохон ахиран ба ибтикори тозае даст задааст. Таи чанд сол аст, ки бо кӯшиш ва ибтикори ин созмон чорабиниҳои мушаххас дар бобати таълим ва амалӣ сохтани усулҳои бархурди нав дар идора ва танзими кор дар қаринаи фаъолиятҳои шабакаи Оғохон оид ба инкишоф (AKDN) анҷом дода мешаванд. Ин усул бо номи танзими масъулияти корпоративии иҷтимоӣ (Corporate Social Responsibility) ёд мешавад, ки мақсад боз ҳам васеътар фаро гирифтани доираи масъалаҳои иҷтимоӣ дар раванди ташкил ва инкишофи истеҳсолот ва фаъолиятҳои муассисаҳои хусусӣ мебошад. Чунин бархурд иҷозат медиҳад, то арзишҳои аслии инсонӣ аз мадди назари бизнес дур намонанд ва хостаҳои иҷтимоии мардум ва ҳифозати муҳити солими зист то ҳадди имкон ба назар гирифта шаванд. Аз тарафи дигар, ин имконият медиҳад, то миқдоре аз даромадҳои ин муассисот барои дастгирии барномаҳои иҷ тимоӣ ва махсусан аз тариқи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла СҒД равона карда шавад. Бонки молии якум (Первый финансовый банк) ва муассисаҳои «Вавилон», «Индиго», ки аз шарикони ҳамкори Хазинаи Оғохон ҳастанд, аллакай ин усули навро дар танзими фаъолияти хеш, таҳияи барномаҳои хусусияти иҷтимоидошта ва дастгирии СҒД дар Тоҷикистон мавриди истифода қарор додаанд.

**Международные организации и их взаимодействия с НПО Таджикистана.** Статья посвящена значению международных организаций в становлении и развития гражданского общества в Таджикистане и их взаимодействию с местными НПО.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: международная организация, неправительственная организация, сотрудничество, социальное партнерство, государственная независимость, техническая помощь, национальные интересы, махала, джамоат, организации гражданского общества, гражданское общество, демократия, демократические процессы.

**International organizations and their collaboration with Tajik NGOs**. The article is dedicated to the role of international organizations in the process of formation and development of civil society in Tajikistan and their collaboration with local NGOs.

**KEY WORDS**: international organizations, NGO, cooperation, social partnership, state independency, technical support, national interests, Mahalla, Jamoat, civil society organizations, civil society, democracy, democratic processes.

# Андеша ва мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар афкори иҷтимоии Мавлоно Румӣ

Мавзӯи ташаккул ва такомули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давоми садсолаҳои зиёд мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши муттафаккирони Аврупо будааст. Донишмандони мо низ, аз қабили Абӯнасри Форобӣ, Абӯалии Сино, Низомии Ганҷавӣ, Хоҷа Насараддини Тӯсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон аз ин падидаи иҷтимоӣ бо номҳои *«мадинаи фозила», «утопиё» /ормоншаҳр/, «шаҳри офтобӣ», «атлантиси ҷадид», «шаҳри зебоӣ», «мадинаи одила», «шаҳри некӣ», «фаромӯшхона»* ва ғайра ёд овардаанд. Ҳаким Фирдавсӣ аввалин бор тасвири шаҳри ормонҳоро бо номи Сиёвушгард ба риштаи назм кашид, ки онро метавон намунаи барҷастае дар раванди ташаккули андешаи иҷтимоии озодипарастии мардуми эронинажод номид. Осори гаронбаҳои Мавлоно Румӣ[75] низ дар ҳамин замина намунаи хуби андеша ва афкори озодихоҳонаи мардуми тоҷик ба шумор меравад, ки агар амиқтар назар афканем, бисёр андешаву афкори ҷолиберо созгор бо рукнҳои усулӣ ва арзишҳои аслии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он дармеёбем.

Мадинаи фозила ё ормоншаҳре, ки саромадони илму адаби Шарқ бунёдашро орзу намудаанд, ҷоест, ки дар он барои бошандагонаш беҳрӯзӣ ва саодати комил таъмин буда, онҳо озоданд, ҳама бо ҳам баробаранд, тамоми корҳояшонро бо маслиҳату машварат ҳаллу фасл менамоянд ва ғ. Агар дуруст мулоҳиза шавад, метавон дид, ки дар он ҷомеаи камоли матлуб хусусиятҳои аслӣ ва зотии ҷомеаи шаҳрвандии муосир ба назар мерасад. Ва ин худ далели мӯътамади он аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ на шарқӣ асту на ғарбӣ, балки умумиинсонист[76]. Дар ҳамин қарина,

[75] Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир иборат аз ду ҷилд. Душанбе, «Адиб», 1992/1993.
[76] Сатторзода А. Як ду сухан ба ҷойи сарсухан //Каримов Ш. Ҷомеаи шаҳрвандӣ. Душанбе, 2008. – С.2-3.

барои Мавлоно Румӣ низ «озодӣ ва эҳсосоти инсон, пеш аз ҳама озодии ботинии он,… муҳимтарин омили ҳаёт буд»[77]:

На шарқиям, на ғарбиям, на барриям, на баҳриям,

На аркони табииям, на аз афлоки гардонам.

Осори классикони адабиёти форсии тоҷикӣ саросар фарогири таърихи андешаи иҷтимоӣ ва озодипарастии мардуми мост[78]. Муборизаи ҷовидонии байни некиву бадӣ дар анъанаи қиссанигории ниёгонамон, ки ҳазорсолаҳо вуҷуд доштааст, равшан ба назар мерасад. Достонҳои қаҳрамонии бахшида ба муборизаи зидди Заҳҳоки морон, корномаҳои шоён ва ибратбахши Гаршосп, Барзу, Исфандёр, Рустами Дастон, Сиёвуши ҷавонпаҳлавон ва ғайра намунаи барҷастаи қиссаҳои қаҳрамонист, ки дар худ рӯҳи озодипарастӣ ва матонату шуҷоати ниёгонамонро таҷассум кардаанд. Ин қиссаҳои қаҳрамонӣ ва моломол аз андешаи озодпарастӣ ҳам дар осори замони паҳлавӣ («Бундахишн», «Денкард», «Меноги хирад» ва ғайра) ва баъд аз он, махсусан дар «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ ва дигар осори адабиёти форсии тоҷикӣ ба шеваҳои гуногун тасвир ёфтаанд. Ин андеша ва мафҳумҳо дар санъати ҳунарӣ ва рассомии давраҳои қадим низ инъикос карда шуд. Масалан, дар харобаҳои Панҷакенти бостонӣ тасвири саҳнаи задухӯрди Рустам бо девҳо,  силсилаи наққошиҳое бахшида ба муборизаи шоҳони замон зидди қувваҳои аҳрШМАнӣ  ва саҳнаҳои муборизаи Кова ва шоҳзода Фаридун зидди Заҳҳок  дар Истаравшан дар кофтуковҳои бостоншиносон ба даст омадаанд. Дар санъати кулолгарии давраи сосониҳо ва сомониҳо низ ифодаи ин мафҳумҳо ба чашм мерасад[79].  Мавҷудияти фалсафаи Авесто ва таълимоти Маздак, дар ҳамин замина тасвири муборизаи некӣ бар зидди бадӣ ва инъикоси васеи он дар осори адабӣ ва тасвириву наққошии гузашта гувоҳи равшани андеша ва ормонҳои озодихоҳӣ ва

[77] Асрори олами ишқ // Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир. Ҷилди аввал. Душанбе, «Адиб». – С.6.

[78] Брагинский И.С. Иранское литературное наследие. Москва: Наука, 1984.

[79] Негматов Н. Таджикский феномен: история и теория. Душанбе, 1997. – С. 359-362.

адолати иҷтимоии ниёгонамон дар гузаштаҳои дур будааст, ки бо гузашти солҳо аз шакли ибтидоӣ ва чандон номукаммали худ дар давраҳои баъд як шакли мукаммал ва мушаххаси ифодаи ормонҳо ва андешаи иҷтимоиро ба худ касб кардааст. Онро метавон ҳамчун замина ва унсурҳои ибтидоии ташаккул ва такомули андешаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди таърихии афкори иҷтимоии мардуми тоҷик баррасӣ кард.

Агар Хоҷа Ҳофиз, масалан, ҳамеша дар ҷустуҷӯи «инсони комил» буд, Мавлоно Румӣ мақом ва арзиши инсоният (инсони нек будан)-ро болотар ва муқаддамтар аз ҳама чизи дигар донистааст:

Ҳазорсола роҳ аст то мусулмонӣ,

Ҳазор соли дигар то ба ҳадди инсонӣ.

Албатта, мафҳум ва моҳияти иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба маънӣ ва мақоми имрӯзааш худ маҳсули гузаштаи начандон дур аст. Ин мафҳум аз ормон ба як воқеият аввал дар Амрико ва баъдтар дар кишварҳои аврупоӣ мубаддал гашт. Ин раванд баъд аз шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ ва аз байн рафтани низоми сиёсии кишварҳои сотсиолистӣ дар охири солҳои 80-уми садаи XX ривоҷи тозае ба худ касб кард. Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ҳанӯз дар оғози марҳалаи демократикунонии ҷомеа ва саргаҳи роҳи дурударози ташаккули давлати воқеан демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорад. Дар тӯли солҳои истиқлолият мо тавонистем бо интихоби роҳи усулан нави пешрафти кишварамон, ки ба арзишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ такя мекунад, таҳкурсии асосии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро гузорем. Аз тарафи дигар, воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии замони нав, тағйироти куллие, ки дар асари раванди умумиинсонии ҷаҳонгароӣ ба бор омадаанд, дар низоми сиёсии давлатҳо ба таври умум ва дар шеваи давлатдории онҳо аз он ҷумла бетаъсир намондааст. Мафҳуми давлатдории хуб мазмун ва моҳияти наверо ба худ касб кард. Зарурате ба миён омад, ки шеваи нави давлатдорӣ ҳатман ба ҳамкориҳои иҷтимоӣ асос ёфта бошад, то

тавонад хостаҳои мардумро бештар баровarда созад, иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар ҳалли мушкилиҳои мавҷуда таъмин намояд, боварӣ ва эътимоди мардумро ба давлат ва сохторҳои мухталифи давлатӣ афзояд. Чунин ҳамкории иҷтимоӣ ва чунин тарзи солими давлатдорӣ бидуни иштироки бевоситаи сохторҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ ғайриимкон гардид. Маҳз бо иштироки васеи онҳо метавон муҳимтарин усулҳои демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатдории хубро дар амал татбиқ кард, сулҳу суботи саросарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва, ба ҳамин васила, рушду инкишофи устувори ҷомеаро таъмин намуд:

Паркандагӣ аз нифоқ хезад,

Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад.

Ҷомеа ҳамеша дар инкишоф аст, аммо на ҳамеша дуруст ва натиҷабахш. Яке аз сабабҳои чунин ҳолати номатлуб, аз назари муҳаққиқон, нодуруст муайян сохтани афзалиятҳо ва самтҳои аввалиндараҷаи инкишоф аст. Аз тарафи дигар, бидуни таъмини иштироки фаъол ва алоқамандонаи тӯдаҳои васеи мардум аз тариқи сохторҳои мухталифи маҳаллӣ ҳалли муваффақонаи ин масъала ғайриимкон хоҳад буд. Аз ин рӯ, машварат ва машваратҳои ҷамъиятӣ, масалан, ҳамчун яке аз роҳҳои ба ҳам овардани ҷомеа ва давлату муассисаҳои марбута пешниҳод мешавад[80] . Тибқи ин бархӯрд бояд мардум дар сатҳҳои мухталиф – аз маҳаллӣ то миллӣ – бояд ҳар сари чанд вақт барои машварату маслиҳат (машваратҳои миллӣ) ҷамъ оянд, то фазои зисти худро арзёбӣ кунанд, оид ба тарафҳои мусбату манфии он табодули назар намоянд, самтҳои афзалиятноки фаъолиятро барои беҳбуди ҳолати мавҷуда муайян созанд, нақшаи корро таҳия ва онро дастаҷамъона

дар амал татбиқ намоянд. Ин бошад, дар навбати худ, стратегия ва барномаи мушаххаси амали ҳукуматҳо ва иродаи хастанопазири шаҳрвандонро дар

[80] The Ecology of Democracy. Finding Ways to Have a Stronger Hand in Shaping Our Future. By David Mathews, 2014.

бобати иштироки фаъолонаашон тақозо менамояд[81]. Ба қавли Мавлавии бузург,

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.

Чунин ба назар мерасад, ки андешаи шаҳри ормонӣ, саодати ҳамешагии инсонҳои баробарҳуқуқ ва эҷоди як ҷомеаи адолатпарвар барои гузаштагони мо бегона набудааст. Ба қавли шоири паштузабони афғон Хушҳолхони Хатак, «Як соли давлатдории одилона баробар аст ба чил соли ибодат»[82]. Барои расидан ба ин мақсад халқи мо як роҳи «бузург ва тӯлонӣ»-и ташаккули андешаи иҷтимоӣ ва раванди инкишофи онро тай кардааст[83]. Фарҳанги исломӣ ба ташаккул ва инкишофи он такони бештар бахшид. Дар қаринаи Ислом ва фарҳанги исломӣ мафҳуми инсон ва инсоният, адолати иҷтимоӣ ва андешаи озодипарастӣ моҳият ва арзиши бештареро ба худ касб кард, ки дар осори бебаҳои Мавлоно Румӣ низ ба таври равшан инъикоси худро ёфтааст.

## АНДЕША ВА МАФҲУМИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР АФКОРИ ИҶТИМОИИ МАВЛОНО РУМӢ

Мақолаи мазкур ба мавзӯи ҷанбаҳои пайдоиш ва рушди ғоя ва мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар заминаи андеша ва тафаккури иҷтимоии мардуми тоҷик бахшида шудааст. Албатта, мафҳум ва моҳияти иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба маънӣ ва мақоми имрӯзааш худ маҳсули гузаштаи начандон дур аст. Ин мафҳум аз ормон ба як воқеият аввал дар Амрико ва баъдтар дар кишварҳои аврупоӣ мубаддал гашт. Муаллиф ба ин фикр аст, ки

---

[81] Каримов Ш. Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад // Муҳити зисти демократия. Душанбе, 2015. – С.3-8.

[82] Ashraf Ghani. A Ten-Year Framework for Afghanistan. Washington, DC. April 2009. – p.4.

[83] Негматов Н. Таджикский феномен: история и теория. – Душанбе, 1997.

андеша ва мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ, саодати ҳамешагии инсонҳои баробарҳуқуқ ва эҷоди як ҷомеаи адолатпарвар барои гузаштагони мо бегона набудааст. Барои расидан ба ин мақсад халқи мо як роҳи «бузург ва тӯлонӣ»-и ташаккули андешаи иҷтимоӣ ва раванди инкишофи онро тай кардааст. Фарҳанги исломӣ ба ташаккул ва инкишофи он такони бештар бахшид. Дар қаринаи ислом ва фарҳанги исломӣ мафҳуми инсон ва инсоният, адолати иҷтимоӣ ва андешаи озодипарастӣ моҳият ва арзиши бештареро ба худ касб кард, ки дар осори бебаҳои Мавлоно Румӣ низ ба таври равшан инъикоси худро ёфтааст.

**Калидвожаҳо**: машварат, шаҳрванд, андешаи озодипарастӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, фарҳанги исломӣ.

## ИДЕЯ И ПОНЯТИЕ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В КОНТЕКСТЕ СОЦИОЛОГИЧЕСКОЙ МЫСЛИ МЕВЛЯНА РУМИ

Данная статья посвящена аспектам зарождения и развития идеи и концепции гражданского общества в контексте социального мышления таджикского народа. Конечно, концепция и социальная сущность гражданского общества в его нынешнем значении и статусе - это продукт недавнего прошлого. Это представление стало реальностью в Соединенных Штатах, а затем и в Европе. Автор считает, что идея и концепция гражданского общества, вечного счастья равноправных людей и создания справедливого общества не чужды нашим предкам. Для достижения этой цели наши люди прошли долгий путь к формированию общественной мысли и ее развитию. Исламская культура дала новый импульс дальнейшему развитию этого мышления. В контексте ислама и исламской культуры концепция человека и человечности, социальной справедливости и идеи свободы приобрели большее значение и ценность, что ярко отражено и в бесценных произведениях Мевляна Руми.

**Ключевые слова**: дискуссия, гражданин, свободомыслие, гражданское общество, исламская культура.

## THE IDEA AND CONCEPT OF CIVIL SOCIETY IN THE CONTEXT OF SOCIOLOGICAL THOUGHTS OF MEVLANA RUMI

This article is devoted to the aspects of the emergence and development of the idea and concept of civil society in the context of the sociological thought of the Tajik people. Of course, the concept and social essence of civil society in its current meaning and status is a product of the recent past. This idea first became a reality in the United States and later in Europe. The author believes that the idea and concept of civil society, the eternal happiness of equal people, and the creation of a just society are not alien to our ancestors. To achieve this goal, our people have come a long way to the formation of social thought and its development. Islamic culture has given a new impetus to the further development of this thinking. In the context of Islam and Islamic culture, the concept of man and humanity, social justice, and the idea of freedom have acquired greater significance and value, which is clearly reflected in the priceless works of Mevlana Rumi.

**Keywords**: deliberation, citizen, freedom of speech, civil society, Islamic culture.

## Интихоботи ШМА-2020:
## оё демократия воқеан ҳам мардумсолорист?

Интихобот, бешубҳа, яке аз ниҳодҳои муҳташами низоми демократӣ эътироф шудааст. Интихоботи озоду шаффоф ва одилона дар ҳақиқат ҳам иҷозат медиҳад, то тӯдаҳои васеи мардум дар интихоби роҳи зиндагӣ ва идораи солими давлатдорӣ ширкат намоянд ва, аз ҳамин тариқ, худро чун як қисмати муҳими низоми давлатӣ ва ҷомеаи кишвар эҳсос намоянд, ки дар ниҳояти кор ба боло рафтани сатҳи бовари мардум ба давлат, ҷулӯгирӣ аз низоъҳои номатлуб ва таъмини рушди устувор мусоидат хоҳад намуд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва низоми интихоботии ин кишвар дар ҷаҳон ҳамчун намунаи хуби чунин низоми демократии давлатдорӣ шинохта шудааст. Аммо интихоботи ахири ин кишвар, ки 3 ноябри соли ҷорӣ сурат гирифт, нобасомониҳои зиёдеро ба бор овард, ки намунаи беҳтарин будани онро зери шакку шубҳа ва баҳсҳои доманадор дар арсаи байналмилалӣ қарор дод. Асли гап чӣ буд?

### Низоми интихоботии ИМА

Таҳлили мундариҷаи Конститутсияи ИМА ба мо имкон медиҳад, ки принсипҳои зерини демократиро, ки низоми сиёсиро муайян мекунанд, ҷудо намоем: бартарии ҳокимияти халқ, кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; волоияти қонун; тақсимоти қудрат барои таъмини низоми мутавозин; федерализм; назорати судҳо дар бобати конститутсионӣ будани қонунҳо ва риояи онҳо.

Принсипи интихоботи умумӣ аз ҷониби мақомоти федералӣ дар тӯли як аср ҷорӣ карда шуд. Дар соли 1870 ислоҳи понздаҳуми Конститутсияи Иёлоти Муттаҳида ба амрикоиёни африқоинажод ва дар соли 1920 ислоҳи нав (XIX) ба занони Амрико ҳуқуқи овоздиҳӣ дод. Дар Конститутсияи ИМА дар бораи принсипи интихоботи баробар чизе гуфта нашудааст. Дар татбиқи ин принсип, ки аксар вақт ҳавзаҳои нобаробарро ба вуҷуд меоваранд,

иёлатҳо ширкат варзидаанд. Аслан принсипи интихоботи мустақимро Конститутсияи ИМА танҳо дар робита ба интихобот ба палатаи поёнии конгресс - палатаи намояндагон эълон карда буд. Сенаторҳо тавассути интихоботи бисёрзинаии мақомоти қонунгузории иёлот интихоб карда мешуданд. Танҳо дар соли 1913 муқаррар карда шуд, ки сенаторҳо бояд аз ҷониби "мардуми иёлатҳои марбута" интихоб карда шаванд (ислоҳи XVII). Президент ва ноиби президент то ҳол ғайримустақим интихоб карда мешаванд (аз тарафи коллегияи интихобкунандагон).

Натиҷаи ҳар интихобот[84] ба сари қудрат омадани мансабдороне мебошад, ки аз номи мардум амал мекунанд - аз Президенти Иёлоти Муттаҳида сар карда то шерифи як ҷамоати хурди деҳот. Дар Иёлоти Муттаҳида ин робита бештар дар мақомоти қонунгузории иёлот ва дар Конгресси Иёлоти Муттаҳида мушоҳида мешавад. Маҳз дар Конгресси ИМА идеяи демократияи намояндагӣ таҷассум ёфтааст. Тасодуфӣ нест, ки моддаи якуми Конститутсияи ИМА маҳз ба Конгресс бахшида шуда, дар он омадааст: "Ҳама ваколатҳои қонунгузорӣ, ки бо ин роҳ муқаррар карда шудаанд, ба зиммаи Конгресси ИМА гузошта шудаанд." Ин муқарраротиконститутсионӣ маънои онро дорад, ки танҳо сенаторҳо ё аъзои палатаи намояндагони Конгресси ИМА ҳуқуқи пешниҳоди қонунҳоро доранд. Президенти Иёлоти Муттаҳида, вазирони ҳукумати федералӣ, губернатори иёлот ва дигар шахсони расмӣ ин ҳуқуқро надоранд ва ин яке аз муҳимтарин принсипҳои ҷудопазирии ҳокимият ва ё тақсими қудрати давлатӣ дар Иёлоти Муттаҳида мебошад. Дар айни замон, Конгресс қонунан ба Президент ваколати муҳимтаринро медиҳад, ки ҳар сол лоиҳаи буҷаи федералиро барои баррасӣ ба Конгресс пешниҳод кунад. Президенти ИМА инчунин ба намояндагӣ аз дастгоҳи маъмуриии худ дар робита ба тамоми соҳаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ пешниҳодҳои қонунгузорӣ ироа менамояд. Ғайр аз он, Президент қонунҳоеро, ки Конгресс қабул кардааст,

[84] http://ru.wikipedia.org/wiki/Избирательная_система_США

тасдиқ мекунад. Ҳамин тариқ, парламент қонунҳоро қабул мекунад ва президент онҳоро тасдиқ мекунад. Ба ақидаи коршиносон, дар ин ҷо ваҳдати ботинии ҳокимияти давлатӣ зоҳир мешавад.

Дар Иёлоти Муттаҳида амалияи мустақими овоздиҳӣ вуҷуд надорад. Президент ва ноиби президенти Иёлоти Муттаҳида тавассути коллегияи интихобкунандагон (коллегия выборщиков- electoral college[85]) муайян карда мешавад. Коллегияи интихобкунандагон дар Иёлоти Муттаҳида аз 538 аъзо иборат аст. Маҳз ҳамин мақоми расмӣ муайян мекунад, ки дар интихоботи президентӣ кӣ пирӯз шудааст. Ба гуфтаи коршиносон[86], ин система аз ду ҷиҳат мушкилот дорад.

Мушкили аввал ин аст, ки овозҳо дар ин система тибқи усули «ғолиб соҳиби ҳама чиз» тақсим карда мешавад, яъне номзаде, ки миқдори бештари овозҳоро гирифтааст, ҳама овозҳои дигарро низ соҳибӣ мекунад, ҳатто агар ин овозҳо барои номзадҳои дигар дода шуда бошанд ҳам. Ҳамин тавр, сарфи назар аз он, ки дар интихоботи соли 2000, масалан, 53% интихобкунандагон дар Калифорния ба тарафдории Э.Гор овоз дода буданд, вай ҳамаи 54 овози ин иёлатро ба даст овард. Агар системаи мутаносиби тақсимоти овозҳо мебуд, вай танҳо 29 овоз ва Ҷорҷ Буш 23 овоз мегирифтанд. Мисоли дигар: дар интихоботи соли 2016 номзади демократҳо Ҳиллари Клинтон аксари овози интихобкунандагонро ба даст овард, аммо коллегия интихобкунандагон номзадии Доналд Трампро дастгирӣ ва ӯро ғолиби интихобот барои дарёфти мансаби раиси ҷумҳур эълон намуд.

Камбуди ин тарзи овоздиҳӣ дар он аст, ки фикру андешаи гурӯҳҳои алоҳидаи интихобкунандагон нодида гирифта мешавад. Ин, дар навбати худ, ба он оварда мерасонад, ки "амрикоии оддӣ" намехоҳад ба ҳавзаҳои

---

[85] Коллегия выборщиков: https://www.dw.com/ru/%D0%BA%D0%BE%D0%BB%D0%BB%D0%B5%D0%B3%D0%B8%D1%8F-%D0%B2%D1%8B%D0%B1%D0%BE%D1%80%D1%89%D0%B8%D0%BA%D0%BE%D0%B2/t-36300904

[86] Бейкер Росс, Раскин Джейми. Изжила ли себя коллегия выборщиков?- http://www.democracy.ru

интихоботӣ равад ва ба тарафдории номзади "дастболо" овоз диҳад, зеро медонад, ки овозаш ба фоидаи ғолиб хоҳад буд.

Мушкили дуввум дар он аст, ки иёлоти дорои шумораи камтари аҳолӣ метавонанд дорои шумораи овозҳои нисбатан зиёд гарданд, ки ин ба ҳақиқати ҳол мувофиқат намекунад. Ба ақидаи коршиносон, як роҳи ҳалли ин мушкилот барҳам додани коллегия интихобкунандагон мебошад. Аммо чунин тасмим аз эҳтимол дур аст, зеро тағйироти дахлдор ба Конститутсия бояд аз ҷониби мақомоти қонунгузории иёлатҳо ба тасвиб расанд, аммо онҳо намехоҳанд аз имконият ва қудрати интихоботии худ ҷудо шаванд.

Ҷонибдорони нигоҳ доштани низоми кунунии интихоботӣ бо ҷалби коллегияи интихобкунандагон изҳор медоранд, ки агар Иёлоти Муттаҳида системаи мустақими интихоботиро қабул кунад, номзадҳо ба мансаби президент ба таври фаъол фақат дар аёлатҳои сераҳолӣ корҳои таблиғотии худро пеш мебаранд ва микдори зарурии овозҳоро барои пирӯз гаштан аз ҳамин аёлатҳо ба осонӣ ба даст меоваранд, дар ҳоле ки аёлатҳои хурду камаҳолӣ аз доираи таваҷҷуҳ ва таблиғоти онҳо берун мемонанд.

Конститутсия муқаррар кардааст, ки ҳайати коллегияи интихобкунандагон аз ҳар як иёлат "бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории дахлдор таъин карда мешаванд." Аз нимаи солҳои 1800-ум ба ин тараф ҳайати коллегияи интихобкунандагон аз тариқи овоздиҳии аҳолии аёлатҳои дахлдор интихоб карда мешаванд. Шумораи коллегияи интихобкунандагони аёлати алоҳида ба он вобаста аст, ки дар Конгресси ИМА чанд намояндаи ҳамин аёлат мутаносибан нишастааст. Дар ҳама 50 иёлоти Амрико, ба истиснои иёлоти Мэн ва Небраска, қоидаи "ғолиб соҳиби ҳама чиз аст" ҳукмфармост, яъне номзаде, ки дар як аёлат зиёдтар аз дигарон овоз гирифтааст, овозҳои ҳама аъзои коллегияи интихобкунандагони он штатро соҳиб мешавад; ҳамин тавр, овозҳое, ки барои номзадҳои дигар дода шудаанд, бекор ва ба фоидаи номзади пирӯз ҳисоб карда мешаванд. Барои

президент шудан лозим аст, ки ҳадди ақҚал 270 аъзои коллегияи интихоботӣ ба номзади мавриди назар овоз диҳанд.

## Интихоботи соли 2020

Интихоботи ахир дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 3 ноябри соли равон сурат гирифт.  Интихоботи мазкур бояд президенти ИМА-ро интихоб кунад, ки дар ниҳояти кор метавонад номзади демократҳо, собиқ ноиб-президент ва сенатор Ҷо Байден ва ё рақиби асосии ӯ, президенти кунунии 45-уми ИМА Доналд Трамп бошад, ки аз ҷониби ҳизби ҷумҳурихоҳ пешбарӣ шудааст. Тибқи иттилои бисёре аз расонаҳо, Байден дар интихоботи кунунӣ ғолиб омадааст ва бо ин пирӯзӣ ӯро аллакай баъзе роҳбарони кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла сарвазири Канада Ҷастин Трюдо, сарвазири Британиё Борис Ҷонсон, президенти Украина Владимир Зеленский, сарвазири Исроил Бенямин Нетаняҳу, президенти Фаронса  Эммануэл Макрон табрик кардаанд Бояд гуфт, ки то ҳанӯз Трамп шикасти худро эътироф накардааст[87]. Котиби давлатии ИМА Майк Помпео низ ёдовар шудааст, ки ҳисоби овозҳо ҳанӯз ба итмом нарасидааст.

Ба таври расмӣ президент 14 декабр дар ҷаласаи коллегияи интихобкунандагон интихоб хоҳад шуд, ки пас аз овоздиҳии умумӣ ташкил шудааст. Онро мақоми махсус GAS (General Administrative Services)  ба тасвиб мерасонад ва расман эълон медорад. Маросими савгандёдкунии президенти нав ба 20 январи соли 2021 муқаррар шудааст. Агар Ҷо Байден интихоб шавад, вай кӯҳансолтарин президент дар таърихи ИМА хоҳад шуд: ҳангоми ба вазифаи президентӣ нишастанаш вай 78 сола мешавад. Илова бар ин, ӯ аввалин номзаде хоҳад буд, ки дар тӯли 28 соли ахир президенти рӯи корро пирӯз гаштааст. Ғайр аз ин, номзад ба мансаби ноиби президенти ИМА Камала Ҳаррис аввалин зан дар ин вазифа хоҳад шуд. Дар сурати аз нав интихоб шудани Доналд Трамп, ки то ҳанӯз худро ғолиби интихоботи 2020

[87] Трамп заявил, что не хочеть ждать 2024 года, чтобы вернуться в Белый Дом: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/10181965

медонад[88] , ӯ инчунин кӯҳансолтарин президент дар таърихи ИМА хоҳад шуд, зеро вай то рӯзи савгандёдкунӣ 74 сола мешавад. Ин аввалин интихоботи президентӣ дар таърихи ИМА мебошад, ки дар он номзадҳои ҷумҳурихоҳон ва демократҳо синнашон аз 70 боло аст.

## Мулоҳизаҳо ( ба ҷои хулоса)

• Аз назари мо, низоми кунунии интихоботи ШМА воқеан ҳам таҷдиди назар мехоҳад. Пеш аз ҳама, ҳамеша ба сари ҳокимият омадани яке аз ду ҳизби қудратманд – Ҳизби демократҳо ва Ҳизби ҷумҳурихоҳон - боиси ҳукмронии ду ҳизб мегардад. Дар асл, ҳокимияти давлатӣ аз тарафи ин ду ҳизби калону қудратманд инҳисор мешавад. Дар натиҷа имконияти намояндагии гурӯҳҳои хурд ва этникӣ хеле ночиз боқи мемонад. Аз тарафи дигар, чунин низом ва чунин тарзи давлатдорӣ субот ва устувории ҳукумати Амрикоро таъмин мекунад.

• Мушкили дигар мавҷуд набудани низоми овоздиҳии мустақим ва, баръакс, сурат гирифтани интихобот аз тариқи коллегияи интихобкунандагон аст. Воқеан ҳам, имрӯз президенти ШМА-ро на интихобкунандагони оддӣ, балки коллегияи интихобкуннадагон муайян мекунад. Албатта, мардум ба ин фикранд, ки онҳо дар интихоби президенти кишвари худ иштирок мекунанд, вале дар асл чунин нест. Пурсишҳои ахир нишон додаанд, ки тақрибан 65 % аҳолии ИМА тарафдори овоздиҳиии мустақиманд ва тақозо доранд, ки институти коллегияи интихобкунандагон таҷдиди назар шавад. Ногуфта намоанд, ки яке аз роҳбарони бузурги таърихии ШМА Томас Ҷеффарсон низ онро «осебпазиртарин нукта дар конститутсияи мо» номидааст.

• Коллегияи интихобкунандагон оё ҷиҳати мусбат ҳам дорад? Бале, ин пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки мавқеъ ва хостаҳои аёлатҳои хурд низ ба эътибор гирифта мешаванд. Дар акси ҳол чунин аёлатҳо ва гурӯҳҳои хурди этникӣ ҳангоми маъракаҳои интихоботӣ аз доираи таваҷҷуҳи номзадҳо

[88] Трамп заявил, что выигрывает выборы: https://ria.ru/20201206/vybory-1587863905.html

берун хоҳанд монд, чун онҳо метавонанд бо гирифтани овози 10-12 иёлоти сернуфуси кишвар, ба мисли Ню Йорк, Калифорния, Техас, Ҷорчия, Оҳайо, Флорида ва ғайра ба осонӣ пирӯзӣ ба даст оваранд.

Интихоботи соли 2020 боз чанд масъалаи дигарро ҳамчун камбуди низоми ҷории Амрико ба таври равшан рӯи кор овард:

o накш ва мақоми пул (маблағ) дар муборизаҳои пешазинтихоботӣ барои ба даст овардани микдори бештари овозҳои интихобкунандагон (ба қавли стратеги Ҳизби ҷумҳурихоҳон Марк Ҳанна, ки тақрибан як аср пештар иброз намуда буд, "ду чиз дар сиёсат муҳим аст - аввалан, ин пул аст, дуввум, ман онро ҳатто дар ёд надорам»);

o накши начандон созандаи васоити ахбори омма (ВАО) дар сафарбарсозии тӯдаҳои васеи мардум ва таъмини онҳо бо иттилооти мавриди назари худашон, на иттилооти ростин. Беҳуда нест, ки маҳз дар ҳамин давра истилоҳи «хабарҳои дурӯғин» (фейковые новости) маъмул ва оҳанги махсуси сиёсӣ ба худ касб кард;

o холигиҳо дар низоми сабти интихобкунандагон. Масалан, дар интихоботи соли 2020 тақрибан овози 4-6 миллион амрикоиён ба эътибор гирифта нашудааст. Дар маҷмӯъ, дар маъракаҳои интихоботии Амрико фоизи иштироки шаҳрвандон ҳамагӣ 55-60 %-ро ташкил медиҳад[89] ;

o ба таврои васеъ мавриди истифода қарор гирифтани қаллобӣ ҳангоми ҳисобу китоби овози интихобкунандагон. Як сабаби мағлубияти худро эътироф накардани президент Трамп низ дар ҳамин аст, ки борҳо расман изҳор кардааст ва дар ҳамин асос дар муқобили демократҳо парвардаҳои ҷиноӣ оғоз намудааст[90]. Аз тарафи дигар, дар интихобот ИМА усули шаффофият муроот карда намешавад. Масалан, нозирони байналмилалӣ ба

---

[89] Donald W. Rogers, ed. Voting and the Spirit of American Democracy: Essays on the History of Voting and Voting Rights in America (University of Illinois Press, 1992)
[90] Трамп намерен "большими исками" доказать "неконституционность выборов" - https://www.interfax.ru/world/737199

интихобот роҳ дода намешаванд. 18 аёлати Амрико ба таври расмӣ иштироки нозирони байналмилалиро манъ кардаанд;

o  Номзадҳо ба мубоҳисаҳои телевизионӣ дастрасии баробар надоранд, зеро онҳо одатан танҳо дар байни ду номзад - номзадҳои ҷумҳурихоҳон ва демократҳо баргузор мешаванд.

Албатта, низоми сиёсии Амрико, ки интихобот як қисми муҳими он ба шумор меравад, махсус аст. Чунин ба назар мерасад, ки асосгузорони давлати Амрико медонистанд, ки идоракунии кишвар аз марказ (пойтахти ИМА) осонтар ва пурсамартар хоҳад буд, аммо онҳо тарзи федералии низоми давлатдориро афзал дониста, ба аёлатҳо ҳуқуқ ва озодиҳои зиёдро аз тариқи Конститутсия таъмин кардаанд, аз қабили тақсими қудрати давлатӣ миёни се шохаи он, махсусан додани ҳуқуқҳои баробар ба ҳар як аёлат ва эътирофи истиқлолият ва мустақилияти онҳо дар баробари ҳукумати федералӣ//миллӣ). Аз назари мо, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки барои ИМА ва сиёсати расмии он принсипҳои демократӣ муқаддамтар ва арзишмандтаранд. Аз ин рӯ, новобаста ба он, ки дар асари интихоботи навбатӣ ба сари қудрат намояндаи кадом ҳизб меояд ва онро кадом шахсият намояндагӣ хоҳад кард, сиёсат ва стратегия ИМА дар дохили кишвар ва берун аз он асосан бетағйир мемонад.

Стратегияи ИМА дар мавриди Осиёи Миёна, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи баъд аз интихоботи соли 2020 низ асосан бетағйир хоҳад монд. Самтҳои асосии ин сиёсат дар «Стратегияи ИМА оид ба Осиёи Миёна барои солҳои 2019-2025» ба таври равшан инъикос ёфтаанд[91] . Аз назари мо, ИМА дар Тоҷикистон манфиатҳои иқтисодӣ нахоҳад ҷуст. Дар ин бобат тavaҷҷуҳи Амрико дар минтақа бештар ба Ӯзбекситон ва Қазоқистон равона карда хоҳад шуд. Аммо ҳадафҳои геополитикии ИМА дар Тоҷикистонро ҳамоно масъалаи боло бурдани нуфузи Амрико аз тариқи

[91] United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity // https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-prosperity/#.XlD0fhJRq2M.email

барномаҳои мухталиф ва кӯшишҳои озод кардани кишварҳои Осиёи Марказӣ аз таъсири Россия ва Хитой ташкил хоҳад кард.

# Он ҷо, ки яроқ ҳаст, тирпарронӣ ҳам мешавад

*(Назаре ба вазъи истифодаи силоҳ дар ШМА)*

Имрӯз саросари ШМА-ро кушторҳои пай дар пай фаро гирифтаанд, ки бо истифода аз силоҳу аслиҳаи мухталифи шахсии шаҳрвандон ба амал омадааст. Чунин тирпаррониву кушторҳои рӯзмарра вазъи сиёсию иҷтимоии кишварро боз ҳам нооромтар ва мардумонашро нигаронтар сохтаанд. Назар ба иттилои расонаи хабарии CNN, масалан, танҳо дар моҳи марти соли 2021 дар шаҳрҳои мухталифи ин кишвар 45 ҳодисаи куштори умумии шаҳрвандон сурат гирифтааст. Аз аввали сол бошад, 147 чунин куштору тирпарронихои хунин дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки боиси марги даҳҳо шаҳрвандони бегуноҳ ва ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонию руҳии садҳо роҳгузарони оддӣ  гаштааст. Баъзе аз ин ҳодисаҳои хунин пайомад ва оқибатҳои вазнинро ба бор оварда, боиси тазоҳурот ва аксуламалҳои харобовар шудаанд. Масалан, кушта шудани шаҳрванди сиёҳпӯст Ҷорҷ Флойд дар моҳи майи соли 2020, ки аз тарафи як корманди полис дар Миннеаполис ба вуқӯъ пайваст, силсилаи бардавоми тазоҳуроти мардумонро на фақат дар саросари ШМА, балки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон  ба бор овард. Ин тазоҳурот зери шиори BlackLivesMatter!- Ҳаёти сиёҳпӯстон ҳам арзиш дорад! сурат гирифта, бар зидди нажодпарастӣ ва хушунати кормандони мақомоти қудратӣ (пулис) равона гардид ва дар ниҳояти кор оҳанги ҷиддии сиёсӣ ба худ касб кард. Ба муҳлати 40 сол аз озодӣ маҳрум сохтани корманди собиқи пулис Дерек Шовин ҳамчун қотили Флойд низ вазъиятро ором насохт. Ҳамин чанд рӯз қабл аз тири корманди полис куштани шудани боз як сиёҳпӯсти дигар – Макайю Брайант, духтараки 16 сола аз шаҳри Колумбуси иёлати Оҳайо фазои мавҷударо боз ҳам чигигтар ва муташанниҷтар гардонд.

**АСЛИ ГАП ЧӢ АСТ?**

Дар ШМА силоҳи оташин доштан ва аз он истифода кардан барои дифоъ аз ҷону молу мулки худ ҳуқуқи коПнститутсионии шаҳрвандони ин кишвар аст. Ин ҳуқуқ аз тариқи қабули санади расмии ҳуқуқӣ таҳти унвони «Иловаи Дуюм» (Вторая Поправка)қонунӣ гардонда шудааст. Аммо солҳои ахир вазъият дар ин бобат хеле изтиробовар гаштааст, чун дар хона нигоҳ доштани силоҳи оташин ва аз он беасос ва берун аз доираи қонун истифода кардан боиси кушторҳои зиёди хунин ва тирпаррониҳои марговар махсусан дар ҷойҳо ҷамъиятӣ гардидааст. Ба нисбати нооромиҳо ва мушкилиҳои зиёди иқтисодию иҷтимоӣ хариди силоҳ дар чанд соли ахир бамаротиб зиёд шудааст. Масалан, тибқи маълумотҳои расмӣ дар соли 2019 дар ШМА бештар аз 423 миллион адад силоҳи оташбор ба қайд гирифта шуда буд, ки ин аз миқдори нуфуси кишвар (328 миллион аҳолӣ) ҳам зиёдтар аст. Чуноне ки USToday хабар медиҳад, танҳо дар соли 2020 дар ШМА бештар аз 40 миллион адад силоҳу аслиҳаи мухталиф ба фурӯш рафтааст.Дар натиҷа назорати хариду фурӯш ва истифодаи қонунии силоҳу аслиҳаи шахсӣ мушкил ва ҳатто ғайриимкон гаштааст. Албатта, ин ҳолат кушторҳои бештар ва тазодҳои зиёдтареро дар ҷомеаи имрӯзи Амрико ба бор овард. Президенти кунунии ШМА Ҷо Байден чунин ҳолатро «шармандагии миллат» номидааст. Аз назари Президент Байден, иллати асосии чунин вазъияти нанговар ва хатарнок номуназзамӣ ва номукаммалии низоми қонунгузории кишвар дар бобати хариду фурӯш, нигоҳ доштан ва истифода аз силоҳи шахсист, ки онро фавран ислоҳ бояд кард.

**ТАШАББУСИ ҶО БАЙДЕН**

Аслан ин мавзӯъ дар ҷомеаи Амрико гапи нав нест. Мавзӯи зарурат доштан ва ё надоштани силоҳи шахсӣ ва истифодаи қонунии он барои дифоъ аз худ ҳамеша мавриди баҳсҳои доманадор будааст. Ин мавзӯъ ҳатто ба ҷомеаи муосири Амрико ҷудоӣ андохтааст ва дар асл онро ба ду қисмати муқобил тақсим кардааст. Аз ин рӯ, ҳалли дурусти масъала ва ба ифоқа овардани ҷомеаи имрӯзи кишвар яке аз масъалаҳои калидии барномаи

пешазинтихоботии Ҷо Байден барои соҳиб шудан ба мақоми президенти ШМА буд. Баъд аз соҳиб шудан ба курсии президентӣ Ҷо Байден фаъолияташро дар ин самт пурзӯр кард ва то ҳадде ба ҳалли баъзе аз мушкилоти ин қазия муваффақ ҳам шуд. Масалан, вазъи назорат аз болои соҳибони аслиҳа ва истифодаи он андаке беҳтар гаштааст. Аммо ин муваффақиятҳо чузъӣ буда, мушкили асосиро (тағйири низоми ҳуқуқӣ) аз байн набурдааст. Чаро? Ворид намудани тағйирот дар низоми ҳуқуқии кишвар ва қабули қонунҳои нав берун аз салоҳияти Раиси Ҷумҳур аст. Ин корро фақат Конгресс ва Сенат анҷом дода метавонанд. Албатта, Ҷо Байден дар мавриди Конгресс мушкиле надорад, чун аксарияти аъзои онро намояндагони Ҳизби демократӣ ташкил медиҳанд. Аммо ташаббуси Конгресс дар бобати навовариҳо дар низоми ҳукуқии кишвар бидуни тасвиби Сенат маъно надорад. Дар Сенат бошад, микдори аъзои он аз ҳарду ҳизб – ҳизбҳои демократҳо ва ҷумҳурихоҳон – баробар аст. Чун муборизаҳои идеологии байни ин ду ҳизби ҳоким махсусан дар давраи Трамп ва баъд аз он ба дараҷаи олӣ расидааст, ҷумҳурихоҳон ҳеҷ вақ нахоҳанд гузошт, ки демократҳо дар ин бобат дастболо шаванд,  ҳатто агар ҳалли мусбати ин масъала ба фоидаи ҷомеаи кишвар ҳам бошад. Аз тарафи дигар, ҷумҳурихоҳон ба ин фикранд, ки айб дар силоҳу аслиҳа нест, чун кушторро инсонҳо анҷом медиҳанд, на силоҳу аслиҳа. Пас, аз назари онҳо, айб дар сари силоҳ нест ва ин масъала набояд таҷдиди назар шавад, чун ин ҳуқукро Конститутсияи ШМА ба шаҳрвандони кишвар кафолат додааст. Маълум, ки гап дар сари маблаѓҳои калон ва манфиатҳои истеҳсол кунандагони силоҳу аслиҳа меравад, ки сиёсат мадоронро харидаанд ва манфШМАтҳои мардумро зери по кардаанд. Шояд ба ҳамин сабаб ҳам бошад, ки демократҳо дар ин бобат ҳизби ҷумҳурихоҳонро бо он айбдор мекунанд, ки онҳо фурӯхта шудаанд ва имрӯз на беҳбуду осоиши ҷомеа, балки манфиатҳои маҳз ҳамин гурӯҳҳои пулдорро дифоъ мекунанд. Президент Байден метавонад фақат дар натиҷаи муваффақ шудан ба бекор кардани Иловаи дуюми Конститутсия ва ё қабули қонуни нав. Иловаи нав дар бобати манъ кардани аслиҳаҳои шахсӣ ин

мушкилро ҳал намояд ва ба чунин пайомадҳои ногувори силоҳу аслиҳаи хусусӣ хотШМА бахшад.

**МУЛОҲИЗАҲО**

Аз назари мо, сабаби чунин ҳолати ногувор танҳо натиҷаи мавҷуд будани аслиҳаи шахсӣ нест. Сабаби асосӣ дар он бӯҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиест, ки дар ШМА имрӯз фарогир шудааст. Ин ҳолат махсусан дар асари пандемияи COVID-19 боз ҳам чигилтар ва шадидтар гашт. Буҳрони мазкур  масъалаи нажодпарастӣ ва хушунатҳои оилавиро низ сангинтар сохт, рӯи об овард. Зиёд шудани сафи бекорон, поён рафтани сатҳи таъминоти иҷтимоии тӯдаҳои васеи мардум, дастрасӣ надоштан ба хизматрасониҳои босифати тиббиву мактабу маориф, бойтар шудани пулдорон ва қашшоқтар гаштани камбағалон эҳсоси адами адолати иҷтимоиро ба бор овард. Стресс ва ноумедиҳо дар ҳамин замина дараҷаи нобоварии мардумро на фақат ба мақомоти қудрати давлатӣ, балки дар мавриди ҳамдигар ҳам бамаротиб боло бурд ва онро хатарнок сохт. Як сабаби ба аслиҳа даст задани мардум ҳам ҳамин аст, ки, аз назари онҳо, дигар ба ин давлату ин мақомоти расмӣ бовар карда намешавад, онҳо дар фикри мардумони оддӣ нестанд, сиёсати онҳо фақат мардумфиребист.

Дар Тоҷикистон ин масъала аз тариқи Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ», ки 19 марти соли 2013 таҳти рақами 939 ба имзо расидааст, танзим карда мешавад. Қонуни мазкур шакли нав ва мукаммалкардашудаи қонунест, ки ҳанӯз 1 феврали соли  1996 таҳти унвони Қонуни ҶТ «Дар бораи яроқ» қабул ва мавриди истифодақарор гардида буд. Қонуни нав муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба гардиши силоҳи ғайринизомӣ, хизматӣ, ҷангӣ, ҳамчунин лавозимоти ҷангиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, ба ҳимояи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, моликият, таъмини амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии силоҳ равона карда шудааст. Моддаи 18 ин қонун ба ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои соҳиб шудан ба силоҳи ғайринизомӣ бахшида шуда, дар банди аввали он омадааст, ки «шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни бистуяксолагӣ расидаанд, баъди гирифтани рухсатнома барои соҳиб шудан ба намуди мушаххаси силоҳ дар мақомоти корҳои дохилии маҳалли истиқомат ҳуқуқи соҳиб шудан ба силоҳи худмуҳофизатӣ, силоҳи варзишӣ, силоҳи шикорӣ ва силоҳи ишоракунандаро доранд». Назорати гардиши силоҳ ва лавозимоти ҷангии он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоте амалӣ мегардад, ки барои додани иҷозатнома барои сохтани силоҳ ваколат доранд (Моддаи 32, банди 1).

Маслиҳат ин аст, ки яроқи оташфишон дар дасти мардум умуман набошад ва ё, дар ҳолатҳои истисноии иҷозати аслиҳа доштан, таҳти назорати сахт қарор дошта бошад. Мавҷудияти аслиҳа имрӯз ҳатто дар кишваре чун ШМА, ки дараҷаи баланди фарҳанги ҳуқуқ ва эҳсоси масъулиятро дорост, хатари ҷанги шаҳрвандиро ба миён овардааст. Аз ин рӯ, дар кишварҳое мисли Тоҷикистон ба ҳеҷ ваҷҳ набояд иҷозат дода шавад, ки дар дасти мардум силоҳи оташфишон бошад. Ин хатарнок аст. Мисоли равшани ин фарзия ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри гузаштааст, чун агар дар он солҳои ноорОмӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба дасти мардум силоҳи бисёр мебуд, доманаи ҷанги даҳшатбори шаҳрвандии он солҳо васеътар ва пурфоҷиатар мегашт. Бешубҳа, раванди оштии миллӣ ва истиқрори сулҳро низ халалдор месохт. Умуман, фарзия дар бобати таъмини бехатарӣ ва ҳифзи ҳуқуқу осоиши шаҳрвандон дар натиҷаи иҷозати истифода аз силоҳу аслиҳаҳои шахсӣ, ҳатто дар доираи қонун ҳам бошад, нигарон кунанда ва хатарнок аст.

## Ҳодисаҳои ахири Қирғизистон: боз як инқилоби нав?

Ҳодисаҳои ахири кишвари бо мо дӯсту ҳамсоя –Ҷумҳурии Қирғизистон таваҷҷуҳи оламиёнро ба худ ҷалб намуд. Гурӯҳе аз ғайрату ҷасорат ва матонати мардуми ин кишвар ба ваҷд омада бошанд, гурӯҳи дигар чунин дараҷаи «фаол будан»-ро намеписандиданд. Гурӯҳҳое ҳам буданд, ки аслан моҳияти масъаларо ба хубӣ дарк накарданд ва ё ҳеҷ рағбате ба он нишон надоданд. Хулоса, мавқеъву назарҳо ва муносибатҳо ба ин ҳодиса якранг набуданд. Дар ин навиштаи мухтасар мо кӯшиш кардаем, ки то ҳадди имкон ба ин масъала бо назардошти андешаву афкори ҷаҳони Ғарб, махсусан Иёлоти Муттаҳидаи Амрико равшанӣ андозем.

**Асли масъала**

4 октябри соли равон дар Ҷумҳурии Қирғизистон интихоботи навбатии вакилони мардумӣ ба мақоми олии қонунгузори ин кишвар – Жогорку Кенеш доир гардид. Аз 15 ҳизби сиёсӣ, ки дар интихоботи мазкур иштирок карданд, танҳо 4-тои онҳо (ки, ба қавле[92], ҳама аҳзоби пайрав ва наздикони президенти кунунии кишвар буданд) ҳадди муайяншудаи 7%-ро гузашта, узвият дар Парламенти миллиро ба даст оврданд. Ҳамин тариқ, нахустин бор дар давоми 29 соли даврони Истиқлолияти давлатӣ ба ҳайати тозаинтихоби Парламенти миллии Ҷумҳурии Қирғизистон намояндагони ҳизбҳои мухолиф ворид нашуданд.

Натиҷаҳои интихобот аз тарафи аксари кулли мардум, махсусан ҷавони кишвар ғайри қобили қабул дониста шуд ва норозигии тӯдаҳои васеи мардумро ба бор овард. 11 ҳизби нокомгашта аз ин фурсат истифода бурданд

[92] State of emergency in Kyrgyzstan as troops deployed amid growing unrest. Story by Reuters: https://edition.cnn.com/2020/10/09/europe/kyrgyzstan-troops-state-emergency-intl/index.html ; Just what is happening in Kyrgyzstan? By Andrew Wachtel: https://www.opendemocracy.net/en/odr/just-what-happening-kyrgyzstan/

ва шоми 5 октябр аз пайравонашон даъват ба амал овარданд, ки ҳамчун нишони эътироз ва адами боварӣ ба ҳукумат даст ба тазоҳурот зананд. Ҳазорон нафар дар майдонҳои маркази калонтарин шаҳрҳои Қирғизистон, махсусан Бишкек ба намоишҳои эътирозӣ баромаданд ва талаб намуданд, ки натиҷаҳои интихобот бекор карда шаванд. Аз ҳукумат талаб карда шуд, ки ҳарчи зудтар интихоботи нав гузаронида шавад. Комиссияи марказии интихоботи кишвар бо назардошти вазъи баамаломада натиҷаҳои интихоботи рузи 4 октябрро бекор кард. Президент ваъда дод, ки ба интихоботи нав мусоидат хоҳад кард. Аммо кор аз кор гузашта буд: мардум даст ба шикасту сӯхтор заданд, идомаи минбаъдаи оромона ва бешикасту рехти тазоҳурот барои дифоъ аз ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ғайриимкон гашт, фазои ҳуқуқӣ поймол гардид. Садҳо нафар ҷароҳат бардоштанд, як нафар ҳалок гардид, хисороти зиёд ба молу мулки мардум ва давлат расонда шуд. Вавзъи иқтисодию иҷтимоии заифи кишвар боз ҳам заифтар гашт.

**Назари Амрико**

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дарҳол пас аз анҷоми интихобот таи як баёнияи расмии худ, ки сафорати ин кишвар дар Бишкек ба табъ расонд, расман изҳор намуд, ки Амрико мардуми Қирғизистонро бо интихобот табрик мегуяд, чун интихобот яке аз нишонаҳои муҳими равандҳои демократист дар баёни озоду шаффофонаи хостаҳои мардум. Дар баёнияи мазкур бо қаноатмандӣ қайд карда шуд, ки интихобот дар фазои орому осоишта доир гардид ва ин аз хизматҳои арзандаи Парламенти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати тандурустӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар дар бобати ташкил ва анҷоми ин ҳодисаи муҳими сиёсӣ мебошад. Дар робита ба баъзе маълумотҳо оид ба вайрон кардани қоидаҳои умумии интихоботи озод ва шаффоф бошад, тазаккур дода шуд, ки Ҳукумати Иёлоти Амрико изҳори умед мекунад, то чунин қонуншиканиҳо аз тарафи мақомоти расмии кишвар мавриди барррасии ҷиддӣ қарор гирифта, барои

таҳкими бештари низоми ҳуқуқӣ чораҳои мушаххас андешида хоҳанд шуд[93].

Аммо дар асари ранги дигар гирифтани раванди ҳодисаҳои баъд аз интихобот Ҳукумати Амрико баёнияи дигареро дар робита ба вазъи баамаломада пахш намуд. Дар он, аз ҷумла, аз тарафҳои даргир даъват ба амал омадааст, ки ҳолати ногувор ва масъалаҳои баҳсноки марбут ба натиҷаҳои интихоботро аз роҳи сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми ҳамдигар, на зўроварӣ мавриди ҳаллу фасл қарор диҳанд. «Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба истиқлолияти Ҷумҳурии Қирғизистон ва тарзу шеваи демократии идоракунии давлатӣ дар ин кишвар эҳтиром дорад, - омадааст дар баёния. – Ҳодисаҳои рўзҳои ахир ифодагари динамика ва инкишофи равандҳои сиёсии дохилии кишваранд, на дахолати хориҷӣ[94]».

Дар расонаҳои хабарии Амрико ҳодисаҳои ахири Қирғизистон мавриди таваҷҷуҳи васеъ қарор нагирифтанд. Ба истиснои ду-се хабару мақолаҳо, ки дар рўзномаҳои марказии кишвар ба табъ расиданд[95], масъалаи мазкур аз доираи таваҷҷуҳи хонандагони бешумор берун монд. Шояд сабаби асосӣ он бошад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қирғизистон дар масофаи ниҳоят дур аз Амрико қарор доранд. Амрико ба таври расмӣ ин кишварҳоро шарикони рушд эълом дошта, алоқамандии хешро дар мавриди таъмини сулҳу субот дар минтақа, тамомияти арзӣ ва истиқлоли миллии онҳо расман изҳор намудааст[96]. Аз тарафи дигар, ба назари мо, ҳодисаҳои дохилии худи Амрико ва вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар дар асари оқибатҳои

---

[93] Заявление по итогам выборов в Кыргызской Республике// https://kg.usembassy.gov/ru/statement-on-the-parliamentary-elections-in-the-kyrgyzstan-republic-ru/

[94] Заявление по поводу текущей ситуации в Кыргызской Республике// https://kg.usembassy.gov/ru/statement-on-the-current-situation-in-the-kyrgyz-republic-ru/

[95] Power vacuum in Kyrgyzstan brings political crisis to a head:// https://www.washingtonpost.com/ world/europe/kyrgyzstan-political-strife-deepens-as-president-dismisses-prime-minister/2020/10/09/ c2c9a87c-0a02-11eb-8719-0df159d14794_story.html ; Kyrgyzstan’s deepening political crisis, explained // https://www.washingtonpost.com/world/asia_pacific/kyrgyzstan-elections-protests-parliament/2020/10/06/6f49bc9e-07b1-11eb-8719-0df159d14794_story.html?itid=lk_interstitial_manual_26

[96] United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity // https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-

вазнини коронавирус ва баҳсу мунозираҳо ва муборизаҳои шадиди сиёсии пешазинтихоботӣ барои дарёфти мақоми президент диққати амрикоиёнро аз ҳодисаҳои Қирғизистон андаке дур кард.

**Назари мо (ба ҷои хулоса)**

Аз назари мо, ҳодисахои ахири Бишкек дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишварҳои минтақа бетаъсир нахоҳад монд. Эътироф бояд кард, ки ин ҳама аввалан натиҷаи сиёсати начандон пурсамари роҳбарияти сиёсии кишвар дар бобати таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад, ки касофати коронавирус онро чигилтар ва пурмоҷаротар сохт. Яъне, сабабҳои ин нооромиҳо заминаҳои амиқи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд ва онро танҳо бо мухолифатҳои «ҷанубу шимол» ё «қабилаҳо» вобаста донистан иштибоҳ аст. Сониян, нерӯи пешбарандаи чунин ҷунбишҳо дар Қирғизистон (ва дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ) насли ҷавон аст, ки бо дониши хуб ва таҷрибаи пешқадами замони муосир мусаллаҳ гаштааст. Онҳо тағйирот ва ислоҳот мехоҳанд ва ин талаботи ҷиддии онҳост. Ин вазъро нодида гирифтан нашояд, чун дар аксарияти ин кишварҳо (аз ҷумла дар Қирғизистон) фоизи бештари аҳолиро маҳз ҷавонон ташкил медиҳанд. Ниҳоят, ҳодисаҳои Қирғизистон баёнгари дараҷаи муайяни инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он дар ин кишвар аст, аммо, мутаассифона, камбуди камолоти сиёсӣ ва адами фарҳанги умумишаҳрвандӣ ҳам мебошад.

Ҳодисаҳои Қирғизистон дар партави дигар нооромиҳое, ки дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷой доранд (нооромиҳо дар Белорусия, моҷарои байни Арманистон ва Озарбойҷон оид ба Кӯҳистони Қаробоғ), барои минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти махсус ба худ касб мекунад. Воқеият ин аст, ки кишварҳои абарқудрат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сабабҳои муайян ба раванди ҳодисаҳои Бишкек мустақШМАн дахолат накарданд, чун онро саҳеҳан раванди инкишофи динамикии сиёсати дохилии худи мардуми

prosperity/#.XlD0fhJRq2M.email ; Стратегия США в Центральной Азии//http://eurasian-defence.ru/?q=node/6529

Қирғизистон арзёбӣ намуданд. Чунин бархӯрд ба он асос ёфта буд, ки дар маҷмӯъ манфиатҳои аслии ин кишварҳо (Россия, Хитой, ШМА, Иттиҳоди Аврупо) дар хатар набуданд ва мавзӯи муносибатҳо бо ин кишварҳо аз доираи мунокишаҳои тарафҳои даргир берун буд. Пас, лозим аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд сиёсати дурусти раванди бозсозиҳоро пеш гиранд, ки ба муколШМА ва гуфтугӯҳои бардавом бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан таъмини иштироки васеи ҷавонон ва ҳавасмандгардонии онҳо барои рушду субот ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ асос ёфта бошанд.

## Амрико ва Чин ба чӣ мувофиқа расиданд?

Рӯзи 16 ноябри соли 2021 сарони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар фазои интернет суҳбат доштанд. Назар ба маълумоти расонаҳои хабарӣ, саммити виртуалии Ҷо Байден ва Си Ҷинпин дарозтар аз вақти ба нақша гирифташуда давом кард ва дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо муносибатҳои дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор доданд. Тавре аз паёми Кохи Сафед бармеояд, Байден дар сӯҳбат бо раҳбари Чин таъкид кардааст, ки Иёлоти Муттаҳида сиёсатро дар бобати дифоъ аз манофеъ ва арзишҳои миллии худ идома хоҳад дод, аз риояи ҳуқуқи башар дар Чин изҳори нигарон аст, дар айни замон усули «Чини ягона»-ро риоя мекунад[97].

Раҳбарони ҳарду давлат ҳамчунон моҳияти мавҷудияти буҳрони иқлим ва ҳифзи муҳити зист барои ҷаҳон ва нақши муҳими ШМА ва Чин дар мубориза бо ин тағйиротро баррасӣ карданд. Байден ва Си инчунин аҳамияти андешидани чораҳоро барои ҳалли масъалаи таъмини энергия ва маводи сӯзишворӣ дар сатҳи ҷаҳон, чолишҳо ва хатарҳои калидии минтақавӣ дар бобати таъмини амнияти саросарӣ, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба Кореяи Шимолӣ, Афғонистон ва Эрон баррасӣ карданд. Ва ниҳоят онҳо роҷеъ ба роҳҳои идомаи музокирот оид ба як қатор масъалаҳои дигар табодули назар карда, аҳамияти машваратҳои дақиқ ва мушаххасро дар ин замина махсус таъкид намуданд[98].

Ин нукта муҳим аст, ки Президент Байден ҳуқуқи кишвари Чинро дар интихоби роҳи инкишоф, тамомияти арзӣ ва арзишҳои миллии он эътироф намуда, таъкид ба он кард, ки ШМА ҳаргиз барои тағйири низоми сиёсии кишвари Чин ва таъсиси иттиҳодҳои муқобили ин кишвар кӯшиш нахоҳад

---

[97] Виртуальный саммит Байдена и Си Цзиньпина длился дольше намеченного.16.11.2021// https://radiosputnik.ria.ru/20211116/bayden-1759231021.html

[98] Readout of President Biden's Virtual Meeting with President Xi Jinping of the People's Republic of China 16.11.2021// https://www.whitehouse.gov/ briefing-room/statements-releases/2021/11/16/readout-of-president-bidens-virtual-meeting-with-president-xi-jinping-of-the-peoples-republic-of-china/

кард. Мо тарафдори “Тайвани мустақил” ҳам нестем[99], - таъкид намуд роҳбари ШМА.

Воқеан, чунин ба назар мерасад, ки мулоқоти маҷозии роҳбарони ин ду кишвари абарқудрат ғайричашмдошт дар фазои ором, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми ҳамдигар анҷом гирифт. Чунин сурат гирифтани мулоқоти мазкур дар заминаи он нигарониҳо ва танишҳое, ки бо сабабҳои мухталиф миёни ин ду кишвар ҷой дорад, паёми нек на фақат дар беҳтар шудани вазъи робитаву муносибатҳои байни ШМА ва Чин, балки дар фазои сиёсии ҷаҳон низ ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, “меҳрубониҳои” ШМА дар бобати боло бурдани сатҳи муносибатҳои байни ду кишвар метавонад ҳамчун кӯшиши рахна задан ба муносибатҳои байни Чин ва Россия ва, аз ҳамин тарик, заъиф сохтани нуфузи Россия дар минтақаи Осиёи Марказӣ талаққӣ гардад. Беҳуда нест, ки фақат дар ҳамин чанд рӯзи ахир  Байден се бор таҳримҳои зидди Россияро рад кард ва гуфт, ки ин чораҳо ба қадри кофӣ сахт нестанд[100]. Департаменти давлатии ШМА низ таъкид намудааст, ки дар бораи муносибатҳои устувор ва пешбинишавандаи ШМА ва Россия ҳарф задан барвақт аст[101].

Хулоса, мулоқоти ахири ШМА ва Чин дар сатҳи олии роҳбарияти сиёсии ин кишварҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки хатар ва чолишҳои глобалии ҷаҳони имрӯз, ки ба мавҷудияти инсоният дар курраи Замин мустақШМАн иртибот мегирад, метавонад ва бояд ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳусни тафоҳумро дар миёни кишварҳои мухталиф, махсусан давлатҳои абарқудрат ба миён оварад. Густариш ва таҳкими робитаҳо ва мавқеъҳои усулии ин кишварҳо дар роҳи дарки мушкилиҳо ва роҳҳои якҷояи ҳаллу фасли он ҳамчун яке аз воситаҳои муассири мубориза бар зидди чинин танишҳо ва чолишҳо арзёбӣ мегардад.

---

[99] Байден трижды отклонял санкции против России, сообщили СМИ. 16.11.2021 // https://ria.ru/20211116/bayden-1759231459.html

[100] США не поддерживают независимость Тайваня, заявил Байден.16.11.2021 // https://ria.ru/20211116/bayden-1759222971.html?offline=1

[101] В Госдепе оценили отношения США и России. 15.11.2021 // https://ria.ru/20211116/kitay-1759224571.html

## МАКРОН ДАР АМРИКО ЧӢ МЕҶӮЯД?

Президенти Фаронса Эммануэл Макрон бо як сафари расмӣ ҳамин рӯз - 30 ноябри соли 2022 вориди ШМА шуд, то бо Президенти ШМА Ҷо Байден мулоқот анҷом диҳад. Дар назар аст, ки сафари мазкур се рӯз идома хоҳад кард. Бино ба гузоришҳо[102], ҳавопаймои ҳомили раҳбари Фаронса дар Пойгоҳи муштараки Эндрюс берун аз Вашингтон фуруд омад. Сиёсатмадор пеш аз сафар ба Ню Орлеан ду рӯз дар пойтахти Иёлоти Муттаҳида хоҳад буд. Қаблан Politico[103] навишта буд, ки Макрон дар ҷараёни сафараш ба ШМА кӯшиш хоҳад кард, ки Байденро мутақоид кунад, ки қонун ва талаботро барои коҳиш додани таваррум дар Амрико нарм кунад ва аз ҷанги тиҷоратӣ пешгирӣ кунад. Макрон ҳамчунон аз раҳбари Амрико хоҳиш мекунад, ки барои дастрасӣ ба гази арзонтар ва истифодаи кишварҳои аврупоӣ аз тарҳи чандмиллиарддоллараи мавҷуда, ки барои субсидия ба соҳаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳифзи муҳити зист пешбинӣ шудаанд, мусоидат намояд.

Аз назари нашрияи The New Youk Times бошад, раисиҷумҳури Фаронсаро дар Вашингтон гуфтугӯҳои ҷиддӣ дар пешанд, чун мулоқоти ӯ бо президент Байден дар ҳолате сурат мегирад, ки фазои байналмилалӣ дар асари ҳодисаҳои Украина хеле шиддат ёфта, дар арсаи ҷаҳонӣ паёмадҳои ногувореро ба бор овардааст. Гумон меравад, ки ин ва дигар мавзӯъҳои марбут ба оқибатҳои ҷанги Украина дар маркази таваҷҷуҳи мулоқоткунандагон қарор хоҳад гирифт[104].

Дар худи Фаронса эълон гардид, ки сафари серӯзаи давлатии Эммануэл Макрон ба ШМА дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва дидгоҳҳои муштараки дуҷониба дар бораи ҳамлаи Русия ба Украина ва истиқрори Чин

---

[102] Газета.Ру: Макрон прибыл в США с официальным визитом. Дата обращения: 30.11.2022

[103] Politico: В ходе визита в США Макрон предложит Байдену меры для недопущения торговой войны. Дата обращения: 29.11.2022

[104] The New York Times: As Macron Pays State Visit to U.S., Ukraine Tests an Old Alliance // https://www.nytimes.com/2022/11/29/world/europe/biden-macron-state-visit.html 30.11.2022

дар ҳавзаи Ҳинду Укёнуси Ором сурат мегирад. Аммо қонуни охирини президент Ҷо Байден дар бораи коҳиши таваррум Иттиҳоди Аврупоро ба ташвиш овардааст ва раҳбари Фаронса бояд дар мавриди субсидияҳои ШМА ва пуштибонӣ аз манфиатҳои кишварҳои аврупоӣ дар ҳамин замина мавқеи устувор дошта бошад[105].

Қаблан маъмурияти президенти ШМА эълон карда буд, ки интизор меравад Байден дар ҷараёни сафари Макрон ба ШМА бо ҳамкори фаронсавиаш масъалаҳои марбут ба Украина, Чин, Эрон ва бурду бохти ҷанги энегетикиро баррасӣ хошад кард.

---

[105] France 24: On US state visit, Macron to draw the line on American protectionism // https://www.france24.com/en/france/20221129-on-us-state-visit-macron-to-draw-the-line-on-american-protectionism- 30.11.2022

# Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад ё Чаро Вилям Бернс ба Маскав омад?

Маълум, ки ахиран авзои сиёсӣ ва дар ҳамин замина муносибатҳои байналмилалӣ дар тамоми ҷаҳон ба як бухрони ғайричашмдошт ва нигаронкунанда мувоҷеҳ шудааст. Дар ин бобат сабабҳо гуногунанд, аз қабили ғасби қудрати сиёсӣ дар Кобул аз тарафи Толибон, масъалаҳои марбут ба камбуд ва боло рафтани нархи сӯзишворӣ махсусан дар Аврупо, мушкилиҳои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва тағйироти иқлим, ҳалли дурусти раванди ҷаҳонии муҳоҷирати меҳнатӣ ва зиндагии шоистаи муҳоҷирон ва ғайра. Дар ин миён тезутунд шудани муносибатҳои байни Маскав ва Киев ба оташи ин ҳамдигарнофаҳмиҳо равған рехт.  Асли гап чӣ аст?

Ахиран нерӯҳои ҳарбии Россия дар наздикиҳои марзи Украина тамаркуз дода шуданд. Мутобиқи расонаҳои хабарии Маскав, чунин ҷобаҷо кардан ва ҳаракати қуввахои низомии Россия дар доираи низоми қонунгузории кишвар сурат гирифтааст ва ба хотири таъмини амнияти миллии он анҷом дода шудааст. Ба ҳамин муносибат дар посух ба суолҳои рӯзноманигорон оид ба аксҳои моҳворaӣ Дмитрий Песков, сухангӯи маъмурияти Президент Путин ҳафтаи равон гуфт, ки "ҳаракати техникаи низомӣ ё воҳидҳои артиши мо дар қаламрави Федератсияи Россия танҳо кори мост.  Россия ҳеҷ гоҳ ба касе таҳдид накардааст, таҳдид намекунад ва барои касе хатаре ҳам надорад. Аммо дар пасманзари тамоюлҳои начандон хашмгини экспансионистӣ, ба хусус НАТО ва кишварҳои дигар Россия ҳамеша чораҳое меандешидааст, ки амнияти худро аз ҷониби НАТО ва дигар кишварҳо таъмин карда бошад ва минбаъд ҳам ҳамин тавр мекунад[106]» .

[106] CIA director dispatched to Moscow to warn Russia over troop buildup near Ukraine. CIA director dispatched to Moscow to warn Russia over troop buildup near Ukraine. By Natasha Bertrand, Jim Sciutto and Kylie Atwood, CNN. 05.11.21//https://edition.cnn.com/2021/11/05/politics/bill-burns-moscow-ukraine/index.html

Дар чунин як шароит Вилям Бернс, директори хадамоти истихборотии марказии ШМА (CIA) ба Россия сафар намуд. Ин сафар рӯзҳои 2-3 ноябри соли 2021 сурат гирифт. Вай дар Маскав бо Николай Патрушев, дабири Шӯрои амният ва мудири хадамоти кашфи хориҷӣ Сергей Наришкин мулоқот кардааст. Тибқи маълумоти расонаҳо, Президенти Русия Владимир Путин низ бо ӯ телефонӣ гуфтугӯ намуд.

Қаблан CNN бо такя ба манобеъи номаълум хабар дода буд, ки Бернс ба Маскав сафар кардааст, то Россияро дар бобати муносибаташ бо Украина "огоҳ" кунад ва ниятҳои Кремлро бифаҳмад. Ба гуфтаи вай, пас аз ин боздид мудири CIA бо Владимир Зеленский телефонӣ гуфтугӯ кардааст, то "танишро миёни Киев ва Маскав мӯътадил созад"[107] .

Дар ҳамин ҳол мақомоти Украина мегӯянд, бовар надоранд, ки ШМА барои ҷилавгирӣ аз таҷовузи Россия ба қадри кофӣ иқдом кардааст. Киев ШМА-ро водор мекунад, ки барои пурра ба кор даромадани лӯлаи гази Русия-Германия, ки бо номи "Маҷрои Шимолӣ-2" маъруф аст, коре бештар кунад, ки ин ба Россия имкон медиҳад, ки ҳангоми интиқоли газ ба Аврупо комилан Украинаро давр занад ва, ба эътиқоди Киев, Украинаро боз ҳам осебпазиртар кунад[108] .

Хулосаи ин гуфтаҳо аз он иборат аст, ки гурӯҳҳои алоҳидаи манфиатҷӯ мехоҳанд мушкилиҳои алоҳидаи мавҷударо, аз қабили ташаннуҷи муносибатҳо байни Маскав ва Киев обуранги бештар диҳанд ва аз ҳамин роҳ авзои печидаи рӯзро боз ҳам чигилтар созанд. Дар ин моҷароҳо ба ҳам ситезонидани давлатҳои қудратманде чун Россия ва Амрико хатарнок аст. Тарафҳои даргир набояд ба хотири ғаразҳои сиёсии худ тақдири инсоният ва

---

[107] Путин поговорил по телефону с директором ЦРУ. 08.11.21// https://ria.ru/20211108/putin-1758037843.html

[108] В Госдуме призвали не верить сообщениям СМИ о целях визита главы ЦРУ в РФ. 06.11.21 // https://radiosputnik.ria.ru/20211106/slutskiy-1757883447.html?in=t

таъмини амнияти саросариро зери хатар гузоранд.

Қобили зикр аст, ки на Маскав ва на Вашингтон тарафдори чунин бархӯрдҳо ва боло рафтани сатҳи нобовариҳо нестанд. Раисиҷумҳури ШМА Ҷо Байден ба ҳамин муносибат гуфтааст, ки бо вуҷуди ташаннуҷҳо маъмурияти ӯ мехоҳад бо Маскав дар масоили мушаххас, аз ҷумла коҳиши силоҳҳои стратегӣ, музокироти ҳастаии Эрон ва мубориза бо нармафзори фидя ва дигар ҳамлаҳои киберӣ ҳамкорӣ кунад[109]. Аз назари мо, моҳияти сафари оғои Бернс ба Маскав ва гуфтушунидҳояш бо раҳбарони олирутбаи Кремл низ  аз ҳамин иборат аст. Ва ин ягона роҳи дурусти баррасӣ ва ҳалли мушкилиҳо ва норавшаниҳои мавҷуда аст, ки бояд аз тариқи маслиҳат ва машваратҳо сурат бигирад. Ба қавли Румии бузург,

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.

---

[109] On Rare Visit to Moscow, CIA's Burns Holds Talks With SVR Chief Naryshkin. 03.11.21 //https://www.rferl.org/a/cia-burns-moscow-svr/31543107.html

**ИМПИЧМЕНТИ ТРАМП:**
**ДУРӮҒ ФУРӮҒ НАДОРАД**

Рӯзи шанбеи 13 феврали соли ҷорӣ Сенати ШМА натавонист барои маҳкум кардан ва аз вазифа дур сохтани (импичменти) президенти собиқи ин кишвар Доналд Трамп миқдори зарурии овозҳо - яъне, аз се ду ҳиссаи ризоияти аъзои Сенатро ба даст оварад. Ба тарафдории демократҳо 57 ва зидди импичмент 43 нафар овоз доданд ва ҳамин тавр кӯшиши демократҳо барои маҳкум кардани Трамп ба нисбати ташвиқи тазоҳуроти Капитолий, ки рӯзи 6 январи соли равон сурат гирифта буд, бо шикасти муқобилонаш ба анҷом расид.

Аслан муқобилони Доналд Трамп мехостанд, ки ӯро ба ҷурми ташвиқоти ғайриқонунӣ ва тафриқаандозиҳо дар ҷомеаи ШМА муттаҳам созанд ва ӯро на фақат аз ҳамагуна имтиёзҳое, ки мутобиқи низоми қонунгузории ШМА президентҳои ин кишвар бархӯрдоранд, маҳрум намоянд, балки имкони дар оянда ба чунин мақоми баланди давлатӣ талабгор шуданашро аз байн бубаранд. Ногуфта намонад, ки дар таърихи ШМА ин бори аввал аст, ки як президент ду дафъа импичмент мешавад ва, гузашта аз он, ҳатто баъд аз расман сабукдӯш шудан аз вазифааш. Чаро чунин ҳолат дар яке аз кишварҳои пешрафтаи дунё, ки фазои солим ва анъанаҳои таърихии демократияи аслиро дорост, сурат гирифт?

Рости гап, агар ин ҳама гуфтугузорҳо бидуни эҳсосоти беҷо, бадбиниҳо ва хусуматҳои шахсӣ сурат мегирифтанд, ҷои баҳс надошт. Албатта, президент Трамп ва дастгоҳи собиқи ӯ дар давоми чор соли роҳбарӣ ба камбудиҳо роҳ додаанд. Албатта, фаъолияти онҳо бе иштибоҳ набудаст. Ин қиссаи дигар аст, аммо асли гап ин аст, ки ду ҳизби пештози ШМА – ҳизби демократҳо ва ҳизби ҷумҳурихоҳон – дар лаҳзаҳои ҳассоси барои ҷомеаи Амрико муҳим аз доираи танги манфиатҳои ҳизбии худ натавонистанд берун оянд. Натавонистанд манфиатҳои миллат ва амнияти миллии кишварро дар

ҷои аввал гузоранд. Мақсад гузошта шуд, ки ҳарифи сиёсии худ, яъне Доналд Трампро бо хар роҳе, ки набошад, шармандаву шармсор ва сиёҳ кунанд, ҷанозаи ӯро ба ҳайси як «мурдаи сиёсӣ» бихонанд. Ва, мутаассифона, дар ин роҳ ба иштибоҳот роҳ доданд. Мутобиқи маълумоти расонаҳо, ҳатто даст ба дурӯг заданд. Оё чунин бархӯрдҳо асоснок буданд?

Пеш аз ҳама, эҳтироми тақрибан 75 миллион тарафдорони президенти собиқ Трамп ба эътибор гирифта нашуд. Нуқтаи назар ва мақоми онҳо, садои онҳо сарфи назар карда шуд. Дигар ин, ки бо айби ВАО ва намояндагони алоҳидаи он гапи дурӯғ ҷомаи атлас ба бар кард. Дар асл, гумроҳ кардани на фақат шаҳрвандони оддии ШМА, балки тамоми кишварҳои дунё сурат гирифт, ки дар ниҳояти кор ҷомеаи муосири ШМА-ро ба ду қисмати ба ҳам мухолиф тақсим кард, амният ва тамомияти арзии кишварро халалдор сохт. Ҷомеаи ҷахониро бошад, ки ҳамеша ба сӯи ШМА бо чашми умед нигоҳ мекард, ба шубҳа андохт, бовари онҳоро ба арзишҳои аслии демократия кам кард. Аз ин нуқтаи назар, ба қавли яке аз нашрияҳои Лондон, «ШМА дигар наметавонад он намунаи пурҷилои демократия бошад». Магар ин ҷиноят дар баробари демократия ва арзишҳои аслии он нест? Магар ин аст роҳи дурусти ташвиқи демократия ва ниҳодҳои он ҳамчун замонати раванди устувори рушд, амният ва шукуфоии саросарии миллатҳо? Кӣ бояд инро ҷуброн кунад ва ба кадом роҳ?

Ақидаи маъмул ин аст, ки таърихан ШМА ҳамеша кишваре баёнгари қишрҳои миёнаҳоли он будааст, на нухбагонаш ва на камбағалонаш. Яъне, ШМА ин кишвари миёнаҳолон аст. Дар ин қарина ба сари қудрат омадани Трамп ҳамчун президенти кишвар натиҷаи  норозигӣ ва муқобилиятҳои синфи миёнаҳол бар зидди нухбагони сиёсӣ ва пулдорони калони он буд, ки таи солҳои ахир хостаҳои тӯдаҳои васеи мардум ва ҳатто манфиатҳои миллии ШМА-ро нодида гирифтаанд, аз назари мардумони оддӣ, баднафстар шудаанд, адолати иҷтимоиро барҳам додаанд ва, дар ниҳояти кор, ҷомеаро ба табаддулот ва бозсозиҳои нав мубтало сохтаанд. Шояд ба ҳамин сабаб

бошад, ки президент Трамп ва дастгоҳи ӯ таи чор соли ахир ба бисёр навгониву тозакориҳо даст заданд, махсусан дар пешбурди стратегияи сиёсати хориҷии ШМА ва муносибатҳои мутақобилаи он бо дигар кишварҳо.

Аз назари мо, ҳоло ҳам дер нашудааст, ҳанӯз ҳам дарвозаҳои имконоти ҳамкорӣ ва ҳамоишу ҳамбастагиҳо баста нашудаанд. Президенти тозаинтихоби ШМА Ҷо Байден ва ҳаммаслаконаш, аз як тараф, ва тамоми мардуми шарофатманд ва бофарҳанги ин кишвар, аз дигар тараф, дари мунокишаҳоро баста, рӯй ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтироми андеша ва нуқтаи назари ҳамдигар оварда, тафриқахоро дар ҷомеа дур андозанд, манфиатҳои миллӣ ва тамомияти арзии ин кишварро ҳаққи муқаддам бидиҳанд. Дар ниҳояти кор, оромиву пешрафт ва шукуфоии бештари ШМА, ин кишвари пурқудрат ва пештози демократия, ба манфиати тамоми башарияти пешқадам буда, ба сулҳу осоиш ва рушди устувори саросарии ҷаҳониён мусоидат хоҳад кард.

## Оё бозгашти Трамп ба қудрати сиёсӣ имконпазир аст?

Интихоботи ахири ШМА, ки моҳи ноябри соли гузашта сурат гирифт, пайомадҳои ғайричашмдоштро ба бор овард. Қабл аз ҳама, аз назари иддае аз коршиносон, интихоботи мазкур дар фазои озоду шаффоф доир нагардид. Дар натиҷа миёни тарафҳои даргир – ҳизбҳои ҷумҳурихоҳон ва демократҳо – тазоди назар ба амал омад. Ҳизби ҷумҳурихоҳон натиҷаҳои ин интихоботро натиҷаи фиребу найранг эълон кард ва онро напазируфт. Аз тарафи дигар, президент Доналд Трамп ба ҳамин асос нахост зимоми Кохи Сафедро тибқи анаъана бо риояи муқаррароти мавҷуда ба президенти тозаинтихоби ШМА Ҷон Байден супорад. Гузашта аз он, бино ба иттилооти расонаҳои хабарӣ маҳз бо ибтикори президент Трамп анбӯҳи зиёди мардум рӯзи 6 январи соли 2021 ба бинои Капитолий ҳуҷум карданд ва онро мавриди талаву тороҷ ва харобкориҳо қарор доданд. Дар ШМА барои нахустин бор ҳолати фавқулодда ногувори сиёсию иҷтимоиро ба бор оварданд. Ин ҳолат боиси он гардид, ки дар рӯзи савганд ёд кардани президенти нав ба таърихи 20 январи соли равон худи Трамп иштирок накард.

Рӯзи шанбеи 13 феврали соли ҷорӣ Сенати ШМА натавонист барои маҳкум кардан ва аз вазифа дур сохтани (импичменти) президенти собиқи ин кишвар Доналд Трамп миқдори зарурии овозҳо - яъне, аз се ду ҳиссаи ризоияти аъзои Сенатро ба даст оварад. Аслан муқобилони Доналд Трамп мехостанд, ки ӯро ба ҷурми ташвиқоти ғайриқонунӣ ва тафриқаандозиҳо дар ҷомеаи ШМА муттаҳам созанд ва ӯро на фақат аз ҳамагуна имтиёзҳое, ки мутобиқи низоми қонунгузории ШМА президентҳои ин кишвар бархӯрдоранд, маҳрум намоянд, балки имкони дар оянда ба чунин мақоми баланди давлатӣ талабгор шуданашро аз байн бубаранд. Ногуфта намонад, ки дар таърихи ШМА ин бори аввал аст, ки як президент ду дафъа импичмент мешавад ва, гузашта аз он, ҳатто баъд аз расман сабукдӯш шудан аз вазифааш. Чаро чунин ҳолат дар яке аз кишварҳои пешрафтаи дунё, ки фазои солим ва анъанаҳои таърихии демократияи аслиро дорост, сурат гирифт? Ва

оё президенти собиқи ШМА Доналд Трамп метавонад дубора ба сари қудрат биёяд ва зимоми қудрати сиёсиро ба даст оварад? Агар биёяд, ин бозгашти ӯ ба сиёсат чӣ паёмадҳоеро ба бор хоҳад овард?

Чунин бозгашт имконпазир аст. Пеш аз ҳама, Трамп изҳор доштааст, ки аз сари мансаби президентӣ рафтанаш шикасти ӯ нест, балки натиҷаи фиребу сохтакориҳои ҳизби демократҳои кишвар аст. Аз назари Трамп, ӯ интихоботро набохтааст, балки бурдааст, аммо ин бурдашро демократҳо ва мухолифони сиёсиаш дуздидаанд. Сониян, аз сари қудрат рафтани Трамп фарҷоми кори ӯ ҳамчун сиёсатмадор ва ё марги сиёсии ӯ ба ҳайси яке аз руҷули сиёсӣ нагардид, агарчи мухолифонаш маҳз ҳамин натиҷаро чашмдор буданд. Тибқи гузоришҳои сарчашмаҳои мухталиф, Трамп ҳанӯз ҳам яке аз шуҳратмандтарин ва маъруфтарин шахсиятҳои сиёсии ШМА боқӣ мондааст. Ин нуктаро суханронии ӯ дар ҳамоиши ҷумҳурихоҳони консерватив, ки ба таърихи 4 феврали соли равон дар яке аз иёлатҳои Амрико доир гардид, бори дигар ба таври равшан исбот намуд. Маълум шуд, ки ҳанӯз ҳам то 68% аъзои ҳизби ҷумҳурихоҳон омода ҳастанд, ки номзадии ӯро ба мансаби Президенти ШМА дар соли 2024 тарафдорӣ намоянд. Худи Трамп ҳам изҳор доштааст, ки имкони дубора ба сари қудрати сиёсии кишвар баргаштани ӯ ҳанӯз ҳам аҳамияти худро аз даст надодааст. Ба ақидаи ӯ, натиҷаҳои овоздиҳии навбати аввали соли 2022 нишон хоҳад дод, ки оё ӯ номзадии худро ба мансаби президенти кишвар пешниҳод мекунад ё на?

Аз тарафи дигар, агар Трамп номзадии худро пешниҳод намояд, оё ҳизби ҷумҳурихоҳон ба тарафдории ӯ овоз медода бошад? Албатта, ин нуктаи баҳсангез аст. Ҳеҷ не барои он, ки аз Трамп, шахсияти ӯ, сиёсат ва роҳу равиши давлатдориаш на ҳама аъзои ҳизби ҷумҳурихоҳон қаноатманданд. Ва ин бесабаб нест, аммо ҳақиқат ин аст, ки Трамп шахсияти маъруфтарин боқӣ мондааст ва теъдоди тарафдоронаш пайваста меафзояд. Агар ҳизби ҷумҳурихоҳон ин воқеиятро ба эътибор нагирад ва Трапмро сарфи назар намояд, мушкилиҳои зиёде на фақат барои ин ҳизб, балки барои

тамоми ҷомеаи муосири ШМА ба амал хоҳад омад. Ин ҳолат мафҳуми «трампизм»-ро ба миён овардааст, ки мазмун ва моҳияти он фарохтар ва амиқтар аз доираи фаъолияти як ҳизб буда, ҷомеаи имрӯзи Амрико ва ҳатто сиёсати байналмилалиро фарогир шудааст. Аслан трампизм ба он асос ёфтааст, ки ШМА бояд яккатози сиёсат дар арсаи байналмилалӣ бошад, чун ин кишвар «бузургтарин» аст ба иллати ин, ки дорои калонтарин ва пешқадамтарин иқтисод ва низоми ҳарбист. Аз ин нуқтаи назар, трампизм сиёсати бисёрҷабҳа ва гуногунқутбаро, ки иштироки баробар ва муодили кишварҳои дигарро дар муносибатҳои байналмилалӣ таъмин намояд, намепазирад.

Оқибатҳои чунин як ҳолат на фақат барои ШМА, балки барои тамоми кишварҳои дунё бетаъсир нахохад монд. Сабаби чунин ҳолат, аз назари мо, ба дараҷаи ниҳоят зиёд боло рафтани сатҳи нобаробариҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, бойтар шудани сармоядорон ва қашшоқтар шудани камбағалон, аз ҷумла синфи миёнаҳол ва дар ҳамин замина кам шудани сатҳи бовари мардум ба ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ниҳодҳои давлатии идора дар саросари ҷаҳон мебошад. Трамп ва «трампизм» гӯё ин ҳама торикиҳо ва норавшаниҳоро рӯи об овард, пӯстканда сохт. Аз ин рӯ, тавсеаи бештари трампизм ҳатман ба табаддулот ва навовариҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ боис хоҳад гашт, низоми давлатдориро дар арсаи байналмилалӣ мавриди таҷдиди назар қарор хоҳад дод.

Агар Доналд Трамп дубора ба сари қудрат баргардад, ин падидаҳо ва ин равишҳои нав ба воқеият мубаддал хоҳанд гашт.

## ОЁ ПИРӮЗИИ ТОЛИБОН ОҒОЗИ ҶАНГИ САРД АСТ?

Афғонистон яке аз он кишварҳое аст, ки дар масири рақобати давлатҳои бузург карор дошта, солиёни дароз аз низоъ ва ихтилофи қудратҳои ҷаҳонӣ ранҷ мебарад. Аслан решаҳо ва заминаҳои асосии моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистон бисёр печида буда, дар он омилҳои дохилӣ (қавмӣ, самтӣ, забонӣ, қабилавӣ, идеологӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ), минтақавӣ (бо далелҳои мушаххас гиреҳ хӯрдани манфиатҳои кишварҳои ҳамсоя) ва байналмилалӣ (омили геополитикӣ) таъсири амиқ доранд. Ҳукуматҳои Афғонистони муосир дар робита ба омилҳои берунӣ ва дахолати кишварҳои хориҷӣ ба вазъи сиёсии Афғонистон ҳамеша вокуниш нишон додаанд, дахолати кишварҳои хориҷиро яке аз монеаҳои асосии ҳалли моҷаро дар Афғонистон ҳисобидаанд, аммо аз уҳдаи ҳалли дурусти маъала набаромадаанд. Яке аз мушкилоти асосии раванди ҳалли осоиштаи низоъи Афғонистон, ба ақидаи коршиносони Институти америкоии сулҳ (United States Institute of Peace), вуҷуд надоштани ваҳдату ягонагӣ дар сафи ҳукумати кишвар мебошад, ки ба сифати «таҳриккунанда» ва «қувваи ҳаракатдиҳандаи» низоъ шинохта мешавад.

Олими америкоӣ С. П. Ҳантингтон (Samuel p. Huntington) бар он ақида аст, киояндаи ҷаҳонро робитаи мутақобилаи фарҳангҳо, ки тамаддунҳоро ба вуҷуд меоранд, муайян менамоянд. Моҷароҳои асосӣ ва шадидтарин дар тӯли марзи ҷудокунандаи ин фарҳангҳо ба миён омада, хати марзи байни тамаддунҳо ба саҳнаи рақобати онҳо табдил меёбад. Ба қавли Ҳантингтон, ҷанги навбатӣ ин бархурди байни тамаддунҳо мебошад. Аммо шарқшиноси варзидаи рус Е. Примаков ин ақида ва мавқеъгирии Ҳантингтонро қабул надорад ва онро иштибоҳомез медонад. Ба ақидаи ӯ, моҷароҳои кишварҳои исломӣ натиҷаи «навсозии олами Ислом» мебошанд, ки ин навсозиҳоро неруҳои иртиҷоӣ, муҳофизакор ва ифротӣ қабул надоранд. «Наслҳои нави кишварҳои исломӣ нисбат ба наслҳои гузашта барои демократикунонӣ, гуногунандешӣ ва озодии баён фаъолтар мубориза мебаранд”, “дар оянда мо

шоҳиди рушди демократия дар олами Ислом хоҳем шуд, ки ин маънои мутобиқ гардидани арзишҳои анаъанавии шарқӣ бо арзишҳои демократиро дошта, дар ин замина кишварҳои Ғарб метавонанд муборизаи самаранокро ба муқобили терроризм, ифротгарой ва хурофотпарастӣ якҷоя бо кишварҳои исломӣ ба роҳ монанд,"- мегӯяд Е.Примаков.

Аз назари мо, воқеан ҳам моҷароҳо бояд танзим карда шаванд. Ҳар гуна чораҳои пешгирӣ ва кӯшиши решакан кардани моҷаро, хамчунин зӯран пинҳон сохтани он бефоида аст. Моҷароҳо бояд аз тарафи ниҳодҳо ва сохторҳои ҷомеа эътироф карда шаванд. Махсусан нақши ниҳодҳои ҷомаеи шаҳрвандӣ  дар ин бобат ниҳоят бузург аст.

Ба ақидаи муҳаққиқи афғонӣ Шарофуддини Шарафёр, мушкилот дар Афғонистон монанди захми ибтидоие аст, ки дар оғоз мешуд бо амали ҷарроҳии дақиқ аз пайкараи ҷомеа бартараф сохта шавад, вале инак мутаассифона, бар асари бетаваҷҷуҳии масъулин ба марази саратон табдил гардидааст, ки умед ба дармон ва беҳбудии он душвор ба назар мерасад. Зеро, ин беморӣ натанҳо дар пайкараи ҷомеа ва сиёсати давлат амиқ реша гирифтааст, балки бо вусъати доманадор ба бахшҳои мухталифи дигар низ сироят кардааст.

Дарвоқеъ, бештари мушкилот ва заминаи моҷарои тӯлонии Афғонистон заиф будани низоми давлатӣ ва сатҳи пасти фарҳанг ва маърифати умумии мардуми кишвар арзёбӣ шудааст.  Ихтилофҳои қавмӣ, масалан, худ як моҷарои дерина аст, ки реша дар бартарихоҳии як қавм бар қавми дигар дар Афғонистон дорад. Як омили дигари барҷастаи моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистон камсаводӣ ва дараҷаи пасти фарҳанг ва маърифати сиёсии мардум аст. Омили камбизоатӣ бошад, ин ҳолатро боз ҳам чигилтар ва фалокатбортар сохтааст . Мақом ва нақши неруҳо ва аҳзоби сиёсӣ низ дар ташаккул ва инкишофи моҷарои сиёсии Афғонистон баҳсталаб аст. Имрӯз беш аз 100 ҳизби расмӣ ва ҷунбишҳои зиёде дар ин кишвар мавҷуд мебошад, аммо аҳзоби сиёсӣ худ яке аз ниҳодҳои маслиҳатнопазир шинохта шудаанд.

Дар маҷмӯъ, сохторҳои ирсӣ, ки дар фарҳанги густурдаи Афғонистон гунҷонида шудааст, бар фарҳанги сиёсӣ бартарият доранд.

Нуктаи дигар ин аст, ки сафи исломгароёни тундрави хориҷӣ дар Афғонистон ҳамеша рӯ ба афзоиш будааст. Дар Афғонистон ҷудоихоҳони чечен, ифротиёни исломӣ аз Бангладеш, Филиппин, Алҷазоир, Кения, Покистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Хитой ва дигар кишварҳо паноҳ бурда, дар урдугоҳ ва пойгоҳҳои террористии «Ал-Қоида» машқ мекарданд ва барои анҷом додани амалиёти террористӣ дар мамлакатҳои худ омодагӣ мегирифтанд. Имрӯз ҳам бо дубора фаъол шудани Толибон гурӯҳҳои дигари террористӣ дар ин кишвар озодона амал мекунанд. Дар паҳлӯи терорристони ДОИШ тақрибан 20 гурӯҳҳои дигари террористӣ вуҷуд доранд. Инҳо иборатанд аз «Лашкар-ут-тайиба» (яке аз ташкилотҳои бузургтарин дар Осиёи Ҷанубӣ), «Ҷамоати исломӣ» (Ҳизби сиёсии исломӣ дар Покистон), «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ал-Қоида», ташкилоти экстремистии «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Ҳизб-ут-таҳрир» ва дигар гурӯҳҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Покистон, ки нақши калидиро дар вайрон кардани амният ва суботу осоиши минтақа бозӣ мекунанд.

Имрӯз толибон фақат паштунҳо нестанд. Мутаассифона, миқдори зиёди ҷавонон аз миллатҳои дигари Афғонистон (аққалиятҳои миллӣ) ба сафи онҳо гаравидаанд, ки масъаларо боз ҳам чигилтар мекунад. Дар ҳамин замина, аз назари мо, пирӯзии толибон дар асл пирӯзии идеологист, на ҳарбию низомӣ. Аз ин рӯ, пирӯзии толибон оғози ҷангҳои густурда, доманадор ва фалокатбори идеологист, ки дар ниҳояти кор ба оғоз ва густариши ҷанги сард оварда мерасонад.

Хуруҷи ШМА аз Афғонистон, албатта, шикасти бузург ва нокомии сиёсати хориҷии ин кишвар ва паст шудани обрӯю эътибори он ҳамчун кишвари абарқудрати яккатоз дар арсаи сиёсати ҷаҳонист, аммо оғози сиёсати нави дурбинона ва доманадори ШМА дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳам мебошад. Мақсади ин сиёсат аз тариқи нооором сохтан ва аз байн бурдани

суботи сиёсии минтақа коҳиш додан ба нуфузи Россия ва Чин дар минтақаи Осиёи Миёна ва дар ниҳояти кор суст ва ноустувор сохтани низомҳои сиёсии ин ду кишвар ба шумор меравад. Ин табиист, чун аз тариқи санксияҳо ва амалиётҳои низомӣ низоъ андохтан байни Россия ва Чин ва аз ҳамин роҳ дур сохтани онҳо ҳамчун рақибони асосӣ ғайриимкон гардидааст. Табиист, ки дар амалӣ гаштани ин нақша толибон яке аз нақшҳои асосиро хоҳанд бозид.

Пешниҳоди мо ин аст, ки кишвари Афғонистон бояд таҷрибаи истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ва низоми нави давлатдории миллии Тоҷикистонро хуб биомӯзад ва ба таври васеъ мавриди истифода қарор бидиҳад. Аз тарафи дигар, мавҷудияти Созмони ҳамкории Шанхай паёми нек барои ҳама кишварҳои минтақа аст. Афғонистон низ бо истифода аз имконоти васеи ин созмон доираи ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву низомиро бо кишварҳои ҳамсоя густурда сохта, масъалаи эҷоди инфрасохторҳо, ниҳодҳои мухталифи иқтисодӣ, рушду такомули баъдии маориф ва фарҳанги кишварро дар маркази таваҷҷуҳ қарор бидиҳад. Аз он ҷое, ки таърих собит намудааст, ҳеҷ кишваре бо кумак ва ёрии кишвари дигаре ба саодат ва шукуфоии доимӣ нарасидааст ва баръакс мардуми як сарзамин бо талош ва заҳматҳои шабонарӯзии худ дар партави истиқлол ва ҳокимият тавонистаанд роҳи ободӣ ва шукуфоиро пеш бигиранд.

Афғонистон ҳам наметавонад аз ин таҷриба ва анъана ҷудо бошад.

## Сафари президент Байден ба Аврупо: паёмҳо ва паёмадҳо

Ҳамин чанд рӯз қабл, дар авохири моҳи октябр Президенти ШМА Ҷо Байден (Joe Biden) ба Аврупо сафари панҷрӯза анҷом дод[110]. Ин сафар дар шароите сурат гирифт, ки авзои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои мухталиф дар асари оқибатҳои бухрони маводи нафту газ ва сӯзишворӣ дар арсаи ҷаҳонӣ хеле тезу тунд гашта буд. Аз тарафи дигар, муносибатҳои байни ШМА ва кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо дар ҳамин замина ба андозаи назаррас коҳиш ёфта, munoқишаи байни ШМА ва Фаронса дар бобати қарордоди бисёрмиллиардаи марбут ба киштиҳои зериобии ҳаставии Австралия ба оташи ин ҳама ҳамдигарнофаҳмиҳо равған рехт. Ҳамчунон, Иттиҳоди Аврупо дар маҷмӯъ ва махсусан кишварҳое чун Лаҳистон ва Украина аз Ҳукумати Амрико сахт домангир буданд, ки ба иловаи иқдомҳои номақбули президенти собиқи кишвар Доналд Трамп (Donald Trump) дар бобати андози иловагӣ ба содироти оҳан ва алюминий аз Аврупо дар ҳаҷми 25%  ахиран Президент Байден чанде аз санксияҳои иқтисодии зидди Россияро перомуни лӯлаи газбари “Маҷрои Шимолӣ-2” (North Stream-2) бекор кардааст. Ва ниҳоят, мавқеи расмии ШМА дар бобати ҳифзи муҳити зист ва паст кардани шиддати иқлими саросари курраи Замин, ки бо эътироф накардани Тафоҳумномаи Париж ва хориҷ шудани ШМА аз ин қарордод ва дигар иттиҳодҳои фаромиллӣ дар даврони президент Трамп таҳти шиори “Аввал Америка” (America First) сурат гирифтанд, ба чунин фазои номусоид дар муносибатҳои ШМА ва Аврупо боис гаштанд.

Аз ин рӯ, дар доираи силсилаи мулоқотҳо ва нишастҳои расмие, ки дар ин сафар пешбинӣ шуда буданд, вазифаи ниҳоят муҳими президент Байден аз он иборат буд, ки муносибатҳои ҳасанаи анъанавии кишвари худро бо Аврупо ба низом даровarad, сардиҳо ва адами бовар ба ҳамдигарро аз миён

---

[110] A Biden Trade Win in Europe //The Wall Street Journal – WSJ, November 1, 2021. https://www.wsj.com/articles/a-biden-trade-win-in-euroupe-steel-aluminum-tariffs-11635781086

бардорад. Гузашта аз он, Аврупоро ҳамчун шарики асосӣ ва стратегии худ дар фаъолиятҳои байналмилалии хеш мутмаин созад[111].

Чунон ки мебинем, бори сафари Президент Байден ба Аврпупо ин дафъа сабук набуд. Оё ҷаноби Байден аз уҳдаи ин ҳама вазифаҳои пешбинишуда тавонист барояд? Паёмҳо ва паёмадҳои асосии ин сафар кадоманд? Оё ин сафар гардише буд дар тағйири куллии муносибатҳои байналмилалӣ дар бобати масъалаҳо ва мушкилиҳои мубрами замони муосир, аз ҷумла ҳалли мушкилиҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи босамари захираҳои табиӣ ё на?

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки Президент Байден ҳамчун шахси диндори католик сафари худро аз мулоқот бо сарври католикҳои дунё Папа Франсис оғоз намуд. Ва ин рамзист, чун солҳои ахир дар ШМА дар партави озидиҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон корҳое сурат гирифтанд, ки чандон мақбули мардуми диндори ҷаҳон набуд, масалан, иҷозати расмии исқоти ҳамл дар ШМА, издивоҷи ҳамҷинсон аз ҷумлаи онҳоянд. Дар ин мулоқот Президент Байден, дар баробари баррасии масъалаи ҳамкорӣ дар бораи талошҳо дар заминаи эҳтиром ба шаъну шарафи инсонӣ, хотима додан ба пандемияи COVID-19, мубориза бо бuҳрони иқлим ва ғамхорӣ ба камбизоатон, ба ҳама католикҳои дунё паём расонд, ки ӯ ҳамчун як фард аз арзишҳои аслии мазҳаби худ пайгирӣ менамояд, аммо масъулияти давлатӣ ва ҷамъиятияш метавонад аз ин мавқеи инсонии ӯ тафовут дошта бошад. Ин паём то чӣ андоза мавриди писанд ва қабули муқобилони падидаҳои номбурда қарор хоҳад гирифт, гузашти айём нишон медиҳад.

Мулоқоту нишастҳои расмии дигар, аз қабили мулоқот бо Президент Макрон ва дигар сарону сарварони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо зери шиори “Амрико баргаштааст” (America is back) сурат гирифтанд. Чунон ки

[111] Back in Europe, Biden tries to show allies US is with them//Associated Press – AP, October 31, 2021. https://apnews.com/article/climate-g-20-summit-joe-biden-business-lifestyle-a568d035e775f35f8ab8b7f7e637d213

пештар ишора рафт, ахиран дар асари мунокишаи марбут ба қарордоди тиҷоратии байни Фаронсаву Австралия муносибатҳои ШМА ва Фаронса хеле сард гашт. Кор ба ҳадде расида буд, ки кишвари Фаронса расман намояндаи давлати худро аз Вашингтон боз хост, ки дар амалияи дипломатияи расмӣ ин кори андак нест. Аммо Президент Байден тавонист зимни мулоқоташ бо президенти Фаронса роҳбарияти сиёсии ин кишварро мутмаъин созад, ки ШМА дар оянда дар муносибатҳояш бо ин кишвар дӯсти содиқ ва шарики стратегӣ боқӣ хоҳад монд. Чунин ранг гирифтани қазия барои ҳарду кишвар ҳам муфид аст, чун онҳо метавонанд дар иттиҳод бо ҳам бо чолишҳо ва хатарҳои даҳшатовари замони муосир, аз қабили муборизаи зидди терроризми байналмилалӣ, истифодаи ғайриқонунии маводи мухаддир, таъмини амният ва фазои солим барои рушди устувор ва ғайра муваффақона ҳамкорӣ намоянд. Мусолиҳа бо Фаронса, аз тарафи дигар, паёмест ба дигар кишварҳои Аврупо, ки ШМА зери роҳбарии сиёсии Президент Байден минбаъд манфиатҳои ин кишварҳоро сарфи назар нахоҳад кард, идеология ва мавқеъгирии ШМА ва кишварҳои Аврупо тақрибан як аст.

Суханрониҳои Президент Байден дар чавкот ва ҳошияи мулоқоти сарони кишварҳои аъзои "Гурӯҳи 20" (G20) низ асосан ба тавсеа ва таҳкими ҳамин гуфтаҳо ва мавқеъгириҳо ихтисос дода шуда буданд[112]. Ногуфта намонад, ки вазъи нобасомон ва печидаи дохилии кишвари Амрико, мухолифатҳои афзояндаи байни демократҳо ва ҷумҳурихоҳон, дар ҳамин замина авҷ гирифтани норозигиҳои шаҳрвандон ва мушкилиҳои иҷтимоии табақаҳои васеи аҳолии ШМА чунин мавқеъгирӣ ва ҳолати Байденро ҳамчун роҳбари сиёсии кишвар хеле гарон сохта буд. Аммо Президент Байден то андозае тавонист ин холигиҳоро пӯшонад, миёни ШМА ва Аврупо як пули боварӣ ба хотири ҳамкориҳои оянда бисозад. Албатта, сарони кишварҳои Аврупо боварии комил ба он надоранд, ки Байден метавонад муваффақона ин

---

[112] Biden's looming European high-wire act //CNN, October 22, 2021. https://edition.cnn.com/2021/10/22/politics/biden-g20-rome-pope-francis-cop26-summit/index.html

нақшаҳоро амалӣ созад, аммо омодагии худро барои чунин ҳамкорӣ ва гардиши куллӣ дар муносибатҳои тарафайн намоиш доданд. Чаро? Онҳо намехоҳанд, ки дар асари заъфи маъмурияти Байден дар интихоботи соли 2022 ҷумҳурихоҳон дар Конгресс дастболо шаванд ва чун натиҷа, баъд аз ду соли дигар, сарвари навбатии Кохи Сафед дубора Доналд Трамп ва ё шахсе ҳаммонанди ӯ гардад. Хулоса, Байден ваъда дод[113], ки Иёлоти Муттаҳида пас аз чаҳор соли ҳукмронии Доналд Трамп зери шиори "Аввал Амрико" ба шарики содиқ ва пешбинишавандаи Аврупо табдил хоҳад ёфт ва ин сиёсат зери шиори нав таҳти унвони "Амрико баргаштааст" анҷом дода хоҳад шуд. Аммо чунин аксуламали Аврупо ва адами бовар ба Амрико беҷо нестанд. Ҳанӯз дар оғози раёсати ҷумҳурии худ Байден муттаҳидонашро дар арсаи байналмилалӣ нооромкард ва дарҳол мавриди танқиди шадиди мухолифонаш ҳам шуд. Ин нокомиҳо ба хуруҷи бесарусомони Амрико аз Афғонистон, ҷанҷоли дипломатӣ бо Фаронса перомуни нақшаи ШМА барои муҷаҳҳаз кардани Австралия бо киштиҳои зериобии ҳаставӣ, пайгир набудан дар сиёстаи дохилии худ роҷеъ ба ҳаллу фасли мушкилиҳои иҷтимоии дохили ШМА ва ғайра вобастагӣ доштанд. Ҳамчунон, Байден ҳампаймонҳои Аврупои Шарқӣ, аз ҷумла Лаҳистон ва Украинаро бо тасмим и худ дар бораи лағви таҳримҳо алайҳи ширкатҳои олмонии марбут ба лӯлаи гази "Маҷрои Шимолӣ- 2" ноумед кард.

Нуктаи охирон. Ин ҳама барои ҷаҳониён, аз ҷумла барои мардумони Осиёи Марказӣ чӣ паёмадҳое хоҳад дошт? Маълум, ки ҷаҳон барои мубориза бар зидди хатарҳо ва ҳаллу фасли мушкилиҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии замони муосир ва оянда як қадами ҷиддии мусбат ба пеш гузошт. Ба мувофиқа расидан дар бобати ҳифзи муҳити зист, иқлим, истифодаи босамари захираҳои табиӣ аз тариқи таваҷҷуҳи бештар ба нерӯҳои барқароршаванда ва "иқтисоди сабз", муборизаи зидди COVID-19 ва оқибатҳоион аз ҷумлаи ин иқдомҳои мусбатанд. Вале набояд фаромӯш кард,

[113] Джо Байден в Европе // https://ru.euronews.com/2021/10/29/eu-usa-biden-in-europe

ки ШМА ва Иттиҳоди Аврупо ин ҳама иқдомҳоро аз ҷумла барои он рӯи кор гирифтаанд, ки роҳи инкишоф ва нуфузи рӯзафзуни ҳарифони доимии худ – Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чинро боз доранд. Мухолифатҳои мавҷуда дар ин бобат наметавонанд ба зиндагии орому осоишта, амният ва тамомияти арзии кишварҳои Осиёи Марказӣ бетаъсир монанд. Ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарураст, ки дар доираи иттиҳодҳои мавҷуда, аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони қарордоди амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва ғайра боз ҳам зичтар муттаҳид гардида, бештар сафарбар шаванд. Аз тарафи дигар, лозим аст, ки дар идомаи сиёсати “Дарҳои боз” фаъолиятҳои худро бо доираи васеътари кишварҳо (“многовекторная политика”) ва тарафҳои алоқаманд барои таъмини рушди устувори минтақа вусъат бахшанд. Ин мавзӯъ махсусан дар партави изҳороти ахири Пешвои миллат доир ба Толибон ва мавқеъгирии усулии роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибихтиёр ва мустақил аҳамияти бузурге касб менамояд.

# ПАЁМИ СУЛҲУ СУБОТ ВА ОСОИШИ САРОСАРӢ

Паёми навбатии асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таърихи 21 декабри соли равон ироа гардид[114], паёми ҷашнӣ буд: инак, бори даҳум аст, ки ҳамасола паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ ва мардуми кишвар пешкаш мегардад. Ин худ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки низоми давлатдории миллии мо сол то сол беҳтару бештар ба меъёрҳои байналмилалии шаффофият ва ҳисобдеҳ будани Ҳукуматҳо мувофиқат намуда, асосҳои демократии он ва моҳияти иҷтимоияш таҳким меёбад. Мазмун ва мундариҷи Паём низ ҳамчун воситаи муассири гуфтугӯ бо халқ ва санади муҳими сиёсию иҷтимоӣ дар таъйини самтҳои асосии инкишофи кишвар ва роҳҳои ҳалли мушкилиҳои мавҷуда сол то сол ҷилои тоза ба худ касб менамояд.

Чун ҳамеша, дар Паёми имсола низ ба масъалаи робитаҳо ва муносибатҳои хориҷии кишвар, ки намоёнгари сиёсати пайгирона ва хастанопазиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати таъмини сулҳу субот на фақат дар дохили кишвар, балки дар тамоми минтақа ва арсаи байналмилалӣ мебошад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Ин масъала дар шароити имрӯз, ки дар саросари ҷаҳон авзои сиёсию иҷтимоӣ дар асари оқибатҳо ва паёмадҳои манфии пандемия, аз як тараф, ва низоъҳои мухталиф дар нуқоти мухталифи дунё, аз дигар тараф, боз ҳам печидатар гаштааст, аҳамияти махсус касб менамояд.

Дар ҳамин замина бояд қайд намуд, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як иштирокчии оддии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ таи солҳои ахир воқеан ҳам ба як узви комилҳуқуқ ва фаъоли ин равандҳо ва, гузашта аз он, ба яке аз акторҳои ташаббускор ва муайянкунандаи низому маромҳои мушаххас дар минтақаи Осиёи Марказӣ мубаддал гаштааст. Имрӯз Душанбе ба маркази мулоқотҳои байналмилалӣ, ҳалли мушкилиҳои мубрами

---

[114] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоқикистон. 23.12.2022

минтақа ва ташаббусҳои амалӣ дар роҳи истиқрори сулҳу субот ва таъмини рушди устувор табдил ёфтааст. Ин аз камолоти сиёсии роҳбарияти кишвар ва низоми давлатдории миллии мо шаҳодат медиҳад, ки шоистаи таҳсин ва яке аз раҳовардҳои бузурги даврони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст. Махсусан сиёсати "дарҳои кушода" ва дар ҳамин замина эҷоди фазои озоди муносибатҳои гуногунҷабҳа бо ҳама кишварҳои ҷаҳон якеа аз дастовардҳои арзанда ва қобили таваҷҷуҳи роҳбарияти сиёсии кишвар манзур мегардад.

Ба ибораи Пешвои миллат, "мизони асосии усули «дарҳои кушода», ки мо дар сиёсати хориҷии худ пеш гирифтаем, роҳандозӣ кардан ва пешбурди муносибатҳои дӯстона, ҳамсоягии нек, шарикӣ, ҳамкории судманд бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ мебошад.

Дар ин росто, метавон тазаккур дод, ки имрӯз Тоҷикистон бо 180 давлати дунё муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда, узви комилҳуқуқ ва фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бонуфузи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад".

Бисёр мантиқист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ нисбат ба шарикони стратегӣ ва рушди устувор вафодор боқӣ мемонад. "Дар сиёсати хориҷӣ мо ба рушди минбаъдаи муносибатҳо бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, шарикони стратегӣ – Федератсияи Россия, Чин ва дигар шарикони худ, аз қабили Иттиҳоди Аврупо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, кишварҳои Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар минтақаҳои олам ҳамеша аҳаммияти хосса медиҳем",- таъкид намуд Президенти кишвар.

Натиҷаи чунин сиёсат буд, ки аз ҷумла дар чанд соли ахир сафи кишварҳо ва инвесторони хориҷӣ афзоиш карда, ҳаҷми сармоягузориҳои онҳо ба маротиб афзун гаштааст, ки дар ниҳояти кор ба баланд бардоштани

сатҳи некуаҳволии мардум ва ҳалли бештари мушкилиҳои иҷтимоии кишвар мусоидат намудааст. “Дар бист соли охир ба кишвар беш аз 150 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 59 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шуд. Дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3–5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд. Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки амали он аз якуми январи соли 2022 оғоз мегардад, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд. Бар замми ин, шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд,”- омадааст дар Паём.

Чуноне ки Пешвои миллат зикр намуданд, “ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат беҳтар кардани шароити зист ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад. Дар ин ҷода, дар бист соли охир 3 ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, 2 барномаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ гардида, ҳоло татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва 176 барномаи давлатӣ идома дорад. Барои татбиқи стратегияву барномаҳои мазкур дар бист соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 174 миллиард сомонӣ равона карда шуд”.

Хулоса, Паёми навбатии Президенти кишвар ҳамчун сарчашмаи илҳом ва санади тақдирсоз, ки аз тарафи шаҳрвандони кишвар гарм пазирой гашт, барои ҷаҳониён низ як пайки хуш ва борисолати давлат ва Ҳукумати

Тоҷикистон дар бобати истиқрори сулҳи бардавоми саросарӣ, таъмини субот ва рушду устувори махсусан минтақи Осиёи Марказӣ маҳсуб мегардад.

# Сафаре, ки сулҳу суботро дар минтақа таҳким мебахшад

Дар ҷаҳони муосир ҳаракат ба сӯи ҷаҳони озод, ки дар он арзишҳои аслии инсонӣ мақоми махсус доранд ва инсон дар маркази таваҷҷуҳи он аст, хусусияти ҷаҳонӣ ба худ касб кардааст. Ва ин табиист. Дар тули таърих инсоният ҳамеша дар орзуи зиндагии осоишта ва шоиста будааст ва ин орзу ҳамчун маяк ва шуълаи умед онҳоро ба муборизаҳо ва талошҳои бардавом водор сохтааст. Аммо ин роҳ ва ин мубориза ҳаргиз якранг ва осон набудааст. Воқеияти ҷаҳони муосир аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯз аз дирӯз дар ин замина чандон тафовуте надорад. Ҳодисаҳои ахири Афғонистон ҷомеаи ҷаҳониро хеле нигарон кардааст. Ба ақидаи муҳаққиқи афғон Шарофуддин Шарафёр, мушкилот дар Афғонистон монанди захми ибтидоие аст, ки дар оғоз мешуд бо амали ҷарроҳии дақиқ аз пайкараи ҷомеа бартараф сохта шавад, вале инак, мутаассифона, бар асари бетаваҷҷуҳии масъулин ба марази саратон табдил гардидааст, ки умед ба дармон ва беҳбудии он душвор ба назар мерасад. Зеро ин беморӣ на танҳо дар пайкараи ҷомеа ва сиёсати давлат амиқ реша гирифтааст, балки бо вусъати доманадор ба бахшҳои мухталифи дигар низ сироят кардааст.

Аслан ба сари қудрат омадани Толибон ин худ як шикасти бузург дар парвариш ва рушди арзишҳои аслии инсонист, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар давоми солҳои зиёд барои он мубориза бурдааст. Эътирофи Толибон рӯй гардондан аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва хок пошидан ба он дастовардҳо дар роҳи таҳкими бештари ҳуқуқи башар ва эъмори як ҷомеаи мардумсолор аст. Дар ин замина изҳороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пурарзиш ва баҷост. Пешвои миллат на фақат садои худро барои истиқрори сулҳу субот, адолати иҷтимоӣ, дифоъ аз арзишҳои аслии инсонӣ баланд кард, балки

ҷасорати сиёсӣ ва фаҳмиши дурусти қазияи Афғонистонро ба ҳайси як марди сиёсат иброз намуд, ки шоистаи таҳсин ва дастгирист.

Сафари навбатии Пешвои миллат ба Аврупо сафари оддӣ нест. Он дар фазои норавшани сиёсӣ ва мушкили марбут ба ҳодисаҳои ахири Афғонистон, ғасби қудрати сиёсии ин кишвар аз тарафи Толибон сурат мегирад. Хушбахтона, мавқеи Президенти Фаронса дар ин бобат равшан ва ҳамсадо бо изҳороти расмии Тоҷикистон аст. Аммо дигар кишварҳои Аврупо чӣ? Оё Иттиҳоди Аврупо низ дар маҷмӯъ аз чунин мавқеъ ва бархурд пуштибонӣ хоҳад кард? Агар ҳа, дар кадом шакл ва агар не, чӣ бояд кард? Роҳи ҳалли ин қазия ва ин падидаи номатлуб кадом аст?

Хулоса, сафари навбатии Президент Эмомалӣ Раҳмон бояд ба ин торикиҳо равшанӣ андозад ва раванди ҳалли ин мушкилотро ба самти дуруст ва қобили қабули ҷомеаи байналмилалӣ равона созад. Дар ин кори пуршараф ва сафари таърихӣ ба Пешвои миллат барори кор мехоҳем!

## ХУШБИНИИ ЭҲТИЁТКОРОНА
## ё НАЗАРЕ БА МУЛОҚОТИ МАҶОЗИИ ПУТИН ВА БАЙДЕН

Фазои сиёсии ҷаҳон таи чанд моҳи ахир, мутаассифона, хушбинона нест. Чунин ҳолат, ба иловаи оқибатҳои вазнини пандемия дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, мушкилиҳои муҳоҷирон, баланд рафтани нархи сӯзишвориҳо, поён омадани сатҳи зиндагии тӯдаҳои васеи мардумон дар саросари ҷаҳон ва ғайра, ба тезутунд шудани муносибатҳои байн ду кишвари абарқудрат – Федератсияи Россия (ФР) ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ШМА) робитаи мустақим дорад. Дар маркази чунин ҳолати ғайриоддӣ, албатта, вазъи Украина ва ҳодисаҳои марбут ба ин кишвар, дар ҳамин замина истиқрори нерӯҳои НАТО дар ин минтақа ва наздикшавии бештари онҳо ба сарҳадҳои ФР қарор доранд. Кор то ҷое расида, ки ҳатто сафирони ФР ва ШМА ба кишварҳои худ бозхоста шуданд ва дараҷаи ҳамкориҳо аз тариқи муносибатҳои дипломатӣ ба андозаи нигаронкунанда поён рафт.

Инак, рӯзи 7 декабри соли равон президентҳои ин ду кишвар Владимир Путин ва Ҷозеф Байден аз тариқи видео бо ҳам мулоқот намуданд, ки бештар аз ду соат тӯл кашид[115]. Ба гуфтаи дафтари матбуоти Кремл, сарони ин ду кишвар дар бораи “машваратҳои ҷиддие” роҷеъ ба масъалаҳои ҳассоси амниятӣ, аз ҷумла рад кардани тавсеаи НАТО ба самти Шарқ ва истиқрори силоҳҳои зарбазан дар кишварҳои ҳаммарз бо Русия ба мувофиқа расиданд. Ҳамчунин, иҷрои қарорҳои нишасти Женева, муколама роҷеъ ба амнияти киберӣ ва мушкилоти равобити дуҷониба, аз ҷумла маҳдудиятҳои кори дипломатҳоро баррасӣ карданд[116].

Ба ақидаи раиси Кумитаи Думаи давлатии Россия Леонид Слутский, натиҷаҳои гуфтугӯи раисҷумҳурҳои Россия ва Амрико Владимир Путин ва

---

[115] Путин и Байден начали переговоры по видеосвязи. 08.12.21. https://www.vedomosti.ru/politics/news/2021/12/07/899450-putin-i-baiden-nachali

[116] Украина, безопасность, обнуление ограничений для дипмиссий. Что обсудили Путин и Байден, 8.12.21. https://tass.ru/politika/13138853

Ҷо Байден ба коҳиши танишҳо миёни ду кишвар умед мебахшад. Ба андешаи ӯ, бо вуҷуди ихтилофи назар раҳбарони Россия ва Иёлоти Муттаҳида розӣ шуданд, ки ба намояндагони худ дастур диҳанд, то машваратҳоро дар доираи ҳама масъалаҳои мавриди назар оғоз намоянд[117].

Албатта, мулоқоти рамзӣ он таъсир ва аҳамияте, ки гуфтугӯи рӯбарӯ метавонад дошта бошад, надорад. Вале дар ҳар сурат мулоқоти навбатии сарони ин ду кишвар ба поён овардани сатҳи шиддати сиёсӣ ва ба эътидол овардани буҳрони саросарии ҷаҳони имрӯз мусоидат хоҳад намуд. Маълум, ки ҳеҷ кас дар ин бобат интизори мӯъҷизаҳо нест, аммо ҳақиқат ин аст, ки чунин як мулоқот аз иродаи нек ва хоҳишу кӯшишҳои ин ду кишвари абарқудрат дар бобати ба низом даровардани муносибатҳои гуногунҷабҳаи ҳамдигарӣ, ки дар ниҳояти кор ба боло рафтани сатҳи ҳамгироиҳо ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат хоҳад намуд, гувоҳӣ медиҳад. Масалан, дар сурати пазируфта гаштани пешниҳоди президент Путин дар бобати ба эътидол овардани сиёсати шарқгароёнаи НАТО, оғози тоза бахшидан ба муносибатҳои дипломатии байни Россия ва Амрико аз тариқи сарфи назар кардани камбудҳо ва норозигиҳои пешина, ҳалли мушкилиҳои Украина дар доираи аҳдномаи Минск ҷаҳон метавонад нафаси осуда бикашад, ки танишҳо ва ҳамдигарнофаҳмиҳои байни ин ду кишвар боиси ҷанги нав нахоҳад гашт. Ба мувофиқа расидан дар бобати идомаи гуфтугӯҳо ва баррасии роҳҳои ҳалли мушкилиҳои мавҷуда, ки яке аз натиҷаҳои хуби ин мулоқот аст, ба ин гуфтаҳо умеди тоза мебахшанд.

Бояд зикр намуд, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тарафдори онанд, ки муносибатҳои хубу муфид ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни ин ду кишвари абарқудрати ҷаҳон пойдор гарданд, чун дар ниҳояти кор фазои солими байналмилалӣ ба таъмини бештари

[117] Слуцкий считает, что итоги разговора Путина и Байдена дают основания для оптимизма. 08.12.21. https://tass.ru/politika/13140015

амният, рушди устувор, муборизаи зидди терроризм ва ифротгароиҳо ва болоравии сатҳи зиндагии мардумони минтақа мусоидат хоҳад намуд.

## Ҳамоиш барои демократия: мақсад чӣ буд?

Ба таърихи 9-10 декабри соли 2021 бо ташаббуси маъмурияти Президент Байден дар Вашингтон ҳамоиш (саммит) барои демократия доир гардид. Дар кори он намояндагони 111 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд. Ҳамоиши мазкур аз тариқи онлайн (рамзӣ) сурат гирифт, чун дар шароити пандемия ва дар як муддати кӯтоҳ дар ШМА ҷамъ овардани ин миқдор кишварҳо ғайриимкон буд.

Ба ақидаи Стивен Фелдстейн, ба ҳамоиши мазкур дастаи мухталиф ва омехта аз кишварҳои дорои демократияҳои либералӣ, демократияҳои нисбатан заифтар ва якчанд давлатҳои дорои хусусияти авторитарӣ (масалан, Ҷумҳурии Демократии Конго ва Покистон[118]) даъват шудаанд. Аз назари ӯ, бо такя ба гузоришҳои расмии Freedom House дар соли 2021, аксарияти даъватшудагон – ҳафтоду ҳафт кишвар "озод" ё комилан демократӣ ном бурда мешаванд, дар ҳоле ки сиву як давлати даъватшуда ҳамчун "қисман озод" ва се кишвари дигар ба лагери "ноозод" дохил мешаванд[119]. Баъзе иттифоқчиёни ШМА, аз ҷумла иттифоқчиёни НАТО (Туркия ва Маҷористон) ба ин нишаст даъват нашуданд, гарчанде ки Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ дар Иёлоти Муттаҳида иттифоқе ҳисобида мешавад, ки на танҳо ба манфиатҳои умумии амният, балки ба арзишҳои умумии демократӣ асос ёфтааст. Намояндагони баъзе аз минтақаҳои ҷаҳон, масалан ҳамаи кишварҳои Шарқи Араб (ба истиснои Ироқ) ва ё тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин ҳамоиш амалан ҳузур надоштанд[120]. Покистон баъдан аз иштирок дар ҳамоиш ба нисбати иштироки Тайван даст кашид.

---

[118] Покистон баъдан аз иштирок дар ҳамоиш ба нисбати иштироки Тайван даст кашид

[119] Who's In and Who's Out From Biden's Democracy Summit. By Steven Feldstein. (манбаи электронӣ).URL: https://carnegieendowment.org/2021/11/22/who-s-in-and-who-s-out-from-biden-s-democracy-summit-pub-85822 (санаи муроҷиат: 25.12.2021).

[120] Кортунов Андрей. «Саммит за демократию»: что это было? (манбаи электронӣ).URL: https://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/analytics/sammit-za-demokratiyu-chto-eto-bylo/ (санаи муроҷиат: 15.12.2021).

Мавзӯи асосии ҳамоиш мазкур, ки таҳти шиори “Таҷдиди демократия дар доираи сиёсати дохилӣ ва мубориза бо низомҳои худкома дар доираи сиёсати хориҷӣ” сурат гирифт, асосан ба се масъалаи зерин ихтисос дода шуда буд: ҳимоят аз низомҳои худкома (авторитаризм), мубориза бо фасод ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон. Албатта, дар доираи ин се мавзӯъ масъалаҳои марбут ба тараққиёти дохилии сиёсӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатии мамлакатҳои иштироккунанда (мубориза ба муқобили фасод ва чораҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон), ҳамчунон масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ (муқобилияти якчоя ба ҳуҷуми глобалии авторитаризм) ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтанд[121].

Баррасии ҷараёни ҳамоиши мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳадафҳои ҳамлаи идеологии Амрико ҳамоно Чину Русия, инчунин дигар мухолифони геосиёсии ШМА (Эрон, Венесуэла, Куба, Никарагуа, Кореяи Шимолӣ, Мянма, қисман давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ғайра) боқӣ мондаанд. Даъвати Тайван ба ин ҳамоиш тамоюли зиддихитойии ин нишастро қувват бахшида, гувоҳи он аст, ки ШМА принсипи “Хитои ягона”-ро қабул надорад ва мехоҳад онро тадриҷи назар намояд. Ба ақидаи баъзе аз муҳаққиқон[122], ШМА аз тариқи ин ҳамоиш аслан мехоҳад мақоми худро дар арсаи байналмилалӣ, ки баъд аз хуруҷ аз Афғонистон коста шуда буд, баланд бардорад ва нишон диҳад, ки арзишҳои аслии демократия барои сиёсати хориҷии роҳбарияти сиёсии имрӯзи кишвар ҳанӯз ҳам муҳим ва пурарзишанд. Агарчанде аз назари гурӯҳи дигаре, арзишҳои ҷомеа ва манфиатҳои шаҳрвандон моҳият ва самти сиёсати хориҷии ШМА-ро, ки ба манфиатҳои миллӣ бештар асос ёфтааст, муайян месозад[123].

---

121 (манбаи электронӣ). URL: https://freedomhouse.org/sites/default/files/2021-02/FIW2021_World_02252021_FINAL-web-upload.pdf (санаи муроҷиат: 15.12.2021).

122 Faced with Rise of Authoritarian China, US Unsheathes Sword of Democracy to Wield Soft Power (манбаи электронӣ).URL: https://www.news18.com/news/opinion/faced-with-rise-of-authoritarian-china-us-unsheathes-sword-of-democracy-to-wield-soft-power-4543040.html (санаи муроҷиат: 13.12.2021).

123 Fact Sheet: Announcing the Presidential Initiative for Democracy Renewal (манбаи электронӣ).URL: https://www.whitehouse.gov/briefing-room/statements-releases/2021/12/09/fact-sheet-announcing-the-presidential-initiative-for-democratic-renewal/ (санаи муроҷиат: 14.12.2021).

Ба ҳар ҳол, ҳамоиши мазкур як падидаи муҳим дар раванди сиёсӣ ва авзои байналмилалии муосир ба ҳисоб рафта, аз он шаҳодат медиҳад, ки ШМА дар баробари таваҷҷуҳ ба мушкилиҳои дохилии кишвар, дифоъ аз манфиатҳои миллии он ҳамчунон сиёсати хориҷии худро дар бобати таъмини рушди устувори демократия дар ҷаҳони хориҷ аз тариқи дастгирии кишварҳои демократӣ ва моил ба чунин низоми идора идома хоҳад дод. Ташаббуси нави Президент Байден, ки ҳамчун натиҷаи ин ҳамоиш дар бобати дастгирии демократия дар ҳаҷми 424,4 млн доллар эълон гардид, гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Ҳадафи ташаббуси мазкур, агар аз тарафи Конгресс дастгирӣ шавад, иборат аз кумак ба ҳукуматҳои хориҷӣ дар рушди расонаҳои мустақил, мубориза бо фасод, татбиқи ислоҳоти демократӣ, ҳифзи ҳуқуқи ақаллиятҳо, ҳимоят аз интихоботи демократӣ ва пешбурди технологияҳои нав дар сиёсат хоҳад буд[124].

Бояд қайд намуд, ки ҳамоиши мазкур бо қабули ягон баёния ё эъломияи ниҳоӣ анҷом наёфт. Тасмим гирифта шуд, ки ҳамоиши навбатӣ дар соли 2022 ва аз тариқи иштироки бевоситаи кишварҳои даъватшаванда (на он-лайн) сурат хоҳад гирифт.

[124] Values are Interests. (манбаи электронӣ).URL: https://www.americanpurpose.com/articles/values-are-interests/ (санаи муроҷиат: 09.12.2021).

## Суханронии Ҷо Байден дар Варшава

Ҷо Байден, Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ба таърихи 21 феврали соли 2023 дар Варшава, пойтахти кишвари Лаҳистон суханронӣ кард. Ин суханронӣ аз ду ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст. Яке, ба сабаби он, ки Президент Байден қабл аз сафар ба Варшава дар Киев бо Президент Зеленский мулоқот кард, агарчи ин сафар ғайричашмдошт ва ғайрирасмӣ буд. Ин мулоқот дар кишваре сурат гирифт, ки фазои нооромм ва пурхатареро дар асари муноқишаҳои яксолааш бо Россия касб кардааст ва, албатта, дар чунин шароити номусоид ва ноамн ба ин кишвари ҷангзада сафар кардани як роҳбари олимақоми давлати абарқудрат аз муҳим будани ин сафар ва, аз тарафи дигар, аз ҷасорати сиёсии он шаҳодат медиҳад.

Чуноне ки рӯзномаи The New York Times менависад, Байден ба шаҳри Киев субҳи 20 феврал ба воситаи поезд ворид шуд. Ин нахустин сафари ӯ ба Украина ба ҳайси Раиси Ҷумҳури Амрико буд. Ногуфта намонад, ки моҳи июни соли 2022 ба ҳамин тариқ (аз тариқи поезд) президенти Фаронса Эммануэл Макрон, Консլери Германия Олаф Шолтс, Сарвазири Италия Марио Драги ва баъдтар дар моҳи ноябри ҳамон сол Сарвазири навтаъсиси Британияи Кабир Риши Сунак низ аз Киев дидан намудаанд. Мақсади асосии ин ҳама боздидҳои расмию ғайрирасмӣ, албатта, ибрози ҳусни ният, дастгирӣ ва пуштибонии режими Киев дар мубориза бар зидди Россия мебошад. Аз ҷумла, Президент Байден низ ҳамин нуктаро ба такрор хотирнишон кард, ки Амрико “ба ҳеҷ ваҷҳ Украинаро дар муборизиааш бар зидди таҷовузи Россия танҳо нахоҳад гузошт ва, аз ҳамин тариқ, демократия ва озодиро дифоъ хоҳад намуд[125]”.

---

[125] Президент США Джо Байден посетил Киев. Глава Белого дома пообещал дальнейшую поддержку Украине //https://www.dw.com/ru/bajden-v-kieve-poobesal-dalnejsuu-podderzku-ukraine/a-64761803

Дуюм, суханронии мазкур худи ҳамон рӯзе сурат гирифт, ки Президенти Россия Владимир Путин дар Маскав паёми солонаи худро ба парламенти кишвараш ироа намуд. Чунин ба назар мерасад, ки суханронии Байден дар Варшава як навъ посух ба паёми солонаи Путин дар Маскав буда бошад, махсусан бо назардошти ин нукта, ки Путин дар паёми навбатиаш иштироки Россияро дар Қатъномаи яроқҳои стратегӣ (ҳастаӣ) муваққатан боз дошт.

Суханронии Президент Байден дар Варшава аз нигоҳи ҳаҷм тақрибан чор маротиба кӯтоҳтар аз суханронии Путин буд. Он дар муҳтаво ҳамон масъалаҳоеро дар бар гирифтааст, ки ҳам Байден ва ҳам мақомоти расмии Амрико таи моҳҳои ахир ба ириботи вазъи сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ва ҳолати низоми муносибатҳои байналмилалӣ иброз доштаанд. Моҳияти онро пуштибонӣ аз демократия, озодии сухан ва таъмини амнияти саросарӣ ташкил медиҳад. Албатта, ҳамзамон мавзӯи Украина ва муносибати ШМА ба масъалаҳои марбут ба авзои сиёсию исҷтимоӣ ва бехатарии ин кишвар ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Масъалаҳои марбут ба дифоъ аз демократия ва густариши бештари он дар саросари ҷаҳон, мубориза бар зидди фасод ва автократия ва низомҳои сиёсии ғайридемократӣ, ҳамбастагии кишварҳои Ғарб ва паймони НАТО ва ғайра дарт феҳристи ҳамин мавзӯъҳо қарор доранд. Мағзи гап ва моҳияти аслии сафар ва суханронии Байден дар Варшаваро низ ҳамин нукта ташкил додааст: “Як сол қабл ҷаҳон интизори шикасти Киев буд. Ман имрӯз бо сароҳат метавонам бигӯям, ки Киев истодагарӣ кард, ҳанӯз ҳам тавоност, муҳимтар аз ҳама – озод аст! ... Россия ҳеҷ гоҳ бар Украина пирӯз нахоҳад гашт”, - аз ҷумла таъкид кард Байден дар Варшава[126] .

Нуқтаи дигари қобили таъкид ин аст, ки Президент Путин дар Паёми худ асосан оид ба масъалаҳои марбут ба ҳаёти дохиливу хориҷии кишвараш

[126] (манбаи электронӣ). https://www.bbc.com/russian/news-64721283

ҳарф зад ва ягон маротиба роҳбарони кишварҳои дигар, аз ҷумла Амрикоро ном набурд. Аммо Президент Байден бошад, дар ин суханронии кутоҳаш 10 маротиба аз Путин ва 26 маротиба аз кишвари Русия ёдовар шуд. Чунин ба назар мерасад, ки эълони боздошти иштироки Россия дар Қатъномаи яроқҳои стратегӣ, ки хавфи ҷанги ҳастаиро воқеан ба миён овардааст, роҳбарони кишварҳои Ғарб, аз ҷумла Штатҳои Муттаҳидаро ноором ва нигарон сохтааст.

Аз тарафи дигар, Байден ҳеҷ чизи нав ва ҷавобгӯ ба вазъи ноором ва нигаронкунандаи ҷаҳони имрӯз нагуфт. Ӯ гуфтаҳои пешинаи худро такрор кард. Чунин ба назар мерасад, ки Вашингтон то ҳанӯз ҷавоби саҳеҳ ва роҳҳалҳои мушаххасеро барои тағйири вазъи нобасомони кунунӣ ва қатъи моҷарои байни Россияву Украина, аз як тараф, ва буҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии махсусан кишварҳои Аврупо, аз тарафи дигар, дар даст надорад.

**ТАВБАФАРМОЁН ЧАРО ХУД ТАВБА КАМТАР МЕКУНАНД?**
ё **Чаро конгресси ШМА ба ифоқа намеояд?**

Инак бори сеюм аст, ки палатаи поёнии Конгресси ШМА наметавонад сухангӯи худро барои ду соли навбатӣ интихоб ва тасдиқ намояд. Чунин зарурат баъди аксариятро соҳиб шудани ҳизби ҷумҳурихоҳон ҳамчун натиҷаи интихоботи миёндавраии моҳи ноябри соли 2022 ба миён омад. Тавре ки маълум аст, дар ин интихобот ҷумҳурихоҳон дар палатаи поёнии Конгресси ШМА 222 курсӣ, демократҳо бошанд, 213 курсиро соҳиб шуданд. Ин чунин маънӣ дорад, ки акнун бояд курсии сухангӯи Конгрессро, ки аз соли 2019 ба ин тараф хонум Пелоси, намояндаи ҳизби демократҳо соҳибӣ мекард, намояндаи ҷумҳурихоҳон ишғол намояд. Ба ин мансаб  Кевин Маккарти, роҳбари фраксияи ҷумҳурихоҳон дар Конгресс номзадии худро пешниҳод кардааст, аммо, чуноне ки дар боло ишора рафт, инак бори севвум аст, ки номзадии ӯ аз тарафи ҳаммаслаконаш ба таври комил пазируфта намешавад. Барои соҳиб шудан ба ин мансаб ба Маккарти лозим аст, ки ҳадди ақал 218 овозро ба даст оварад. То ҳанӯз номбурда ҳамагӣ 202 овозро соҳиб шудасту халос, аммо ӯ даъво дорад, ки номзадии худро ҳаргиз пас нахоҳад боз хонд. Сарчашмаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд,ки чунин вазъияти ногувор таи сад соли ахир бори аввал сурат мегирад.Чаро?

Воқеан, чаро дар Конгресс чунин як ҳолати ғайримуқаррарӣ ва ногувор ба миён омадааст? Чаро намондагони ҳизби ҷумҳурихоҳон наметавонанд ба ифоқа оянд ва номзади арзандаи худро ба мансаби сухангӯи Конгресс тасдиқ намоянд? Чунин ба назар мерасад, ки вазъи ногувори Конгресс намоёнгари равшани вазъи ногувор ва бесомони ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеаи имрӯзи ШМА дар маҷмӯъ мебошад. Яъне, имрӯз низоми сиёсии пуриқтидортарин ва демократитарин давлати замони муосир мувоҷеҳи бӯҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардидааст. Чунин ҳолат аз камбуд, иштибоҳ ва холигиҳо дар сиёсати дохиливу хориҷӣ ва стратегияи инкишофи роҳбарияти сиёсии ШМА гувоҳӣ медиҳад.  Аз тарафи дигар, мухолифат ва муборизаи

беамони ду ҳизби ҳокими ШМА ҷомеаи кишварро ба ду қисмат тақсим кардааст, ки дар ниҳояти кор оқибатҳои ногувор ба бор хоҳад овард.

Албатта, дар ШМА низоми озмудашудаи ба истилоҳ “санҷиш ва мувозинат” (“система сдержек и противовесов”), ки ба се шоҳсутуни низоми сиёсии кишвар асос ёфтааст (мақомоти иҷроия, қонунгузор ва судҳо), барҷой аст ва он замонат медиҳад, ки волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ таъмин бошад. Аммо дар шароити буҳрони амиқи сиёсиву иҷтимоӣ ин ниҳодҳои муътамад ва муътабар метавонанд корношоям гарданд ва чунин ҳолат хатари беназмиву тахрибкорӣ ва низоъву ноороми ҳоро дар ҷомеа ба миён меоварад.

Аз назари мо, чунин ҳолат натиҷаи равандҳои номатлуби умумиҷаҳонӣ низ мебошад, ки имрӯз на фақат ШМА, балки аксарияти кулли кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Гумон меравад, ки ба ин ҳолат ба эътибор нагирифтани манфиатҳои тӯдаҳои васеи мардум, нодида гирифтани аҳамият ва мубрамияти ҳамгироиҳо ба хотири таъмини рушди устувор ва сулҳи саросарӣ боис гаштааст. Дар ШМА низ, ба гумони комил, сарфи назар кардани хостаҳои мардум ва фақат ба эътибор гирифтани манфиатҳои муғризона ва ночизи ҳизбӣ (на миллӣ!) ба чунин ҳолат боис гаштааст.

# ТАВВАЛЛУДИ ҶАҲОНИ НАВ

Вазъи сиёсии ҷаҳони муосир дар маҷмӯъ ва ҳодисаҳои атрофи Украина аз ҷумла, сокинони саросари курраи Заминро нигарон сохтааст. Воқеан, чаро чунин ҳолати ногувор ва ташвишовар ба миён омадааст? Ба таври фушурда ва ё ба қавле “бо як-ду ҳарф” намешавад ба ин масъала равшанӣ андохт. Баррасии масъала мулоҳизоти ҷиддиро тақозо мекунад. Инак, чанд мулоҳизаҳои мо перомуни мавзӯи мавриди баҳс.

Си соли давраи баъд аз пош хӯрдани давлати абарқудрате бо номи Иттиҳоди Шӯравӣ низоми мавҷудаи муносибатҳои байналмилалиро ба таври куллӣ тағйир дод. Мувозинати сиёсӣ ва таносуби мавҷудаи кишварҳо аз байн рафт. Ба арсаи сиёсат барои нахустин бор давлати абарқудрати ҷаҳонӣ (мировая супердерждава) бо номи Штатҳои Муттаҳидаи Америка (ШМА) қадам гузошт. Яъне, дар таърихи инсоният ШМА аввалин кишваре буд, ки на дар сатҳи минтақаи алоҳида, балки дар саросари ҷаҳон яккатози майдони сиёсати байналмилалӣ гардид. Архитектураи сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ дигаргун гашт. Ҷаҳон ба сиёсати яккутбаи муносибатҳои байналмилалӣ ворид шуд. Ҷавҳари онро раванди ҷаҳонишавии умумӣ ташкил дод, ки ба арзишҳои демократияи амрикоӣ (ғарбӣ) ва диду назари стратегии ШМА асос ёфта буд. Иттиҳоди Аврупо дар ин замина ШМА-ро ҳамчун ҳамнафасу ҳамқадам ва шарики боэътимод содиқона пайравӣ ва дастгирӣ менамуд. Кор ба ҳадде расид, ки дараҷаи эътимод ба ин ё он давлати мустақил бо он муайян карда мешуд, ки оё ин кишвар то чӣ андоза ба ШМА ва Иттиҳоди Авурупо содиқ аст?

Дар ин миён ҳодисаҳои Украина сурат гирифтанд. Амали махсуси ҳарбии Россия дар бобати озод кардани Украина аз унсурҳои иртиҷоии миллатгаро ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандони русзабон // “ҷаҳони Рус”таҳти унвони “демилитаризатсия” ва “денатсификатсия”-и ин кишвар ҷаҳонро ба ду қисмати мухолифи ҳамдигар тақсим кард. Қисмати аввал мавқеи ШМА ва Иттиҳоди Аврупоро дастгирӣ намуда, ин амалро таҷовуз хонданд ва

силсилатаҳримҳои сиёсиву иқтисодиро бар зидди Россия рӯи кор гирифтанд. Қисмати дигар, баръакс, ин ҳамаро напазируфтанд ва амали Россияро кори дохилии ин кишвар хонданд. Чаро чунин тақсимот ба ин қарор сурат гирифт?

Аҳамияти арзишҳои аслии демократия ҷойи баҳс надорад. Имрӯз аксари кишварҳои пешрафта маҳз низоми демократиро, ки дар моҳият умумибашариянд, пазируфтаанд. Озодии сухан, ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, адолати иҷтимоӣ, шаффофият, ҳисобдеҳ будан, муқаддам ва баҳснопазир будани моликияти хусусӣ ва ғайра аз ҷумлаи ин арзишҳо ва усулҳои аслии низоми демократӣ мебошанд. Мутаассифона, таи солҳои ахир ин арзишҳо бозичаи найрангҳои сиёсӣ гаштанд. Ғаразҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои геополитикӣ ин арзишҳоро поймол сохтанд. Саволҳое ба миён омаданд, ки ҷавобашон ба манфиати сиёсати ШМА ва Иттиҳоди Аврупо набуд. Масалан, чаро муносибат ба гурезагону муҳоҷирон марбут ба ранги пӯст ва мазҳаби онҳо гардид - чаро баъзеҳоро, масалан гурезаҳои украинро, қабул доранд, баъзеи дигарро, масалан гурезаҳои Афғонистон ва ё Сирияро, - не? Чаро бомбборони кишварҳое чун Югославияи собиқ, Ироқ, Сурия, Лубнон ва Афғонистон вокӯниши ҷомеаи ҷаҳониро, тавре ки бояду шояд, ба миён наовард? Чаро васоити ахбори омма махсусан дар Аврупо ин ҳамаро нодида гирифт? Чаро дар мавриди ҳодисаҳои Украина вокӯнишҳо маҳз дар ҳамин шакл ва бо ҳамин мазмун сурат гирифтанд? Чаро иртиҷоъ ва ифротгароӣ дар як ҳолат маҳкум ва дар ҳолати дигар, баръакс, дастгирӣ мегардад? Ва ғайра.

Ин саволҳо дар ниҳояти кор ба он оварда расонданд, ки “ҷаҳони дигар” – ҷаҳони берун аз қайду банди ШМА ва Иттиҳоди Аврупо роҳи дигар – роҳи “ғайриамрикоии” инкишоф ва истиқлолияти сиёсиро пеш гирифт. Ин ҳаракат ва ё падидаи нави сиёсиро Россия ва Чин роҳнамоӣ ва кишварҳое чун Ҳиндустон, Эрон, ҷаҳони Араб ва ғайра пайравӣ карданд. Дар асл имрӯз ҳолате фаро расидааст, ки низоми муосири сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ дигар наметавонад рисолати худро дар шакли пештарааш

идома диҳад, воқеият низоми нави бисёрқутбаро тақозо мекунад, аммо он ҳанӯз арзи вуҷуд накардааст. Чӣ бояд кард?

Чунин ба назар мерасад, ки ҳодисаҳои Украина дар ниҳояти кор ҷаҳонро ба ду қисмати мухолиф тақсим мекунад. Ин тақсимот ба давраи сифатан нави “ҷанги сард” оғоз мебахшад. Буҳрони шадиди иқтисодӣ, ки саросари ҷаҳонро фарогир мешавад, аз паёмадҳои нахустин ва гаронтарини он хоҳад буд.  Мавҷи пуртуғёни норозигӣ ва талаби таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҳама қисматҳои олам, махсусан дар қаламрави “давлатҳои сеюм” ба таври васеъ доман паҳн мекунад. Амнияти саросарӣ зери хатар мемонад, раванди рушди устувор рӯ ба таназзул меоварад.

Чунин буҳрони саросариро ба миён омадани низоми сиёсии бисёрқутба ба эътидол хоҳад овард, чунки адами чунин тавофуқ тарафҳои даргирро ба ҷанги ҳастаӣ хоҳад кашид, ки дар асл маънои аз байн рафтани инсониятро хоҳад дошт. Пас, тарафҳо дар симои ШМА ва Россия ба мувофиқа хоҳанд расид ва як тавозуни сиёсию иқтисодӣ арзи вуҷуд хоҳад кард, ки дар ниҳояти кор боз буҳронҳоро коҳиш ва раванди амнияти саросарӣ ва рушди устуворро такон ва тақвият хоҳад дод.

Ҷаҳони нав арзи вуҷуд хоҳад кард.

# АДАБИЁТ


1. Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ, солҳои 2018-2022.
2. Эмомалӣ Раҳмон яке аз бунёдгузорони Созмони ҳамкории Шанхай. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. Душанбе, 2021.- 175 с.
3. Абдулло Р. Политика США в Таджикистане: от признания независимости к партнерству // Центральная Азия и Кавказ. - 2007. - №4 (52);
4. Акматалиева А.М. НАТО и государства Центрально-азиатского региона: перспективы сотрудничества // Сравнительная политика, 4 (10), 2012. – С.32-33.
5. Арбатов Г. Современная внешняя политика США. Отв.ред Трофименко Г. М.: Наука, 1984.
6. Беляева Н.Ю. Гражданское общество в диалоге с государством // Представительная власть: монитоинг, анализ, информация, 1995, №1.
7. Брагинский И.С. Иранское литературное наследие. Москва: Наука, 1984.
8. Брудный А., Чотаева Ч. Центральная Азия: пути и модели развития // Центральная Азия и Кавказ. - 2000. - №6.
9. Виелмини Ф. Роль теории Маккшздера в нынешнем стратегическом развертывании США в Евразии: проблемы и перспептаы // Центральная Азия и Кавказ. - 2005. - №4;
10. Воҳидова С., Ширинҷонова М.И. Инкишофи муносибатҳои ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият//Осиё ва Аврупо. №2, 2019. – С.44-50.
11. Гаджиев К. Геополитика. М.; Международные отношения. - 1997.
12. Гули Юлдашева. Стратегия США в Центральной Азии: проблемы и достижения//Центральная Азия и Кавказ. Том 14. Выпуск 2, 2011. – Стр. 167-177.
13. Долинский А.В. Эволюция теоретических оснований публичной дипломатии // Вестник МГИМО-Университета. 2011. Вып. № 2. С. 275–280.
14. Дороншоева Н.Ш. Основные направления и перспективы развития взаимоотношений Республики Таджикистан и США. Автореферат на соискание ученой степени кандидата политических наук. Душанбе, 2020.
15. Жильцов С. США в погоне за Каспием. - М,, 2009.

16. Иванов О. Военная сила в глобальной стратегии США: монография, - М.: Восток-Запад. 2008.
17. Каримов Ш. Созмонҳои ғйридавлатӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2010. –287 с.
18. Каримов Ш. Ҳамкориҳои иҷтимоии СҒД дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Душанбе: Мастер-Принт, 2009.
19. Каримов Ш. Созмонҳои ғайридавлатӣ ва мақоми онхо дар низоми сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон. –Душанбе. 2009. – 111 с.
20. Каримов Ш. Формирование гражданского общества в Таджикистане. Душанбе: Ирфон, 2019. – 287 с.
21. Концепция внешней политики Российской Федерации 2008 года; Путин В.В.Послание Федеральному Собранию Российской Федерации, 25 апреля 2005 года.
22. Копылов А, О поняии «национальная безопасность» в американской политологии // Безопасность. - 1996, - №3-4;
23. Коргунюг Ю.Г., Заславский С.Е. Российская многопартийность: становление, функционирование, развитие. М.: ФондИНДЕМ, 1966.
24. Кравченко И. Дипломатическая история США (1844-1919). М.: Научная книга, 2002
25. Котляр В. Развитие стратегических концепций США и НАТО после 11 сентября 2001 г, - М.: Научная книга, 2003;
26. Коэн А. США, страны Центральной Азии и Кавказа: проблемы и перспективы взаимоотношений // Центральная Азия и Кавказ. - 2000. - №2;
27. Мельников Ю. Внешнеполитические доктрины США. Происхождение и сущность программы «Новых рубежей» президента Д.Кеннеди – М.: Наука, 1970;
28. Милованова М.Ю. Партнёрство политических партий и общественных объединений как социальная база модернизации современной России. Вестник РГГУ, №2, 2012.
29. Мирзоев С.Т. Афганский кризис и его влияние на трансформацию региональной безопасности в Центральной Азии: геополитический аспект. Автореферат на соискание ученой степени доктора политичсеких наук. Душанбе, 2020.
30. Негматов Н. Таджикский феномен: история и теория. Душанбе, 1997.
31. Никитина Ю. Публичная дипломатия в работе межправительственных организаций: ОДКБ и ШОС // Публичная дипломатия: Теория и практика / под ред. М.М. Лебедевой. М. : Аспект Пресс, 2017. С. 112–127.
32. Рудов Г.А. Центральная Азия. Кавказ, Балканы. Региональные подсистемы и региональные проблемы безопасности. - М., 2005;

33. Справка по таджикско-американскому сотрудничеству. Департамент информации и связи Министерсгва иностранных дел Республики Таджикистан.
34. Саидмуродов А. Особенности развития двусторонних отношений США и Республики Таджикистан в современных условиях: состояние и перспективы//«Вестник Таджикского национального университета» (ТНУ). - Душанбе. - 20П. - №3.
35. Саидмуродов А. Предпосылки развития политики США в Республике Таджикистан//Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир». - Душанбе. - 2011.-№3.
36. Сайидзода 3. Внешяя политика Тадзкикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004гг.). Монография.-Душанбе: ООО «Контраст», 2010.
37. Сатторзода А., Султонов М. Дипломатияи парлумонӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тҷикистон. Душанбе: Истеъдод, 2010.
38. Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. – 258с.
39. Шарафёр, Шарофуддин. Хусусиятҳои моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва дахолати кишварҳои хориҷӣ ба онҳо. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.06. - Низоъшиносӣ. Душанбе, 2021. - 49с.
40. Шляхтунов А.Г. Экономическая политика НАТО как фактор усиления военной мощи на постсоветском пространстве и ее влияние на военную безопасность России // Вестник Екатеринбургского университета. ISSN: 1997-6968. № 3 (47) 2019. - С.66-70
41. Юсуфжанов Ф.М. Таджикистан в системе международных отношений. Душанбе: Империя-Групп, 2020.- 180с.
42. Азимзода Т.С. Нақши дипломатияи иттилоотӣ дар пешбурди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Центр стратегических исследований при Президенте РТ, 24.10.2017. [Электронный ресурс]. – http://www.mts.tj/index.php?option=comcontent&view=article&id=926%3A2017-10-24-09-41-47&catid=107% 3A2013-05-27-06-17-24&Itemid =140&lang=tj
43. Астана Таймс (2021). Премьер-министр Казахстана предлагает создать Деловой совет ЕС – Центральная Азия для содействия торговле и инвестициям //https://astanatimes.com/2021/11/ kazakh-pm-proposes-to-establish-eu-central-asia-business-council-to-facilitate-trade-and-investment/. Дата обращения: 02.12.2021
44. Бейкер Росс, Раскин Джейми. Изжила ли себя коллегия выборщиков?- http://www.democracy.ru

45. Белый Дом вскоре опубликует Стратегию США по Центальной Азии // https://www.swissinfo.ch/rus/белый-дом-вскоре-опубликует-стратегию-сша-по-центральной-азии---госдепартамен/45465250
46. Вохидова С. Обеспокоенность глав государств Таджикистана, Франции и Евросоюза за мир в Афганистане // www.osiyoavrupo/tj
47. Вохидова С. Президент Франции Эманнуэл Макрон поприветствовал позицию Таджикистана по Афганистану // www.osiyoavrupo.tj
48. Глобализация стратегических амбиций. Критический анализ «Стратегии национальной безопасности -2017» Дональда Трампа // https://doi.org/10.46272/2587-8476-2017-0-4-86-95
49. Дипломатические отношения США и Таджикистана // https://tj.usembassy.gov/ru/our-relationship-ru/policy-history-ru/embassy-fact-sheets-ru/
50. Европейская комиссия (2021). Экономический форум ЕС – Центральная Азия: сближая регионы// https://ec.europa.eu/commission/presscorner/detail/en/ip_21_5841 . Дата обращения: 02.12.2021.
51. Ирина Джорбанадзе. США придумали как «присвоить» Центральную Азию //https://www.rosbalt.ru/ world/2019/ 12/23/1819852.html
52. Заявление по итогам выборов в Кыргызской Республике// https://kg.usembassy.gov/ru/statement-on-the-parliamentary-elections-in-the-kyrgyzstan-republic-ru/
53. Заявление по поводу текущей ситуации в Кыргызской Республике// https://kg.usembassy.gov/ru/statement-on-the-current-situation-in-the-kyrgyz-republic-ru/
54. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Маҳдум Шоҳ Маҳмуд Қурейшӣ. 25 августи соли 2021. http://president.tj/node/26366
55. Ризоён Ш. Инструменты «мягкой силы» и реализация национальных интересов Республики Таджикистан. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, 20.09.2017. http://www.mts.tj/ru/index.php?option=com_cont ent&view= article&id=782%3A2017-09-20-09-44-54&catid=143%3A2013-05-27-06-47-01&Itemid=144&lang=ru
56. Россия агрессивна из-за своей слабости»// https://www.golosameriki.com/a/biden-security--strategy/6791312.html
57. Стратегия США в Центральной Азии // http://eurasian-defence.ru/?q=node/6529
58. Стратегия США в Центральной Азии в противодействии России и Китаю // https://www.fondsk.ru/news/2019/12/20/strategia-us-dlja-centralnoj-azii-v-protivodejstvii-rossii-i-kitaju-49732.html
59. Хитахунов А. Экономическое сотрудничество между Центарльной Азией и Европейским Союзом // https://www.eurasian-

research.org/publication/economic-cooperation-between-central-asia-and-the-european-union/?lang=ru
60. Шах М. Потенциал «народной дипломатии» и значение ее применения в Афганистане. Портал «Афганистан.Ру»: http://afghanistan.ru/doc/14632.html

61. Acemogly, Daron and Robinson, James. Why Nations Fail: The Origins of Power, Prosperity, and Poverty. Grown Publishers, New York, 2012.- 419 P.
62. Ashraf Ghani. A Ten-Year Framework for Afghanistan. Washington, DC. April 2009. – p.4.
63. Davis J. Sweeney M. Central Asia in U.S. strategy and operational planning: where do we go from here? The Institute for foreign policy analysis. February. 2004;
64. Donald W. Rogers, ed. Voting and the Spirit of American Democracy: Essays on the History of Voting and Voting Rights in America (University of Illinois Press, 1992)
65. Edwards M. The new great game and the new great gamers: disciples of Kipling and Mackinder Central Asian Survey. 2003. Vol 22. № 1;
66. Human Rights Reports 2009: Tajikistan;
67. International Religious Freedom Report 2009: Tajikistan.
68. Khalilzad Z., Lesser I. Sources of Conflict in the 21' Century: Regional Futures and U.S. Strategy. Santa Monica, RAND, 1998;
69. Lord Carnes, Helle C. Dale. Public Diplomacy and the Cold War: Lessons Learned. [Electronic resource]. – Mode of access: http://www.heritage.org /research/reports /2007/09/public-diplomacy-and-the-cold-war-lessons-learned
70. Nicho L J, Tajikistan: recent developments and U.S. interests. Congressional research service - Library of Congress. Code 98-594. 2005;
71. Nye J. How Sharp Power Threatens Soft Power. *Foreign Affairs*. January 24, 2018. [Electronic resource]. – Mode of access: https://www.foreignaffairs.com /articles/china/2018-01-24/how-sharp-power-threatens-soft-power
72. Nye J. Public Diplomacy and Soft Power. *The Annals of the American Academy of Political and Social Science*. 2008. Vol. 616, pp. 94-109.
73. Nye J. Soft Power and Cultural Diplomacy. *Public Diplomacy Magazine*, 2010 (winter), issue 3, pp.120-124.
74. Seib Ph. Public Diplomacy and Hard Power: The Challenges Facing NATO // The Fletcher Forum of World Affairs. 2014. Vol. 38, is. 1. P. 95–100.
75. Schindler C. Proactively preserving the inward quiet: Public Diplomacy and NATO // Defence Strategic Communications. 2015. Vol 1, is. 1.

76. Silencing Central Asia: The Voice of Dissidents. Hearing before the Subcommittee on the Middle East and South Asia of the Committee on International Relations, House of Representatives, lO?" Congress, 1 Session, 18.07.2001, p.56;
77. The Ecology of Democracy. Finding Ways to Have a Stronger Hand in Shaping Our Future. By David Mathews, 2014.
78. The National Security Strategy for a new century 1997; The National Security Strategy of the United States of America 2002;
79. Quadrennial Defense Review Report September 30. 2001;
80. U.S. Department of State. Bureau of Democracy, Human Rights and Labor. October 26,2009.
81. U.S. Department of State. Tajikistan Country Report on Human Rights Practices for 2000;
82. United States Assistance and Economic Strategy for the New Independent States. U.S. Policy Toward the New Independent States; Hearing before the Committee on Foreign Affairs, House of Representatives, 103"" Congress 2"" session, January 25, 1994. Washington, 1994;
83. United States General Accounting Office. Report to the Chairman, Committee on International Relations, House of Representatives: Foreign Assistance, U.S. Economic and Democratic Assistance to the Central Asian Republics. Washington, 1994;
84. United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity // https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-prosperity/#.XlD0fhJRq2M.email
85. National Security Strategy of the United States. October 2022 // https://www.whitehouse.gov/wp-content/uploads/2022/10/Biden-Harris-Administrations-National-Security-Strategy-10.2022.pdf
86. National security strategy of the United States. May 2010. Washington, DC, 2010. P. i, 2, 3, 19, 47.48, 5, 44 // http://www.whitehouse.gov/sites/default/files/rss_viewer/national_security_strategy.pdf>
87. State of emergency in Kyrgyzstan as troops deployed amid growing unrest. Story by Reuters: https://edition.cnn.com/2020/10/09/europe/kyrgyzstan-troops-state-emergency-intl/index.html
88. Just what is happening in Kyrgyzstan? By Andrew Wachtel: https://www.opendemocracy.net/en/odr/just-what-happening-kyrgyzstan/
89. Readout of President Biden’s Virtual Meeting with President Xi Jinping of the People’s Republic of China 16.11.2021// https://www.whitehouse.gov/ briefing-room/statements-releases/2021/11/16/readout-of-president-bidens-virtual-meeting-with-president-xi-jinping-of-the-peoples-republic-of-china/